ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

**Аминҷон ЗАРИФӢ,**
**устоди Коллеҷи политехникии**
**ноҳияи Зафаробод, вилояти Суғд**



# НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ДУАЛӢ - ЗАМИНА БАРОИ РУШДИ САРМОЯИ ЗЕҲНӢ

Таҳлили Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз Паёми соли 2000-ум то Паёми соли 2023, қадамҳои устувору муқаддас бар самти эҳёи давлатдории миллӣ ва ҳалли мушкилоти таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, сохтани роҳҳо барои раҳоӣ аз муҳосираи иқтисодию сиёсӣ, сохтани неругоҳҳои барқӣ, сохтмон ва истифодаи инфрасохтори истеҳсолӣ бахри таъминот ба ҷойи кор, таъмир ва сохтмони муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қуввахои мусаллаҳи ҷумҳурӣ ва чандин масъалаҳои фарҳангию таконбахши худогоҳию хештаншиносӣ буданд, ки барои миллат ва давлат муҳим ҳастанд.

Хатти сабзе, ки дар умқи ҳамаи Паёмҳои Пешвои миллат мегузарад, ин ҳифз, тарбия ва истифодаи сармояи зеҳнии миллат аст. Дар Паёми соли 2023 низ ин нуктаи муҳим махсус зикр гардид: **“Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.”**

## Сармояи инсонӣ чист ва чӣ гуна аз он бояд истифода намуд?

Имрӯз аз тариқи сармояи зеҳнӣ олами иқтисодӣ таҳаввули ҷадид пайдо намуда, сармояи молиявии як барномасоз, ки тавассути сармояи зеҳнии хеш ба даст овардааст, баробар ё бештар аз даромади миллии баъзе давлатҳо мебошад. Садҳо мисол метавон аз пайкори шахсиятсози ашхоси муваффақ ва сармоядори ҷаҳон овард, ки танҳо бо воситаи дониш, хирад, заковат, зеҳнияти баланди пӯёву ҷӯёи хеш ва истифодаи зеҳнияти афроди дорои маънавияти воло аз фарши нотавонӣ ба арши тавоноӣ расидаанд. Агар олим Алфред Нобел бо кашфи кибрит ва борут ба инсоният шоҳроҳи бузургро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт аз рӯзгор то саноат боз намуда бошад, имрӯз сармояи боқимондаи он дар рушди илм ва ҳавасманд сохтани олимону ихтироъкорон (манзур Ҷоизаи Нобел) масраф мегардад, ки нишони чашмаи зоянда ва мероси поянда будани дурри хиради инсонист.

Дар замони рушди босуръати илмҳои техникӣ ва технологӣ давлате пешсафи ин рақобат аст, ки аз захираҳои илмӣ ва зеҳнӣ босамар истифода кардааст. Ҳикмати “Илму давлат қарини ҳамдигаранд!” имрӯз арзишмандтар гардида, зеро ҳар киро ақл нест, давлат нест. Пас, бешак сармояи зеҳнӣ ё сармояи инсонӣ муҳимтарин сарвати бепоён аст, ки кафолати зиндагии борифоҳро медиҳад. Зеро захираҳои табиӣ: назири об, нафт, газ, ҷангал, ангишт, тилло, нуқра, маъданҳои рангаю сиёҳ, олами набототу ҳайвонот ва чанде дигар тамомшавандаанд, лек захираи ақлонӣ-хиради инсон махзанест беинтиҳо ва онро ҳарчи бештар истифода бубарӣ, ҳамон андоза афзунтар мегардад. Агар ба таърихи рушду камолоти давлатҳои абарқудрати имрӯза ва классикии ҷаҳон аз даричаи хирад нигарем, аён мегардад, ки сармоягузорӣ ба илм, ихтироъкорӣ, кашфиёт инсонро бо киштиҳои навсохти бодбонию буғӣ, мазутию атомӣ ба шаш қитъаи олам бурд, бо кашфи чархболу ҳавопаймо, киштиҳои кайҳонӣ ба кайҳон расонид, ҳазорон чоҳи нафту газ, кони тиллою нуқра, лоҷуварду фирӯза ва ғайраро боз намуд. Хуллас, миллатҳои бедор ва саҳархези таърихи куҳану навин калиди илмро дарёфтаву бо он соҳиби ганҷи замину осмон гардидаанд, ки шоистаи омӯзиш ва лоиқи пайравӣ ҳастанд. Чунончи, муъҷизаи сохтаи хиради як муҳандиси фаронсавӣ Густав Эйфел бо конструксияи оҳании меъмор Стефан Совестер бо баландии 330 метр яке аз ҳафт муъҷизаи олам аст ва дастгирию як бор сармоягузорӣ бар он, садсолаҳост чун

оҳанрабо бо ҷалби сайёҳони ҷаҳон ба хазинаи давлат зар мерезад.

Давлати Сингапур солҳои 50-уми асри бист яке аз давлатҳои қашшоқи Осиё ба шумор мерафт. Дар натиҷаи ислоҳот, қабули усули нави таълим, воридсозии технологияи навтарин ҷаҳиши иқтисодӣ намуда, ба даҳгонаи давлатҳои рушдкардаи олам ворид шуд ва унвони “Бабри иқтисодии Осиё”-ро соҳиб гашт. Бо истифодаи неруи зеҳнӣ, ақлонӣ, хирад, дониш, маърифат, ихтироъкорӣ ва садҳо зеҳниятҳои нуҳуфтаи насли наву ҷавон ба давлате иборат аз шаҳр-мегаполисҳои асрорангези бисёрошёна табдил гашт. Истифодаи неруи хиради инсонӣ захираи бепоёнест, ки асоси ҳамаи рушд ва такомул мегардад. Дар ин радиф метавон сирри рушди босуръати давлати Япония дар самти электроника, радиотехника, технологияи компютерӣ, роботсозӣ, нанотехнология, Олмон дар саноати мошинсозӣ, ИМА дар самти ҷалби неруи зеҳниятҳои закӣ ва нобиғаи ҷаҳонӣ, додани имкони рушд ва истифодаи он, ба тамоми ширкатҳои барномасоз, дастгирию роҳандозии ташаббусҳои инноватсионӣ дар самти робототехника, яроқу аслиҳа, техникаи ҷангӣ, филмофарӣ ва чанде дигарро метавон зикр кард. Таҷрибаи “Ҷаҳиши иқтисодӣ”-и палангҳои Осиёи назири Кореяи Ҷанубӣ, Тайланд, Малайзия, Индонезия ва чанде дигар собит месозад, ки танҳо рӯй овардан ба илм, технология, истифодаи сармояи инсонӣ миллат ва давлатро бар зинаи рушду такомул, рифоҳу озодӣ, тавону қудрат ва ному мақом меорад ва поянда месозад.

### Тадбир дар тақдирсозӣ

**Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад.**

**Иқтибос аз Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Талаботи ҷаҳонии бозори меҳнат бар он аст, ки танҳо мутахассиси варзидаи бо кулвори илму дониш ва таҷрибаю заковат мусаллаҳ метавонад ҷавобгӯи ин рақобатҳои шадид гардад. Яъне, имрӯз бозори ҷаҳониро технологияи рақамӣ, зеҳни сунъӣ, барномаҳои илмиву инноватсионӣ, нанотехнологӣ банд намудаанд, ки оҳиста-оҳиста ҷойгоҳи баъзе аз касбу ҳунарҳои инсониро аз худ менамоянд. Аз ҷумла, давра ба давра ҷойи меҳнати ҷисмонӣ ва машғулиятҳои кории инсонро технологияи ҳушманд, роботҳои закӣ, техникаи худкор, дастгоҳҳои иттилоотии бо нақшаву барномаҳои дорои хотираҳои миллион ва миллиардгигабайтӣ мегиранд, ки ин раванд бебозгашт аст. Яқин аст, ки дастовардҳои хиради инсон тавассути ҷараёни ҷаҳонишавӣ ягон хатти сарҳаду мулку давлатро канор намегузорад, ба вижа, кишвари моро. Зеро **“Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор медонем...” (Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)**, ки бо эҳёи заковати аҷдодӣ, хиради меросӣ, генофонди ориёии хеш аз ин имтиҳони замон бо сарбаландӣ мегузарем, зеро миллати фарҳангсолори мо чандин бор аз тӯфони сангини таърих гузаштааст. Аммо дар ин самт ба гуфтаи ҳикматбори Пешвои муаззами миллат зиракии сиёсӣ, хиради азалӣ ва бедориву ватандӯстдорӣ зарур аст. Зеро ин тӯфон метавонад, фарҳангҳо, забонҳо, миллатҳо ва давлатҳоро ба нобудӣ бикашад.

Дар ин самт ҷомеашиносон, таҳлилгарон ва файласуфону иқтисоддонҳои варзидаи сатҳи ҷаҳонӣ низ бонги ҳушёрӣ задаанд. Пас, суоли таърихии “Чӣ бояд кард?” пешорӯи мост, то посухи арзишманду натоиҷбахш барои миллат бидиҳем. Ҳазор сол муқаддам бобокалони мо устод Рӯдакӣ ҳидоят дода буданд, ки “**Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир, Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд**”.

Дар замони 32 соли Истиқлоли давлатӣ мо дар маорифи кишвар чандин низоми таълим ва дар дохили он чандин шохае бо талаботи хосро ҷорӣ сохтему таҷриба намудем. Дар кушодани гимназияву литсей, коллеҷҳо, мактабҳои хусусӣ, мактабҳо барои кӯдакони болаёқат, мактабҳои президентӣ, муассисаҳои муштарак бо кишварҳои дигар, боз намудани филиалҳои коллеҷҳо, донишгоҳу донишкадаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, додани квотаву бурсияҳо барои таҳсил дар хориҷи кишвар таҷриба омӯхтем, ки ба манфиати кор аст...

### Низоми таълими дуалӣ (дусамтӣ)

Таҷрибаи давлатҳои пештози саноатӣ бо низоми таълими дуалӣ (дусамтӣ) масъалаи ҳамбастагии назария ва амалияро дар истеҳсолот корбаст сохтаанд, ки афзалият ва нафъоварии

## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

он собит гардидааст. Низоми дуалии таълим чист? – Он модели таълим аст, ки ҳамбастагии таълим бо истеҳсолот ва инноватсияро тангтанг фаро мегирад. Ин низоми таҷрибашудаи давлатҳои классикии Аврупо, Амрико ва дигар мамлакатҳои рӯ ба рушд аст, ки дар он назария дар литсейҳои касбӣ, коллеҷҳои техникӣ, донишгоҳу донишкадаҳо ва қисмати амалия бевосита дар корхонаҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолот омӯзонида мешавад. Корхона ва ташкилотҳои илмию истеҳсолӣ вобаста ба талабот ва ҷойи кор шумораи муайяни мутахассисонро дархост медиҳанд ва ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, интихоби фанҳои зарурӣ, миқдори соатҳои фаъол ва ғайрифаъоли он бевосита иштирок менамоянд. Яъне, муассисаи таълимӣ мутобиқи талаботи низоми бозоргонии меҳнат мутахассисони соҳавиро дар асоси шартномаи тарафайн бо ҳунарҷӯй барои намудҳои ҷудогонаи истеҳсолот омода месозад ва пешниҳод мегардонад. Дар ин секунҷаи баробарпаҳлу аз як тараф таълимгоҳ ва дар ду паҳлуи дигар корхонаи истеҳсолӣ ва ҳунарҷӯ дар вобастагӣ қарор мегиранд. Дар марказ дастовардҳои инноватсионӣ ва тақвиятдеҳи зеҳният, касбият, малака, эъҷозу ихтироъкорӣ чун тавозуннигоҳдор ҷой мегирад. Дар низоми таълимоти дуалӣ нақши кордиҳанда бузург аст, он ба сифати таълим, раванди таҷрибаомӯзӣ ва ҷойи кор дар корхона барои ҳунарҷӯ назорат мебарад. Он барои рақобатпазирии мутахассиси оянда барои рушди корхона, фирма, биржаи худ дар талош аст ва тамоми дастовардҳои илмӣ-технологиро муҳайё месозад.

Низоми дуалии таълим аввалин бор дар Олмон татбиқи амалии худро ёфтааст ва сипас, дар чорчӯбаи қонун ворид карда шуда, аз тарафи палатаи савдо ва саноати ин давлати саноатӣ идора карда мешавад. Афзалиятҳои таълимоти дуалӣ ин бештар ҷудо шудани соатҳои таълимӣ ба қисми таҷрибаомӯзӣ буда, баъзе камбудиҳои низоми анъанавии таълимро ислоҳ месозад. Барои ҳунарҷӯ - мутахассиси оянда малакаи масъулиятшиносӣ ва мустақилиятро ташаккул медиҳад. Ҳунарҷӯ аз натиҷаи фаъолияти худ даромад мегирад, маҳсулоти сохтаи худро баҳогузорӣ менамояд ва барои беҳтар шудани сифати он, шаклу тарҳи он кӯшиш менамояд. Мутахассиси оянда дар истеҳсолот таҷриба, рақобатпазирии корхона, усулҳои идоракунӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, ҳисоби муҳосибӣ ва чандин зинаҳои фаъолияти идоракуниро аз худ менамояд. Корфармо дар ин раванд барои худ мутахассиси варзидаро ҷида мегирад ва метавонад ба дигар корхонаҳои бо чунин мутахассис ниёзманд дар асоси шартнома мубодилаи корӣ ва тиҷоратӣ намояд, ки ин барои баланд гардидани рейтинги муассисаи таълимӣ ченаки муҳим бо талаботи иқтисоди бозоргонист. Дар ин низом арзиши мутахассисро на доштани диплом, балки малакаву маҳорат, истеъдод, дониши бунёдӣ, донистани якчанд забони хориҷӣ, корбарӣ бо барномаҳои компютерӣ, фаъолият бо технологияи навтарин, этика, муошират, эстетикаи корбарӣ, заковати менеҷерию маркетологӣ нишон медиҳад. Дигар афзалияти ин низом дар он аст, ки хатмкунандагони соҳибмалака пурра ба ҷойи кор таъмин мегарданд.

Назокати ҳар низом вобастаи зеҳният, тафаккур ва арзишҳои ҷомеа буда, ин масъаларо зарур аст, давра ба давра бо ташкили бештари корхонаҳои хурди истеҳсолӣ онро амалӣ намуд. Ин низомро метавон бо боло бурдани тафаккуру маърифати техникии ҷомеъ амалӣ сохт. Тоҷикистон махзани ганҷҳои рӯизаминӣ ва зеризаминист, танҳо донишҳои техникӣ лозим аст, то маҳсулоти кишоварзӣ ва сарватҳои зеризаминӣ босифат коркард гарданд ва дар шакли маҳсулоти саноатӣ пешниҳод шаванд. Соҳибкор, ки ҳар дақиқа барояш қиммат аст, кӯшиш менамояд, коргари ҳушманд, мутахассиси доною соҳибкасбро ба кор гирад, то маҳсулоти коргоҳаш босифат ва рақобатпазир бошад. Пас, дар ин самт қолабшиканӣ зарур аст. Танҳо он ихтисосҳоеро интихоб ва таълим бояд дод, ки дар бозори меҳнат ба онҳо талабот ҳаст. Ин ҷо масъалаи ихтисосҳои бисёршоха ё бо тақозои корфармо тағйирёбандаю мутобиқшаванда зарур аст. Масалан, мутахассиси соҳаи нақлиёти автомобилӣ маҳорати ронандагӣ, идоракунӣ ва танзими ҳаракат, таъмир, хизматрасонии техникӣ, муоинаи техникӣ-автоматӣ-компютерӣ, ҳунари кафшергарӣ, таъмири низоми барқ, маҳорати кор бо навъҳои гуногуни нақлиёти мусофиркашу боркашониро дошта бошад. Илова бар он, дар коргоҳ вобаста ба намуди фаъолияти он дониш, малака, маҳорати касбӣ бояд пайдо намояд. Дар он ҳолат соҳибкор ба ҷои се нафар як мутахассиси соҳибмалакаи ҳунармандро ба кор гирифта, ҳавасманд месозад.

## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

**Зеҳни сунъӣ - ҳамқадамӣ бо ҷаҳонишавӣ**

Пеш аз он ки манфиати корбасти зеҳни сунъӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодиро баён созем, зарур аст, пиромуни чӣ будани он маълумоти мухтасар пешниҳод намоем. Зеҳни сунъӣ аз забони англисӣ - **ARTIFICLAL INTELLECENCE (AI)** таркиб ёфта, ба маънои маҷозии "инсон дар дохили компютер" ифода мешавад. Зеҳни сунъӣ беҳтарин дастоварди хиради инсонист, ки аз рӯйи барномаи мукаммали компютерӣ механизмҳо, робот, дронҳо ва микротехникаю нанотехнологияҳо амалиётҳоро иҷро менамоянд, ки аз қудрати дасту пойи инсон берун аст.

Дар нимаи дуюми асри XX кишварҳои рушдкарда дар саноати мошинсозӣ, авиатсия, киштиҳои кайҳонӣ, дорусозӣ, хидматрасониҳои авиатсионӣ, зериобӣ ва дигар инфрасохтори маишию манзилӣ аз аввалин имкониятҳои зеҳни сунъӣ истифода мебурданд. Имрӯз ин дастовардҳо дигар махфӣ нестанд, балки бар нафъи тамоми инсоният хидмат менамояд. Имрӯз хидматрасонии лифт барои биноҳои бисёрошёна, идораи нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ бо барномаи автопилот, хидматрасонии бонкӣ дар банкоматҳо, истифодаи робототехникаи кишоварзӣ: хишовагар, гардолудсоз, обмон, истифодаи бисёрсамтаи телефонҳои дастӣ як амалиёти маъмулӣ шудааст, ки ҳамаи он қадамҳои аввалияи зеҳни сунъӣ мебошанд. Барномаҳои мукаммали бисёрсамтаи **CHATCPT** – чат-бот, барномаи бозии шоҳмот - **Deep Blue**, барномаи бозиҳои гуногуни шавқовар - **Alphaco**, барномаи дарёфти суруд ва мусиқии дилхоҳ аз ҷаҳони санъат-**Watson**, барномаи мукаммали ташхису таҳлили тиббӣ-**MyCIN**, барномаи мусаввирӣ, кашидан, ивазнамоӣ, рангу бор ва дигар маҳорати дизайнӣ-**MidJorney** ва **ArtisseAl**, инчунин, садҳо барномаи навине, ки соат ба соат аз ихтироъ ва дастовардҳои зеҳни инсонӣ мужда медиҳанд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ - сомонаҳо фаровон мебошанд. Асри XXI асри инноватсия ва рушди зеҳнхост. Дастовардҳои хиради инсоният тавассути расонаҳо саривақт вориди ҷаҳони маънавӣ ва фарҳангии мо мегардад. Пас, зарур аст, то аз ин таҷрибаҳо бештар омӯзем, зеро бе тақвияти донишҳои техникӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ наметавонем дар рақобати ҷаҳони сармоя эмин бимонем.

Афзалияти зеҳни сунъӣ, махсусан, дар тиб, ҳангоми ивазнамоии узвҳои иллатёфта, ҷарроҳӣ, саноати дорусозӣ муҳим аст. Барои шаффофияти муносибатҳои тиҷоратӣ, рушди иқтисод, бонкдорӣ, андозу андозбандӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, танзим ва назорати истеҳсолот, идоракунии корхонаву муассисаҳо хеле заруру муфид аст. Ин ҷо омилҳои инсонӣ чун хатоиҳо, бемасъулиятӣ, дермонӣ, ҳиссиёти шахсӣ, тамаъ ва ришвагирӣ аз миён рафта, фаъолияти дақиқ, шаффоф, фаврӣ, бехатар омили рушд мегардад. Сармояи зеҳнӣ сарватест, бебаҳо ва беохир ва ба қавле **"Чоҳҳои хушкнашаванда"**-и инсонист, ки на танҳо як нафар, як оила ё як авлодро, балки як халқу миллат ва минтақаи оламро сарватманду пешрафта месозад. Ҷаҳониён ному пайкор ва сарвату дороиҳои аввалин барномасозон ва кашшофони ин "Чоҳҳои хушкнашаванда" - **Ҷон Фон Нейман, Стивен Поло Ҷобс, Билл Гейтс** ва даҳҳо шогирду пайрави онҳоро медонанд, ки номбардори хиради инсонӣ ва таҷассуми ашрафияти одамӣ ҳастиянд.

**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем!**

Миллати шариф ва фарҳангии тоҷикро зарур аст, то дар ин асри талотумҳои ҷаҳонишавӣ, аз нав оғоз гардидани ҷангҳои иттилоотӣ, фарҳанграбоиҳо, хавфи аз нав тақсимшавии қудратҳо, ташкили нуқтаҳои нав ба нави ҷанг дар манотиқи гуногуни олам барои санҷиши яроқу аслиҳаи кимиёӣ, биологӣ, техникаю таҷҳизоти оташфишони лазерӣ бо моддаҳои радиоактивӣ, истифодаи ҳавопаймою чархболҳои бесарнишин, роботсарбозони ҷаллод ва садҳо барномаҳои зиёновар, манкуртсозу дигар найрангҳои девсорони давр ҳушёр ва донистакор бошад. Зарур асту масъулияти мост, то дар эҳёи арзишҳои инсонгароёна, хирадсоз, озодаманиш ва фарҳангсолори Ориёӣ кӯшову ҷонфидо бошем ва на танҳо насли хешу миллати худ, балки дар раҳоии насли башар аз вабои бехирадӣ, мазҳабгароӣ, хурофоту ҷаҳли асримиёнагӣ, ифроту таассуб ҷораандешу раҳнамо гардем. Зеро ин рисолат дар хилқати мост ва ҳақ бар ҷониби паёмбари шеъри озодагон Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аст, ки мефармояд:

**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем!**
**Набошад ҳаме неку бад пойдор,**
**Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.**

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ,**
**Номвар ҚУРБОН,**
**муовини директор оид ба илм ва таълими Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент**





# НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФОРУМҲОИ ҶАҲОНИИ ОБ

Яке аз институтҳои байналмилалии марбут ба мушкилоти глобалии об Шурои Ҷаҳонии Об (World Water Council) мебошад, ки соли 1996 таъсис ёфта, 260 созмонро аз 52 кишвари ҷаҳон муттаҳид месозад. Шурои мазкур 358 узв дошта, ниҳодҳои марбутаи СММ, созмонҳои байниҳукуматӣ, ҳукуматҳо, вазорату идораҳои мухталиф, бахши хусусӣ (ширкатҳои сохтмонӣ, муҳандисӣ, истеҳсолӣ), муассисаҳои илмӣ ва гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ узви он ҳастанд. Муассисон ва узви таркибии Шурои Ҷаҳонии Об Комиссияи байналмилалӣ оид ба обёрӣ ва заҳбур (ICID), Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат (IUCN), Ассотсиатсияи байналмилалии об (IWA), Федератсияи байналмилалии операторони хусусии об (AquaFed), Suez Lyonnaise des Eaux (Иттиҳодияи фаромиллии фаронсавӣ), Барномаи рушди СММ (UNDP), Идораи СММ оид ба маориф, илм ва фарҳанг (UNESCO) ва инчунин, Бонки ҷаҳонӣ мебошанд.

Мувофиқи Принсипҳои Дублин (соли 1992) ва дар посух ба қарори Конференсияи вазирону шахсони расмӣ оид ба оби нӯшиданӣ ва беҳдошти муҳити зист, ки моҳи марти соли 1994 дар шаҳри Нюрдвейки Нидерланд баргузор шуд, Ассотсиатсияи байналмилалии захираҳои об зимни яке аз ҷаласаҳои худ дар соли 1994 (Қоҳира, Миср), барои омӯзиши консепсияи Форуми ҷаҳонии об, ба кумита дастур дод, то корҳои омодагиро ҷиҳати таъсиси Шурои Ҷаҳонии Об ба анҷом расонад. Кумитаи мазкур бори аввал моҳи марти соли 1995 дар шаҳри Монреал (Канада) ва маротибаи дуюм моҳи сентябри ҳамон сол дар шаҳри Бари (Италия) ҷаласаҳояшро доир намуд. Зимни баргузории ин ҷаласаҳо ҳадафу вазифаҳои Шурои Ҷаҳонии Об, ки 14 июни соли 1996 дар шаҳри Марсел (Фаронса) расман таъсис ёфт, муайян карда шуданд.

Яке аз дастовардҳои асосии ин шуро саҳми назарраси он дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба мушкилоти глобалии об ва сафарбарнамоии сиёсӣ мебошад, ки тавассути баргузории Форуми ҷаҳонии об ноил мегардад. Форум ҳамчун заминаи мусоид ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об хидмат намуда, платформаи муҳиме мегардад, ки дар он сиёсатмадорону тасмимгирандагон аз тамоми манотиқи кураи арз дар баррасӣ, муҳокима ва кӯшиши пайдо намудани роҳҳои ҳалли таъмини бехатарии обӣ дар сайёра ширкат меварзанд.

Шурои мазкур дар ҳамкорӣ бо давлати мизбон ҳар се сол як маротиба Форуми ҷаҳонии обро баргузор мекунад, ки бузургтарин чорабинии байналмилалӣ дар соҳаи об аст. Аз соли 1997 то имрӯз 10 форум – (Марокаш, 1997), (Нидерланд, 2000), (Ҷопон, 2003), (Мексика, 2006), (Туркия, 2009), (Фаронса, 2012), (Кореяи Ҷанубӣ, 2015), (Бразилия, 2018), (Сенегал, 2021) ва (Индонезия, 2024) доир гардида, Форуми 11-уми ҷаҳонии об соли 2027 дар Арабистони Саудӣ (Риёз) ба нақша гирифта шудааст. Ҳар як Форуми ҷаҳонии об 4 ҳадафи меҳварӣ: 1) баланд бардоштани аҳаммияти нақши об дар Рӯзномаи сиёсӣ, 2) мусоидат ба мубоҳисаҳои амиқ дар ҳалли мушкилоти байналмилалии об дар асри XXI, 3) таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ва таваҷҷуҳи умумӣ ба аҳаммияти онҳо, 4) таҳияи ӯҳдадориҳои сиёсӣ дорад.

Табиист, ки об барои тамоми мавҷудоти

## ТАШАББУСҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО

зиндаи сайёра ва экосистема бағоят муҳим буда, истифодаи оқилонаи он маънои ҳосили фаровон, саломатии бардавом, рушду инкишоф ва таъмини амнияти экологиро дорад. Баръакси он, оби ифлос ба вусъат ёфтани камбизоатӣ, авҷ гирифтани бемориҳо, зиёд шудани обхезӣ, шусташавии хок, шӯршавии замин, ботлоқшавӣ, коҳишёбии биологӣ, таназзули муҳити зист ва муноқишаи байни инсонҳо меорад. Дар навбати худ, идоракунии самараноку истифодаи дурусти захираҳои об ба таҳкими сулҳу субот ва ҳамкорию муносибати дӯстонаи байни миллатҳову давлатҳо, дар асоси принсипҳои адолат ва баробарҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки таъкид кардаанд: «Захираҳои об дар тавсеаи ҳамкории миёни давлатҳо нақши муҳим мебозанд. Дар таърих бисёр низоъҳои байни давлатҳо маълуманд, ки дар асоси ихтилофи назар доир ба масъалаҳои об рӯй додаанд. Вале бояд гуфт, ки об дар аксари мавридҳо на ҳамчун омили ҷудокунандаи одамон ва мамлакатҳо, балки чун муттаҳидсозандаи онҳо нақши муҳим мебозад».

**Форуми якуми ҷаҳонии об** (21-25 марти соли 1997, Марокаш) таҳти унвони «Биниш ба об, ҳаёт ва муҳити зист» бо ширкати зиёди коршиносону намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ баргузор гардида, миқёси хеле васеъ доштани буҳрони ҷаҳонии обро собит намуд. Пас аз анҷоми форум Шурои Ҷаҳонии Об дар баробари қабули Эъломияи Марокаш муваззаф гардид, то ҳуҷҷати махсусеро доир ба дурнамои захираҳои об, ҳаёт ва муҳити зисти сайёра дар асри XXI таҳия намояд. Зеро «Биниши ҷаҳонии захираҳои об» қадами нахуст дар ҳалли буҳрони глобалии об маҳсуб ёфта, зимни баргузории Форуми дуюми ҷаҳонии об рӯнамоӣ гардид ва мавриди истифода қарор гирифт.

**Форуми дуюм** (17-22 марти соли 2000, Гаага) бо баргузории мубоҳисаҳои зиёде дар бораи «Аз биниш ба амал», яъне, биниши оянда ба об ва Барномаи қолабии амал оид ба ҳолат ва дурнамои захираҳои об, иқтидори рушди онҳо, амсилаҳои идоракунию маблағгузорӣ ва таъсири онҳо ба сатҳи камбизоатӣ, рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳити зист доир гардид. Дар рафти форуми мазкур вазифаҳои асосӣ барои оянда, яъне, қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ба об, таъмини маводи ғизоӣ, ҳифзи экосистемаҳо, мубодилаи захираҳои об, идоракунии хатарҳо, ҳифз, танзимнамоӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об муайян карда шуданд. Дар натиҷа, соли 2003 гузориши «Амалҳо оид ба захираҳои об дар ҷаҳон» интишор ёфт, ки дар он 3000 амал номбар ва таҳлил гардида, саъю талошҳои назарраси аҳолии сайёраро барои ҳалли мушкилоти бисёр муҳимми марбут ба об нишон медиҳад. Ҳамчунин, дар доираи Форуми дуюми ҷаҳонии об бори нахуст ҷаласаи вазирон баргузор гардид, ки барои муайян кардани масоили мубрами об мусоидат намуд.

**Форуми сеюм** (16-23 марти соли 2003, Киото, Осака ва Шига) бонуфузтарин конференсия дар соҳаи об буда, дар он 24 000 иштирокдор, аз ҷумла, беш аз 130 вазир, 8 000 меҳмони хориҷӣ аз 170 кишвар ва инчунин, 12 000 сокини Ҷопон ширкат варзидаанд. Давоми 6 рӯзи форум, дар он 351 ҷаласа, ки аз рӯйи аломатҳои «географӣ» ба рӯзҳои минтақавӣ (Африқо, Осиё ва Уқёнус, Амрико, Шарқи Наздик ва Баҳри Миёназамин, Аврупо) тақсим шуданд, доир гардида, дар онҳо мавзуъҳои обу иқлим; обтаъминнамоӣ; беҳдошт ва ифлосшавии об; об ва муҳити зист; идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об; об, кишоварзӣ ва озуқа; об ва паст кардани камбизоатӣ; сарбандҳо ва рушди устувор ва ғайра, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

**Форуми чорум** (16-22 марти соли 2006, Мехико) таҳти унвони «Амалҳои минтақавӣ барои хатарҳои глобалӣ» баргузор гардида, мавзуъҳои меҳварии онро таҳлили масоили афзалиятноки раванди об вобаста ба истифодаи об дар доираи стратегияҳои рушд, гузариш ба идоракунии маҷмуии захираҳои об, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳо дар соҳаи об ва беҳдошт, ҳифзи захираҳои об ҳамчун ҷузъи муҳимми муҳити зист, коҳиш додани офатҳои марбут ба об ва инчунин, баррасии мушкилоту имконоти мушаххасе, ки институтҳо ва созмонҳои гуногуни хусусию ҷамъиятӣ дар самти устувории экологӣ дучор меоянд, ташкил медиҳад.

**Форуми панҷум** (15-22 марти соли 2009, Истанбул) бо номи «Бартараф намудани ҳудудҳои тақсимкунандаи об» баргузор шуда, мавзуи асосии он чорроҳаи географии байни Осиёву Аврупо, Ховари Миёнаву Африқо, Шимолу Ҷануб ва инчунин, монеаҳои консептуалӣ дар байни фарҳангҳои гуногун оид ба об, сарватмандону камбизоатон, манотиқи пешрафтаву рушдёбандаи ҷаҳонро таъкид

## ТАШАББУСҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО

мекард. Мафҳуми «бунёди иртиботот» ва баланд бардоштани дарк ва такмили табодули иттилоотро байни истифодабарандагон, тасмимгирандагон, коршиносон ва кормандони бахши амалии об дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар бар мегирад.

Мавриди зикр аст, ки дар таърихи форумҳои ҷаҳонии об дар ин форум нахустин бор Пешвои миллати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва яке аз пешниҳодҳои ҷаҳонӣ дар самти обро манзур намуданд.

**Форуми шашум** (12-17 марти соли 2012, Марсел) бо номи «Вақти қабули қарорҳо» доир гардида, дар он 3 самти стратегӣ ва 12 авлавияти асосии амалиёти об муайян карда шуд, то саҳми ҷомеаи ҷаҳониро дар раванди таъмини сайёраи солим, осоишта, шукуфо ва сабзу устувор таъмин намояд.

**Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об** (12-17 апрели соли 2015, Тэгу-Кенгбук) дар як лаҳзаи барои ҷомеаи ҷаҳонӣ бағоят муҳим баргузор гардид, зеро баргузории он бо қабули Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки ҳамчун «нақшаи ноил гардидан ба оянда и беҳтару устувортар барои ҳамагон» аз ҷониби СММ таҳия шудааст, тавъам омад. Ҳамчунин, дар як вақт тавъам омадани баргузории Форуми «Ояндаи об дар дасти мост», таҳияву қабул шудани Ҳадафҳои Рушди Устувор аз тарафи СММ ва пешниҳоду қабул гардидани ташаббуси чоруми ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», падидаи ҷадидест, ки ҷомеаи ҷаҳониро дар масири бехатарии захираҳои об ва таъмини рушди устувори экологии сайёра роҳнамоӣ мекунад.

**Форуми ҳаштум** (18-23 марти соли 2018, Бразилиа) аз он ҷиҳат таърихӣ аст, ки чунин ҳамоиши марбут ба об бори нахуст дар Нимкураи ҷанубӣ баргузор гардида, дар он ҳудуди 100 000 нафар, аз ҷумла, 57 000 ҷавону наврас ширкат варзиданд. Зиёда аз ин, дар форуми «Истифодаи муштараки об» аввалин маротиба 83 судяву додситон дар муҳокимаҳои марбут ба об ва мурофиаҳои судӣ, аз ҷумла, муҳокимаҳо дар бораи ҳуқуқи дарёҳо ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ ё бuҳрони тағйирёбии иқлим ширкат варзиданд.

**Форуми нуҳум** (21-26 марти соли 2022, Дакар) бо номи «Бехатарии обӣ барои сулҳ ва рушд» баргузор шуда, 4 самти афзалиятнок – бехатарии обӣ ва беҳдошт, ҳамкорӣ, об барои рушди деҳот ва маблағгузорию воситаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳадафи меҳварии форумро, ки дар чаҳорчӯбаи инноватсионӣ асос ёфтааст, муайян кардан, пешбарӣ намудан ва амалӣ сохтани вокунишҳо ва амалҳои мушаххас дар соҳаи обтаъминнамоӣ ва беҳдошт ташкил медиҳад.

**Форуми даҳуми ҷаҳонии об** (18-24 майи соли 2024, Бали) ҳудуди 20 000 нафар, аз ҷумла сарони давлатҳо, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, намояндагони мақомоти баландпоя, коршиносон ва соҳибкоронро аз 160 кишвар ба ҳам овард. Мавзуи умумии форум «Об барои шукуфоии муштарак» унвон дошта, ҳадафи он пешниҳоди маълумоти комилан ҷадид дар бораи ҳолати кунунии захираҳои об, мусоидат ба табодули донишу таҷрибаи пешқадам дар самти истифодаи оқилонаю самараноки об ва таҳияи роҳҳалҳои муштарак ҷиҳати рафъи мушкилоти мубрами марбут ба об мебошад.

Ҳамин тавр, ҳар як форум мавзуи меҳварӣ ва ҳадафи мушаххас дошта, дар заминаи он ҳуҷҷати натиҷавие қабул мегардад, ки барои бартараф намудани мушкилоти марбут ба об мусоидат менамояд. Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки қабл аз баргузории форумҳои ҷаҳонии об ва ҷиҳати омодагӣ ба онҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон пайваста ҳамоишу чорабиниҳои сатҳи баланд доир гардида, ҳуҷҷатҳои зарурӣ қабул ва пешниҳод мешаванд. Аз ҷумла, қабл аз Форуми 4-ум Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ (30.05-01.06.2005, Душанбе), пеш аз Форуми 5-ум Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об (27-28.06.2008, Душанбе), қабл аз Форуми 7-ум Конференсияи зерминтақавии омодагӣ (8-9.07.2014, Душанбе) ва пеш аз Форуми 9-ум Конференсияи зерминтақавии омодагӣ дар мавзуи «Бехатарии обӣ барои сулҳ ва рушд» (19-20.11.2021, Душанбе) гузаронида шуданд. Доир намудани конференсияҳо дар шаҳри Душанбе қабл аз баргузории форумҳои ҷаҳонии об шаҳодати бармалои он аст, ки «Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон ба ҳамкории фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар самти мудирияти захираҳои об ва татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи об, инчунин, дар амалисозии фанноварию навовариҳои муосир мусоидат намуданд». Зиёда аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун кишвари ташаббускор ва пешсафи ҳалли масоили глобалии марбут ба об дар ҳама форумҳо фаъолона ширкат меварзад ва иқдомҳои

## ТАШАББУСҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО

аҳаммияти ҷаҳонидоштаро пешниҳод менамояд. Фарзи мисол, аз 5 ташаббуси ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 иқдом маҳз дар доираи се форуми ҷаҳонии об, яъне, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» дар Форуми 3-юм, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар Форуми 5-ум ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар Форуми 7-ум пешниҳод карда шуданд.

**Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба об ва чорабиниҳои байналмилалии сатҳи баланд, ки дар Душанбе баргузор гардидаанд**

| Номи ташаббус | Чорабиниҳои баргузоргардида |
|---|---|
| Соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза, Қатъномаи МУ СММ A/RES/55/196 аз 20.12.2000 | Форуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза, 29.08-01.09.2003 |
| | Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ, 30.05-01.06.2005 |
| Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», Қатъномаи МУ СММ A/RES/58/217 аз 23.12.2003 | Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиии марбут ба об, 27-29.06.2008 |
| | Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи иҷрои амалҳо дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», 8-10.06.2010 |
| | Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», 9-11.06.2015 |
| Соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, Қатъномаи МУ СММ A/RES/65/154 аз 20.12.2010 | Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, 20-21.08.2013 |
| | Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор – «Таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба об ва беҳдошт», 9-10.08.2016 |
| Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», Қатъномаи МУ СММ A/RES/71/222 аз 21.12.2016 | Конференсияи якуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», 20-21.06.2018 |
| | Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар мавзуи «Пешбурди амал ва шарикӣ дар соҳаи захираҳои об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ», 6-9.06.2022 |
| | Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», 10-13.06.2024 |

Боиси ифтихор аст, ки Ватани мо давоми беш аз ду даҳсола масоили марбут ба обро дар доираи Рӯзномаи ҷаҳонии об фаъолона пеш мебарад. Зеро бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат масъалаҳои беҳтар намудани сифати оби нӯшиданӣ, самаранокии истифодаи захираҳои об, ба роҳ мондани идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, ҳифзи низоми экологии об ва дигар масоили марбут ба об ба Рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ворид гардидаанд, ки худ яке аз дастовардҳои муҳимми талошҳои муштараки чанд соли охири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Аз тарафи дигар, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидани иқдомҳои моҳияти глобалидошта дар раванди муттаҳид намудани талошҳои муштараки давлатҳои ҷаҳон дар масири мубориза ба тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби нӯшиданӣ,

коҳиш додани таъсири хатарҳои экологӣ, расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор заминаҳои бунёдӣ ва қадамҳои устувор мегузоранд.

Татбиқи ин ташаббусҳо дар амиқ дарк кардани мушкилоти экологии мавҷуда, пайдо намудани роҳҳалҳо ҷиҳати рафъи ин масоил, коҳиш додани таъсироти манфии онҳо, бартараф кардани пайомадҳои хатароти экологӣ, нигаҳ доштани тавозуни экологӣ ва ҳифзи экосистемаҳо, таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ, вусъат бахшидани саноати камкарбону бепартов ва инчунин, таъмини сулҳу субот саҳми назаррас мегузоранд. Тавъам ба ин ҳама, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 талошҳои худро дар арсаҳои минтақавию байнамилалӣ бо мақсади тақвияти пешравиҳои бадастомада ва дастёбӣ ба натиҷаҳои комилан нав идома медиҳад. Зеро ҳар як ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор заминаи мусоид фароҳам месозад.

Дар баробари форумҳои ҷаҳонии об, яке аз платформаҳои мусоиде, ки ҳам дар ҳалли мушкилоти болозикр ва ҳам дар самти ноил гардидан ба аҳдофи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 саҳми назаррас дорад, платформаи «Раванди оби Душанбе» мебошад. «Раванди оби Душанбе» ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии татбиқи ҳадафҳои иқдомоти ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об аст, ки бо роҳи баргузории конференсияҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо СММ дар 2 сол як маротиба аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшиш мекунад, ки платформаи мазкурро барои пайгирӣ, пешбурд ва дастгирии иҷрои ухдадориҳои Рӯзномаи ҷаҳонии об, инчунин, ҳавасмандгардонии шарикии нав ва суръатбахшии амалҳо дар масири ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор таъмин намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ, дар доираи платформаи «Раванди оби Душанбе» Конференсияи дуюми оби СММ (22-24 марти соли 2023, Ню-Йорк) ва Конференсияҳои якум (20-21 июли соли 2018), дуюм (6-9 июни соли 2022), сеюми (10-13 июни соли 2024) байналмилалии сатҳи баланди Душанберо ба таври шоиста баргузор кард. Бояд қайд кард, ки пас аз 46 сол, маҳз дар доираи ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» Конференсияи оби СММ-2023 гузаронида шуд. Конференсияи СММ оид ба масоили об дар чунин сатҳи баланд ва иштироки васеи ҳукуматҳову ташкилотҳою коршиносон, ҳанӯз соли 1977 дар шаҳри Мар-дел-Плата (Аргентина) баргузор гардида буд. Бинобар ин, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон конференсияи мазкурро таърихӣ унвон карданд, зеро «он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум – баъди қариб 50 сол ба вуқуъ пайваст».

Конференсияҳои «Раванди оби Душанбе» барои пешбурди амалҳо, шарикӣ ва муколамаи сиёсӣ, баррасии раванди татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об, алалхусус, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва мусоидат ба робита бо дигар равандҳои дахлдор, платформаи муайянеро фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, Тоҷикистон маркази дипломатияи об ба ҳисоб рафта, дар ин масъала Душанбе арсаи бузурги баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ дар баррасӣ, муҳокима ва ҳалли масоили ҳаётан муҳимми аҳли башар, махсусан, обу иқлим эътироф гардидааст. Масалан, яке аз ин ҳамоишҳо ва имконоти хуб дар масири ҳаллу фасли мушкилоти мазкур Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» буд, ки дар доираи он 9 форум (Форуми Осиёи Марказӣ оид ба об ва тағйирёбии иқлим, Форуми Африқо оид ба об, Форуми сеюми минтақавии созмонҳои ҳавзавӣ, Форуми байналмилалии пиряххо, Форуми кӯдакону ҷавонон оид ба об ва иқлим, Форуми бонувон ва об, Форуми илм ва технология, Форуми бахши хусусӣ ва Форуми байналмилалии парлумонӣ), 5 муколамаи интерактивӣ, 18 чорабинии иловагӣ ва 1 фестивал баргузор гардиданд.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускору пешсаф дар ҳалли мушкилоти марбут ба об дар форумҳои ҷаҳонии об пайваста ва фаъолона ширкат варзида, баҳри бартараф кардани мушкилоти мавҷуда иқдомҳои илман асоснок, мубрам ва воқеъбинонаро пешниҳод мекунад.

**С. МАВЛОНАЗАРОВ,**
**сарходими илмии Пажуҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор**



# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ – МУҲИМТАРИН РУКНИ МУҚОВИМАТ БО ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

Дар асри XXI, ки онро "Асри иттилоот" унвон кардаанд, таъсири иттилоот ва расонаҳои иттилоърасон ба тафаккури ҷомеа бисёр амиқ ва нишонрас аст. Расонаҳои иттилоърасон ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ табдил ёфтаанд, аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба унсури асосии таъмини амнияти миллӣ мубаддал гардидааст. Зеро иттилоот дар шароити кунунӣ танзимшаванда ва ё идорашаванда буда, дар ҳолатҳои лозима ҳамчун фишанг ва ҳатто, ҳамчун силоҳ низ истифода мешавад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ раванди таъсиррасонии омилҳои байналмилалӣ, аз қабили робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоии ҳар як кишвари алоҳида маҳсуб мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, дар шароити мураккаб ва пуртазодди ҷаҳонӣ саъю кӯшиши хешро бахри ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлол равона намудааст.

Имрӯзҳо терроризм ва экстремизм бо тамоми зуҳуроти номатлубаш ҳамчун вабои хатарнок доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, зарурати дарки амиқ ва пешгирии ҳамаҷонибаро талаб менамояд

Афзоиши зуҳуроти терроризми байналмилалӣ дар манотиқи мухталифи сайёраи мо боиси афзоиши назарраси таблиғот ва интишори ғояҳои террористӣ, ҷалби ҷонибдорон ва ташкили экстремизм ва терроризми иттилоотӣ гардида аст. Воситаи асосии чунин фаъолияти харобиовар имкониятҳои ҳамеша нави воситаҳои интиқоли иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ мебошанд. Дар даҳсолаи охир мисолҳои таблиғи ифротгароӣ ва терроризм дар интернет мушоҳида мешавад, ки ҳеҷ марзу бум надорад.

Бояд гуфт, ки дар зарфи солҳои охир зиёда аз сад мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор аҳолии осоишта ба ҳалокат расида, миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд. Воқеан, бар асари амалҳои террористӣ дар бисёр мамолики дунё одамони бегуноҳ ба ҳалокат расида, шаҳру деҳот ва ёдгориҳои беназири таърихӣ хароб мегарданд, зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда ба миллиардҳо доллар мерасад.

Идомаи ин зуҳуроти номатлуб аз ҳар ҷиҳат хатарро дар пай дошта, на фақат боиси афзоиши таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ мегардад, балки сабаби хурӯҷу афзоиши ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар тамоми минтақаҳои олам шуда, солимии ҷомеаро зери суол мебарад, инчунин, сарбории зиёдро ба буҷети кишварҳо ворид месозад.

Яке аз роҳҳои муосире, ки ақидаҳои мардумфиребонаи ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ тавассути онҳо паҳн гардида, ба амнияти кишвар хатар эҷод менамояд, ин дастрасии умумии иттилоот дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Иттилооти ҳадафмандонаи созмонҳои ифротгаро, ки бар зидди якпорчагии давлат, сохтори конститутсионӣ ва ҳамбастагии миллат равона гардида, оқибат ба содир намудани амалҳои террористӣ аз ҷониби шахсони кундфаҳму кӯтоҳандеш мегардад, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда мешавад.

Дар сурате, ки мо дар баробари ҳуҷумҳои иттилоотии муғризонаи душманони созмонҳову гурӯҳҳои манфиатхоҳ истодагарӣ накунем, он метавонад ба амнияти давлату миллат

таъсири манфӣ расонад. Мисоли равшани он, ҷангҳои таҳмилии ҷаҳони муосир мебошанд, ки аксари онҳо бо даъватҳои оммавӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба майдонҳо, анҷом додани амалҳои гуногун ва ғайраҳо, сурат гирифтааст.

Дар муқобили чунин ҳуҷумҳои иттилоотии тарҳрезишаванда ҳар як узви ҷомеа бояд посухҳои муносиб диҳад, зеро таъмини амнияти иттилоотии кишвар дар шароити ниҳоят тезу тунди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷузъи таркибии амнияти миллӣ ва тақвияти пояҳои давлатдорӣ ба шумор меравад. Мо набояд дар муқобили ҳуҷумҳои иттилоотӣ бетарафиро ихтиёр намоем ва хомӯширо пеша кунем. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ омили асосии таъмини суботу амният ва оромии ҷомеа, рушду шукуфоии кишварамон мебошад. Ҳар яки мо бояд хушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша зимни ироаи Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ ва суханрониҳояшон дар мулоқотҳои ҷудогона оид ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳори назар менамоянд. Аз ҷумла, Сарвари давлат дар яке аз Паёмҳои хеш таъкид карда буданд: “Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар руҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд”.

Тавре маълум аст, раванди инкишофи босуръати технологияи муосир, дар баробари пешравиҳо як қатор мушкилиҳоро низ ба бор овардаву сабаби ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Баъзе аз дастовардҳои ҷадиди илмию техникие, ки инсоният кашф кардааст, имрӯз ба амнияти худи сокинони сайёра хатар эҷод намуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки зиёд гардидани таҳдидҳои иттилоотӣ давлатҳоро водор сохтааст, ки ба амнияти иттилоотии худ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад. Бахри мубориза бо терроризм ва экстремизм соли 1999 як зумра санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул шуданд. Роҳбари давлат 16 ноябри соли 1999 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо терроризм” имзо гузоштанд ва 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо экстремизм” ба тасвиб расидааст. Ин ду қонун барои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизмро фароҳам овард.

Ҷомеаи ҷаҳониро имрӯз бе иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳар рӯз ба фазои маҷозӣ миллиард ва аз он ҳам зиёд иттилоъ ворид шуда, коркард мегардад, ки дар дохили он маводҳои ғалат (фейк) низ зиёд мебошанд. Имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ ва васоити ахбори оммаи хориҷӣ ба ҷои густариш ва ҳамбастагӣ бо ҳадафҳои геополитикӣ ба майдони набардҳои иттилоотӣ табдил шуда, вазъи кишварҳо ва ҷомеаҳоро ноором менамоянд.

Дар ин раванди набардҳои иттилоотӣ, ки ҷиҳати нооромии кишварҳо равона шудааст, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастии шаҳрвандон, пешгирии пайравии ҷавонони сустиродаву гумроҳ ба ақидаҳои террористиву экстремистӣ, баланд бардоштани ҳисси зиракии сиёсии ҷавонон, таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим дар назди ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, кишвари моро ҳамчун низоми давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ ҳифз мекунад ва арзишҳои миллию таърихии кишвари моро барои ҳазорсолаҳои оянда солиму ҷовидон нигоҳ медорад.

**Муҳаммад САФАРОВ,**
**мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии**
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф**
**ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**



# ТАДБИРҲОИ ЗАРУРӢ ҶИҲАТИ РАФЪИ ҶИНОЯТҲОИ КИБЕРӢ



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» атрофи хатару таҳдидҳои афзояндаи ҷаҳони муосир ва таъсири манфии онҳо ба давлатҳои миллии соҳибистиқлол изҳори нигаронӣ карданд. Аз ҷумла, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла, торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир - терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем». Боиси нигаронист, ки пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ ҳамеша кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, вазъи мураккаби ҷаҳони муосир, зуҳури созмону ташкилотҳои экстремистиву террористӣ дар фазои маҷозӣ ва афзоиши ҷиноятҳои киберӣ тавассути интернет моро водор месозад, ки қабл аз ҳама, атрофи пешгирӣ ва бартараф сохтани хатару таҳдидҳои фазои маҷозӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ин васила, амнияти миллӣ, аз ҷумла, амнияти иттилоотии кишварро дар шакли доимӣ таъмин намоем.

Ба баъзе намудҳои ҷиноятҳои киберӣ диққат диҳед: қаллобӣ бо истифодаи почтаи электронӣ ва интернет, дуздии шахсияти рақамӣ ва истифодаи маълумоти шахсӣ, дуздии маълумоти корти пардохт ва дигар маълумоти молиявӣ, тухмати киберӣ (кибершантаж), талаби маблағ зери фишор, тамаъҷӯӣ ба воситаи барномаҳои гуногун ва ғайраҳо, тамаъҷӯии маблағ ба воситаи майнингҳои гуногун, ҷосусии киберӣ ба воситаи дастрасии беиҷозат ба маълумоти давлатӣ ё корпоративӣ, аз кор баровадани системаҳо ва вайрон кардани шабака бо мақсади тамаъҷӯӣ, вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф, истифодаи бозиҳои пулии ғайриқонунӣ, тиҷорати онлайнии молҳои манъшуда ва ё ғайриқонунӣ, сохтан ва ё нигоҳ доштани филмҳои фаҳшу

порнографияи кӯдакон барои тамаъҷӯӣ ва ғайраҳо, мебошанд.

Имрӯз дар ҷаҳон давлате вуҷуд надорад, ки сокинонаш фазои маҷозиро ба воситаи технологияҳои муосир, ба монанди компютер, телефони мобилӣ ва ё планшет васеъ истифода набаранд. Мувофиқи санҷишу оморҳо, истифодабарандагони интернет дар соли 2023 зиёда аз 5 миллиард нафарро дар саросари дунё ташкил медиҳад. Пас, маълум мегардад, ки бевосита шабакаи интернетӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти башарият бо мурури замон васеътар ворид гардида истодааст. Мусаллам аст, ки ин ҳолати ногувор водор месозад, ки тамоми кишварҳо дар раванди таъмини амнияти миллии хеш ҳатман оид ба киберфазо ё худ фазои маҷозӣ бештару беҳтар масъалагузорӣ намоянд.

Таҳқиқоти олимон нишон дод, ки зиёда аз 64,4% аҳолии дунё ба шабакаи интернетӣ дастрасӣ доранд, зеро дар як сол шумораи корбарони интернет 1,9% афзоиш ёфта истодааст ва дар умум 5,16 миллиард одам онро истифода мебаранд. Тибқи назарсанҷиҳо дар аввали соли 2023 зиёда аз 5,44 миллиард нафар аз телефонҳои мобилӣ истифода мебурданд, ки 68% шумораи умумии аҳолии ҷаҳонро ташкил мекард.

Дар ҷаҳони муосир иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи тамоми кишварҳо нақши хеле муҳимро мебозад. Ба ҳамагон маълум аст, ки бо гузашти замон илму техника ба таври кайҳонӣ пеш рафта, рӯз то рӯз такмил ёфта, технологияҳои нав ба нави иттилоотӣ ихтироъ шуда истодаанд. Соҳаи сиёсат дар ин самт низ модернизатсия (азнавсозӣ) шуда, ҳам субъект ва ҳам объекти он ба ин падидаҳои муосир мутобиқ шуда истодааст. Дар баробари рушду такмили соҳаи технологияи иттилоотӣ, самти амалиётҳои истихборотӣ низ тавсеаву таҳким ёфтаанд. Агар замони Шуравӣ барои расонидани маълумоту иттилооти муҳимму зарурӣ парандаву ҳайвонот ва техникаҳои мавҷиву садои истифода мешуданд, замони муосир ҷойи онҳоро технологияҳои замонавии рақамӣ ва ҳушманд гирифтааст. Пас, маълум мегардад, ки истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ тариқи интернет бисёр муфид буда, ҳалли чандин мушкилиҳоро барои одамон осон намудааст.

Имрӯз давлатҳои пешрафта ва абарқудрати ҷаҳонӣ дар равандҳои сиёсӣ ва бархӯрди манфиатҳо технологияҳои муосири иттилоотиро ба фоидаи худ истифода менамоянд. Ин кишварҳо қариб, ки аз ҷангҳои физикии воқеӣ даст кашида, кӯшиш доранд манфиатҳои геосиёсиву геоиқтисодии худро дар минтақаҳои гуногун тариқи паҳн намудани иттилооти нишонрас амалӣ намоянд. Фарз кардем, ҳоло давлатҳои пешрафта ва абарқудрат, ки зарфияти бузурги иқтисодӣ доранд, дар минтақаи назари манфиаташон, созмону ташкилотҳои ҷамъиятиву сиёсӣ созмон дода, расонаҳои худӣ ташкил карда, тариқи барномаҳои телевизиониву интернетӣ хабару маълумоти дурӯғу тухматро бар зидди дигар кишварҳо ва барангехтани кинаву адовати ҳамон мамлакат пахшу паҳн менамоянд. Оқибат ин амалҳои разили онҳо ба идоракунии он давлатҳо таъсир намуда, он давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонӣ ва дорои сарватҳои бузурги миллӣ ба мушкилоти сунъӣ рӯ ба рӯ шуда, мардум даст ба ҳамоишу изҳорот зада, ба кӯчаву хиёбонҳо мерезанд ва низоми сиёсӣ фалаҷ гардида, табаддулоти муташаккил амалӣ карда мешавад. Пасон низоми давлатдорӣ аз байн рафта, иқтисод хароб гардида, сарватҳо ғорату мардум гурезаву сарсон шуда, сарзамини аҷдодии онҳо байни давлатҳои манфиатҷӯ тақсим мегардад. Гарчанде ки тӯли зиёда аз чор моҳ шудааст, ки дар Фаластин ҷанг рафта истодааст, солҳои ахир таҷрибаи амалии ҳаргуна равандҳову падидаҳои сиёсиро дар кишварҳои Либияву Лубнон, Сурияву Ироқ, Яману Алҷазоир, Гурҷистону Украина, Беларусу Қирғизистон низ мушоҳида карда истодаем. Пас, барои давлатҳои манфиатхоҳ ҷону моли одамон (новобаста аз синну сол) ва арзишҳои милливу муқаддаси онҳо муҳим набуда, танҳо дар пайи амалӣ намудани

ҳадафҳои нопоку разилонаи худ мебошанд.

Тоҷикистони азизи мо низ як маротиба солҳои навадуми асри гузашта ба чунин нақшаву барномаҳои гурӯҳу давлатҳои манфиатхоҳ дучор гардида, давлати нави миллии мо ба ҷанги таҳмилии бародаркуш рӯ ба рӯ шуд. Иқтисоду иҷтимоиёт дар ҷанги бародаркуш хароб гардида, низоми сиёсиву ҳарбӣ фалаҷ гардид. Миллати бошараф ва ватандӯсту баруманди тоҷик пароканда гардида, андаке монда буд, ки ҳудуди давлати миллии мо тақсиму нопадид мегардид. Хушбахтона, дар ин асно бо сабаби хушёриву зиракии яккатор шахсиятҳои бонуфузу обрӯманди кишвари мо садди роҳи ин фоҷеаи нанговар гирифта шуд. Маҳз тахти роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар фарзандони фарзонаи миллати тоҷик ҷанги хунумонсӯз хомӯш карда шуда, сулҳу субот ва оромиву ободии Тоҷикистони азизи мо таъмин карда шуд.

Бояд таъкид кард, ки ҳанӯз ҳам бадхоҳони миллати мо ғуломони давлатҳои хориҷии манфиатхоҳи кишвари мо гардида, барномаву лоиҳаҳои палиди онҳоро ба хотири пулу мол амалӣ карда истодаанд. Ин душманони навнаҳзатиҳои фурӯхташуда ва гурӯҳакҳои дигаре, ки дар кишварҳои Аврупову Амрико қарор доранд, шабу рӯз тариқи дастгоҳҳои душманони миллат хабару маълумоти дурӯғу бофтаро бар зидди халқу миллат ва Ҳукумати Тоҷикистон паҳну пахш карда истодаанд. Он расонаҳои иттилоотӣ ва саҳифаҳои интернетие, ки дар шабакаҳо аз ҷониби навнаҳзатиҳо фаъоланду пеш мебаранд, аз ҷумлаи нақшаву барномаҳои зиддимилливу зиддидавлатии мо аз ҷониби гурӯҳу давлатҳои хориҷии манфиатҷӯ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ҳатто, ҳамкориҳои ин террористҳо бо созмону ҳаракатҳои террористии Толибону Ансоруллоҳ ва Ал-қоида ошкор карда шуданд, ки ин дар суханрониву барномаҳо ва тавсифу ташвиқи идеологияи онҳо маълум гардидааст. Кулли ин навнаҳзатиҳои фурӯхташуда ва гурӯҳҳои ифротӣ андешаҳои асримиёнагӣ доранд ва онҳо мехоҳанд, идеологияи ифротиву террористии худро дар Тоҷикистони азизи мо паҳн намоянд.

Онҳо бояд фаромӯш насозанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати солҳои навадуми асри гузашта набуда, имрӯз яке аз давлатҳои қавии минтақа ба шумор рафта, фарзандони фарзонаву бонангу номуси он ҳеҷ гоҳ намегузоранд, ки ба Тоҷикистони азиз осебе расад. Замони муосир кишвари мо ҳам аз назари сиёсиву иқтисодӣ ва ҳам аз назари ҳарбиву низомӣ хеле қудратманду тавоно гардидааст. Мо боварии комил дорем, ки кишвари мо зарфияти қавии мубориза бар зидди ҳар гуна ҷангҳои иттилоотиро низ дорад ва аз ҳама гуна нақшаву барномаҳои навнаҳзатиҳои фурӯхташуда ва гурӯҳҳои ифротӣ кайҳо огоҳ мебошанд ва намегузорад, ки бори дигар миллати бошараф ва ватандӯсту баруманди тоҷик ин ҳодисаи нангинро аз сар гузаронанд.

Пас, дар шароити муосир ҳар як ҳукумати кишвар дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳимояи шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои фазои маҷозӣ, махсусан, шабакаҳои иҷтимоӣ, беш аз пеш чораҳои огоҳона ва самаранок андешанд. Замоне, ки корбарони фазои маҷозӣ бештар гардида истодаанд ва аз ин раванд созмонҳои ифротгаро истифода намуда, фаъолияти экстремистиву террористии худро дар фазои маҷозӣ ба таври густурда роҳандозӣ менамоянд, моро зарур аст, ки бо сиёсатгузории дуруст фаъолияти ғаразноку хатарзои ташкилотҳои экстремистиро пешгирӣ намоем. Аз ҷониби дигар моро зарур аст, ки вазъияти вуҷуддоштаро, яъне, сулҳу суботу амнияти доимие, ки саросари кишвари Тоҷикистони азизи моро фаро гирифтааст, бо ҳар роҳу усул чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем ва барои таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳуриамон тамоми корҳои аз дастамон меомадаро ватандӯстона ва софдилона иҷро намоем.

**Ситора ШОДИЕВА,**
**сармутахассиси шуъбаи тарбия ва кор бо ҷавонони Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**



# ҶАМЪИ ҚАТРАҲОИ ОБ ДАРЁРО БА ВУҶУД МЕОРАД

Дар баробари Истиқлоли давлатӣ барои мардуми мо Ваҳдати миллӣ неъмати бебаҳо ва муқаддас аст. Бидуни шубҳа, ягонагии миллат иқтидору нуфузи миллат мебошад, ки инро имрӯз ҳамаи мо шоҳидем. Ҳикмати бузургон аст, ки иттифоқи мӯрчагон ба шери жаён ғолиб омадааст. Иттиҳоду эҳсоси муҳаббат ба Ватан ва миллат ин зинда будани як миллат аст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз аз дӯстиву муҳаббати ҳамватанон ҳарф мезананду бо дарназардошти манфиати умум сиёсати хешро ба роҳ гузоштаанд. Маҳз ягонагист, ки имрӯз амалҳои созанда дар партави он сурат мегиранд, Ватани мо обод мешаваду зиндагии мо рӯз то рӯз беҳтару хубтар мешавад.

Ваҳдату дӯстӣ низ мактаб дорад ва онро бо фаросат аз одитарин ҷузъиёти зиндагӣ метавон омӯхт. Чунончи ангубини ширин меҳнати танҳо як ору нест, ҳамдастию сарҷамъӣ, садоқату меҳнат ва ҳалолу покиза зистани кулли оилаи занбӯронро тақозо мекунад.

Ваҳдатро аз фалсафаи об низ метавон омӯхт. Ҳикмати об як намунаи олии ваҳдат аст, зеро агар сад пора ҳам гардад, боз бо ҳам ошност. Об аз қатра иқтидор пайдо кардааст. Ҷамъи қатраҳои об дарёро ба вуҷуд меорад, ки дар роҳи худ ҳама гуна монеаро барҳам мезанад. Қатраҳову дарёҳо баҳру укёнусҳоро ба вуҷуд меоранд, ки солору ороми гоҳҳо хурӯшон қудрати беҳамтоеро дар худ нигоҳ медоранд.

Ваҳдатро аз панҷаи даст метавон омӯхт. Мушт иттиҳоди панҷ ангушт аст. Агар ҷамъ намебуданд, натанҳо иқтидор намедоштанд, балки худро муҳофизат карда наметавонистанд. Ваҳдати миллат бошад, ҷамъияти одамон аст, ки асолати имрӯзу гузаштаи худро ҳифз мекунанду нигоҳ медоранд. Ғофилон дар ин роҳ зуд мағлуб мешаванд. Ҳастанд миллатҳое, ки бо иллати надоштани ваҳдат сарзамину мулки худро аз даст додаанд.

Дӯстиву ваҳдат низ забон дорад ва он ба ягон тарҷумон ниёзманд нест. Ба саҳифаҳои таърих менигарем: танҳо сулҳу сафои халқу миллатҳо гуворову хотирмону сазовори таҳсин аст. Ба ҷангҳову парокандагиҳо ва хиёнатҳо ҳамеша бо чашми нафрат менигарем. Мо як сарзамин дорему миллионҳо нафарем ва ин якпорчагӣ доиман ҳамдил будани моро тақозо дорад, зеро сарзамини кишвар танҳо дар ягонагии ин миллионҳо нафар устувору мондагору яктост.

Маврид ба зикр аст, ки худшиносии миллии мо – тоҷикон тамоми афкори пешқадамеро, ки аз ҷониби аҷдодонамон баён шудаанд ва онҳо дар адабиёти сершумор ва бисёрсоҳа сабт гардидаанд, фаро мегирад. Хусусиятҳои хоси Ваҳдати миллии мо аз риояи адолати иҷтимоӣ дар роҳи сохтмони ҷомеаи демократӣ иборат мебошад.

Бояд зикр намуд, ки Ваҳдати миллӣ иқтидори худшиносии миллиро низ қавӣ намуда, дар фазои ваҳдат мафҳуми худшиносӣ ба шуури миллӣ мубаддал мешавад. Яке аз файласуфони Юнони қадим Суқрот, ки ба масъалаи инсон пардохта буд, вазифаи аввалини ӯро чунин баён намудааст: **"Худро бишнос"**. Дар ҳақиқат, фарде, ки худашро нашинохтааст, инсони комил шуда наметавонад ва ӯро дигарон ҳам намешиносанд, қадру қиммат ҳам надорад. Миллат ҳам бояд худашро шиносад. Агар масъалаи Ваҳдатро ҳамаҷониба таҳлил намоем, мефаҳмем, ки шинохти миллат низ аз ваҳдат сарчашма гирифта, дар фазои Ваҳдати миллӣ тақвият меёбад.

Мо итминони комил дорем, ки муваффақиятҳое, ки дар тӯли 33 соли Истиқлоли давлатӣ ба даст овардаем, мақоми кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардошта, дар рушду такомули маънавиёт, фарҳангу маърифат ва Ваҳдати миллии тоҷикон мактаби бузурги ҳаёт хоҳанд гашт.

**Дилфуза БОБОХОНОВА,**
**мураббии кӯдакистони №15,**
**ноҳияи Исмоили Сомонӣ, шаҳри Душанбе**



# ДАВРАИ ҲАССОСУ НОЗУК БАРОИ ВОЛИДОН - ФАРЗАНД БА СИНФИ ЯКУМ МЕРАВАД

Таълиму тарбияи фарзанд дар ҳама ҳолат барои падару модарон ва мураббиёну омӯзгорон масъалаи калидӣ мебошад. Махсусан, марҳилаҳои гузариш аз як низоми таълиму тарбия ба низоми дигар барои кӯдакон ва волидони онҳо фурсати нозук мебошад, зеро дар ин марҳила ҳам дигаргуншавии синнусолӣ ба амал меояд, ҳам зеҳнияти кӯдак дигаргуниҳои ҷиддиро эҳсос мекунад. Дар нигоштаи зер чанд тавсияе оид ба давраи ҳассоси кӯдакон оварда шудааст, ки барои роҳнамоӣ ба волидон ва мураббияҳои ҷавон муфид мебошад.

Соли таҳсили 2023-2024 дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба охир мерасад. Ташвишу тараддуди мураббиҳо ва падарону модарон дар ин давра зиёд мешавад, онҳо бояд якҷоя сатҳи тайёрии бачаҳоро барои ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ қабул шудан таҳлил намоянд ва камбудиҳои ҷойдоштаи таълиму тарбияро дар ин самт то якуми сентябр бартараф созанд. Инро, албатта, дар маҷлиси падарону модарон дида баромадан лозим меояд. Бинобар ин, мураббӣ метавонад, мавзуи маҷлиси падарону модаронро «Тайёрии оила ба мактаб» номгузорӣ намояд. Ба маҷлис ҳамаи волидони бачаҳои гурӯҳи омодагӣ ба мактаби муассисаи таҳсилоти томактабӣ даъват мешаванд. Маҷлисро мураббӣ ҳусни оғоз бахшида, дар муроҷиат ба ҳозирин чунин мегӯяд:

- Падарону модарони муҳтарам! Ҳамаи мо-мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва шумо, волидони бачаҳои гурӯҳи омодагӣ ба мактаб дар остонаи соли нави таҳсил қарор дорем. Кӯдакони шумо 7-сола мешаванд ва барои онҳо давраи бачагии томактабӣ ба охир расида, марҳилаи нави ташаккули шахсияташон фаро мерасад. Бачаҳои шумо ба таҳсили давомдори нақшавии ҷиддӣ, баҳогузориҳои нав ва давраи пурраи таҳсил ворид мешаванд. Аз ин рӯ, омодагӣ ба мактаб, ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои оила мавзуи рӯзмарра ба шумор меравад. Аксари волидон дар масъалаи ба мактаб бурдани фарзандони худ ба синфи як каме дар ташвиш буда, хавотиранд. Нигарониҳои шумо бесабаб нест, зеро дар ҳаёти кӯдак дигаргунии ҷиддӣ ба амал меояд: тамоми ҳаёти ӯ ба куллӣ тағйир ёфта, дар ҷамъият мавкеи нав меёбад. Дар давраи баъдӣ хондан шуғли асосии ӯ мегардад.

Имрӯз мо кӯшиш мекунем, ба саволҳои шумо, ки дар зеҳнатон чарх мезанад, ҷавоб ёбем. Мекӯшем, бифаҳмем, ки чӣ бояд кард, то марҳилаи ибтидоии гузариши кӯдак дар мактаб орому сабук бигзарад, чӣ тавр ташвишатонро ҳангоми паси сар кардани ин давраи басо муҳим коҳиш бидиҳем.

Маслиҳати асосие, ки бештари педагогҳо ба волидон медиҳанд, кӯдаки худро, новобаста аз он ки ӯ чӣ гунае мебошад, дӯст бояд дошт. Ӯро эҳтиром намоед, ба хоҳишу аҳволаш диққати ҷиддӣ диҳед. Дар ҳаёти кӯдак лаҳзаи дигаре нест, ки мисли ба мактаб рафтан ҳаёташро куллан тағйир бидиҳад. Дар байни айёми кӯдакии томактабӣ ва ҳаёти ибтидоии мактабии ӯ фосилаи бузурге ҳаст, ки онро дарҳол гузашта намешавад, ҳарчанд кӯдак таълими кӯдакистон гирифта бошад ё курсҳои тайёриро. Оғози ҳаёти мактабӣ барои бачаҳо санҷиши ҷиддӣ ба шумор меравад, зеро он дар тарзи ҳаёти кӯдак дигаргуниҳои фаврӣ ворид

месозад. Вазифаи шумо, падарону модарон дар ин марҳила дастгирии ҳаматарафаи кӯдак мебошад. Дар оила барои кӯдак бояд муҳити дурусти ахлоқӣ, ҳурмату эҳтироми якдигар ҳукмраво бошад. Падару модар бояд дар ин марҳилаи ҳассос барои пайдо намудани хислатҳои мустақилӣ, муташаккилӣ ва интизомнокӣ дар кӯдак таъсиргузор бошанд.

Инак, хотирномаеро барои шумо - падарону модарони бачаҳои мактабрав чун дастур манзур медорем:

1. Бо кӯдак қоидаю меъёрҳоеро, ки ӯ дар мактаб дучор мешавад, муҳокима намоед. Зарурат ва мақсаднок будани онҳоро фаҳмонед.

2. Кӯдаки шумо ба мактаб хонданӣ меравад. Вақте одам мехонад, шояд ичрои на ҳамаи корҳо ба ӯ муяссар гардад, ин табиист. Кӯдак ҳаққи хато карданро дорад.

3. Якҷо бо фарзанди мактабрав тартиби рӯз ва риояи ҳатмии онро мураттаб созед.

4. Мушкилиҳоеро, ки кӯдак дар ибтидои азхудкунии малакаҳои таълим дучор меояд, нодида нагиред.

5. Кӯдакро барои муваффақиятҳояш таҳсин хонед. Ин амал шавқу завқи ӯро ба хондан зиёд мекунад.

6. Дар ҳаёти мактабии кӯдак одами мартабаю обрӯяш баландтар пайдо мешавад. Ӯ омӯзгор аст. Андешаи фарзандатонро дар бораи омӯзгораш эҳтиром намоед.

7. Таҳсил меҳнати мушкил ва масъулиятнок мебошад. Хониш дар мактаб ҳаёти кӯдакро хеле дигар месозад, вале набояд ӯро аз рангорангию хурсандӣ ва бозиҳо маҳрум бисозад. Ба кӯдак барои бозиҳо вақти кофӣ чудо намудан ҳатмӣ мебошад.

Агар шумо волидони азиз, аз гуфтаҳои дар боло зикршуда риоя кунеду онро сармашқи кори худ қарор диҳед, фарзандонатон ба осонӣ ба дунёи илму дониш ворид хоҳанд гашт. Набояд фаромӯш сохт, ки аз ҳама муҳим барои кӯдаки синфи як на маҳорату малака, балки ба қувваи худ ва ба дастгирии волидон эътимод доштан аст.

Дар фарҷоми маҷлис мураббӣ бо волидон дар гуфтугӯ шуда, ба саволҳои иловагии онҳо посуххои равшану мушаххас медиҳад, то онҳо дар паси сар кардани ин марҳалаи ҳаётан муҳимми фарзандашон бо донишу маълумоти лозимӣ мусаллаҳ бошанд ва давраи ба синфи якум рафтани фарзандашонро ба хубӣ паси сар кунанд.



**Фирдавс САФАРОВ,**
**омӯзгори таърих ва ҳуқуқи**
**мактаби №177- и ноҳияи Рӯдакӣ**



# БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКОНУ НАВРАСОНИ ИМКОНИЯТҲОЯШОН МАҲДУД ТАВАҶҶУҲИ ХОССА МЕДИҲЕМ

## 8 ИЮЛ -РӮЗИ МАЪЮБОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Инсонҳои дорои имконияти ҷисмонии маҳдуд узви комилҳуқуқи ҳар як ҷомеаи ҳуқуқбунёд буда, аз ҳисоби чунин ашхос хонандагони фаъол, омӯзгорони пешқадам, олимону мутахассисони варзида, шоирону нависандагон ва ҳунармандони ҳирфаӣ дар ҷомеа фаъолият мебаранд, ки ҳар кадоми онҳо барои рушди соҳаҳо хидмати шоиста мекунанд. Агар ба нишондодҳои оморӣ назар кунем, айни замон дар ҷаҳон беш аз як миллиард ашхоси имкониятҳояшон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд, ки 15 дарсади аҳолии кураи Заминро ташкил медиҳанд.

Мафҳуми «ашхоси имкониятҳояшон маҳдуд» одамони дорои иллатҳои устувори ҷисмонӣ, руҳӣ, зеҳнӣ ё сенсориеро фаро мегирад, ки вақти дучорӣ бо монеаҳои гуногун ин иллатҳо ба онҳо бахри иштироки комил ва пурсамарашон дар ҳаёт халал мерасонанд.

Ба категорияи одамони имкониятҳояшон маҳдуд маҳз киҳо дохил мешаванд ва чаро? Баланд гардидани стандартҳоро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар мисоли "Консепсияи ҳуқуқҳои одамони имкониятҳояшон маҳдуд" мушоҳида кардан мумкин аст. Пештар дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ҳамчунин, аз ҷониби кормандони тиббию иҷтимоӣ, асосан, истилоҳи «маъюб» (ба русӣ «инвалид») истифода мегардид, ки зери он одамони иллатҳои ҷисмонӣ ва ё равонидошта фаҳмида мешуданд, аммо ин мафҳум аз лиҳози баробарии инсонҳо қобили пазириш буда наметавонад. Зеро инсон, новобаста аз вазъи равонию ҷисмонӣ, инсон аст ва ҳар кадоме дорои ҳуқуқу озодиҳо буда, ба дастгирии кулли ҷомеа ниёз доранд.

Дар солҳои 1970-1980 пешниҳодҳо дар бораи даст кашидан аз истифодаи истилоҳи **«маъюб»** пайдо шуда буд, зеро он дар асоси калимаи англисии **«invalid»** пайдо шуда буд, ки маънояш **«корношоям»**, **«азсаф (кор) баромада»** аст. Ин дар ҳолест, ки аз ҳисоби чунин одамон машҳууртарин сарватмандон, бузургтарин олимони риштаҳои риёзӣ, кимиё ва физика, мусиқаофарони ҳирфаию нотакрор ва дигар мутахассисон арзи ҳастӣ кардаанд, ки бо коркардҳо ва эҷодиёту ихтирооти худ зиндагии миллиардҳо инсонро тағйир додаанд. Табиби маъруфи англис Филипп Вуд барои ҳалли масъала ва дигаргун кардани тасаввуроти ҷомеа ба мафҳуми **«маъюб»** консепсияи **«Handicap» (hand in cap)**-ро таҳия намуд, ки он дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ маънои **«Даст дар кӯлох»**-ро дорад.

Бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти афроди маъсум ва некуаҳволии онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид доир ба ашхоси имконияташон маҳдуд чандин санад пазируфта шудааст. Аз ҷумла, Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон (соли 1975), Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои одамони иллатҳои ақлонидошта (соли 1971) қабул гардида, аз соли 1992 3-юми декабр ҳамчун Рӯзи байналмилалии маъюбон муқаррар карда шудааст ва айни ҳол 160 кишвари ҷаҳон ин эъломияро қабул намудаст.

Ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои имконияти маҳдуд яке аз масъалаҳои муҳим ва калидӣ дар сиёсати иҷтимоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали интихоб шуданашон ба ҳайси Раиси Шурои олӣ то имрӯз тамоми имконият ва зарфиятҳоро ба таъмини иҷтимоии мардум, хусусан, афроди имконияти ҷисмонияшон маҳдуд равона кардааст. Дар ин радиф, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии ашхоси имкониятащон маҳдуд пурра таҳия ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар бандҳои 7 ва 8-и моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»

кафолатҳои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд равшану возеҳ ифода ёфтаанд, ки чунин аст: Давлат, таъминот ва хароҷоти таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, маъюбон ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағи буҷетӣ кафолат дода, пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ онҳоро бо ҷойи кор таъмин менамояд.

Давлат барои шаҳрвандоне, ки муддати тӯлонӣ ба сабаби беморӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ рафта наметавонанд, дар хона ё дар муассисаҳои тандурустӣ таълими ройгонро ташкил мекунад.

Барои таълим ва тарбияи кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд кормандони мактаб-интернатҳо бояд донишҳои одитарини анатомию физиологӣ ва педагогию психологиро дошта бошанд. Оид ба дараҷаи нуқсон, хусусиятҳои азсаргузаронии беморӣ, муҳлати ба беморӣ гирифторшавии кӯдак, корҳоиислоҳии таълимию тарбиявиро ба роҳ монда, аз маслиҳату дастурҳои мутахассисисон-дефектологҳо ва кормандони соҳаи тиб самаранок истифода бояд кард.

Қобилияти дарккунии кӯдакони имконияташон маҳдуд муносибати эҳтиёткорона ва боадабонаи атрофиёнро нисбат ба нуқсонҳои равонӣ ва ҷисмонии вай тақозо мекунад. Дар кӯдак тарбия намудани муҳаббат, боварӣ ва ташаккул додани қобилияти паси сар кардани мушкилот, бедор кардани имкониятҳои ҷубронкунандаи нуқсонҳо, раҳнамоӣ ба сифатҳои писандида ва ҳамзамон, дар ӯ ба вуҷуд овардани қобилияти баҳодиҳии амалу рафтори худ ба назари интиқодӣ хеле муҳим аст.

Фаъолияти дарккунии ин гуна кӯдакон суст инкишоф меёбад; хотираашон хусусияти механикӣ дошта, ба мазмуни чизҳои азхудкардаашон сарфаҳм намераванд, ашёю ҳодисаҳои дидаашонро дурудароз дар хотир нигоҳ дошта наметавонанд, диққаташон ғайриихтиёрӣ буда, ба чизҳои дуюминдараҷа равона мегарданд, мутамарказияти диққаташон суст буда, тез-тез парешонхотир мешавад. Ашёву ҳодисаҳои муҳити зистро мебинанд, вале хусусиятҳои алоқамандии онҳо (ранг, шакл, ҳаҷм мавқеи ҷойгиршавӣ)-ро дуруст фарқ намекунанд.

Ҷиҳати ҳалли масоили ин қишри ҷомеа дар Тоҷикистон як қатор тадбирҳое андешида шудаанд, ки онҳо ба беҳтарсозии вазъи шахсони дорои имконияти ҷисмонии маҳдуд равона гардидаанд. Дар Стратегияи миллии рушди маориф низ ба ин масъала таваҷҷуҳи хос сурат гирифта, «мунтазам ба сохторҳои таҳсилоти умумӣ гузаронидани кӯдакони дорои маъюбӣ ва андешидани чораҳои дахлдор оид ба рушди таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) дар ҷумҳурӣ» (то соли 2030) пешбинӣ гардидааст.

Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011, №753 8 июл ҳамчун Рӯзи маъюбон таҷлил карда мешавад. Ҳадаф аз эълон доштани ин рӯз, пеш аз ҳама, ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷамъият, ташкилоту идораҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба масъалаҳои маъюбӣ буда, барои таъмини кафолатҳои иҷтимоии маъюбон ва шароити арзандаи зиндагии онҳо мусоидат мекунад.

Моҳи октябри соли 2016 дар Тоҷикистон Барномаи миллӣ оид ба офиятбахшии шахсони дорои маъюбӣ қабул гардида буд. Ғайр аз ин, мақомоти кишвар ба падару модарон ва ташкилотҳое, ки бо кӯдакони дорои маъюбӣ кор мекунанд ва ба фарогирии онҳо мусоидат менамоянд, кумаки муайяни молиявӣ ва иҷтимоӣ мерасонанд.

Яке аз методҳои асосӣ оид ба фаъолгардонии қобилияти дарккунии хонандагони имконияташон маҳдуд, фаҳмондадиҳии шифоҳӣ мебошад. Нутқи муаллим намунаи нутқи шифоҳӣ ба хонандагон ба шумор рафта, фаҳмиши нутқи атрофиёнро амиқтар менамояд, зеро аҳаммияти нутқи муаллим дар равиши омӯзиш хеле зиёд аст. Маводи таълимӣ бояд фаҳмо ва дастрас бошад, чунки кӯдакони имконияташон маҳдуд, ҳатто дар масъалаи аз худ кардани миқдори маҳдуди дониш танқисӣ мекашанд.

Инсофан бояд гуфт, ки адабиёти пурғановати тоҷику форс низ пур аз изҳори меҳру муҳаббат, дастгирӣ ва ғамхорӣ дар ҳаққи кӯдакони имконияташон маҳдуд аст. Пас, моро низ зарур аст, дар самти таълиму тарбияи чунин кӯдакон самимона азм намуда, онҳоро дар раванди таълим ба тамоюлоти завқу салиқаашон мусоидат намуда, ҳар қадоми онҳоро на шахси маъюб, балки ҳамчун мутахассиси тавонманду болаёқат ба ҷомеа ворид созем.

**Раҳим ОДИНАЕВ,**
**мудири кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерӣ,**
**доктори илмҳои физикаю математика,**
**профессор,**
**Абдулло МИРЗОЕВ,**
**дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва**
**назарияи функсияҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои физикаю математика**

# ОМОДАГИИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶӮЁН БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ИЛМ-ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ"

Озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат" соли чорум аст, ки дар Тоҷикистон баргузор шуда, алоқамандони зиёд дорад. Дар поён мо намунаи мисолҳоеро пешкаш менамоем, ки дар озмуни охирин барои дӯстдорони математика пешниҳод шуда буд. Мисолҳои зеринро барои иштирокдорони навбатии озмун ҳамчун намуна тавсия медиҳем.

**Мисоли 1.** Системаи фундаменталии ҳалҳо (СФҲ) ва ҳалли умумии системаи муодилаҳоро ёбед:

$$\begin{cases} 2x_1 - x_2 + 3x_3 - 2x_4 + 4x_5 = 0, \\ 4x_1 - 2x_2 + 5x_3 + x_4 + 7x_5 = 0, \\ 2x_1 - x_2 + x_3 + 8x_4 + 2x_5 = 0. \end{cases} \qquad (1)$$

**Ҳал.** Матритсаи ин системаро тартиб медиҳем ва ранки онро ҳисоб мекунем:

$$A = \begin{pmatrix} 2 & -1 & 3 & -2 & 4 \\ 4 & -2 & 5 & 1 & 7 \\ 2 & -1 & 1 & 8 & 2 \end{pmatrix} \sim \begin{pmatrix} 2 & -1 & 3 & -2 & 4 \\ 0 & 0 & 1 & -5 & 1 \\ 0 & 0 & 2 & -10 & 2 \end{pmatrix} \sim \begin{pmatrix} 2 & 0 & 0 & 0 & 0 \\ 0 & 0 & 1 & -5 & 1 \\ 0 & 0 & 2 & -10 & 2 \end{pmatrix} \sim$$

$$\sim \begin{pmatrix} 2 & 0 & 0 & 0 & 0 \\ 0 & 0 & 1 & -5 & 1 \\ 0 & 0 & 0 & 0 & 0 \end{pmatrix} \sim \begin{pmatrix} 2 & 0 & 0 & 0 & 0 \\ 0 & 0 & 1 & 0 & 0 \\ 0 & 0 & 0 & 0 & 0 \end{pmatrix}.$$

$ranqA = 2.$

Азбаски $ranqA = 2$ аст, пас ченаки фазои ин система $n - 2 = 5 - 2 = 3$, яъне, СФҲ аз се ҳал иборат мебошад. Дар матритсаи А ба сифати минорҳои базисӣ минорҳои тартиби дуро мегирем. Сатри сеюми матритсаи $A$ комбинатсияи хаттии сатрҳои боқимондаи матритсаи $A$ мебошанд.

$$\begin{cases}-2x_2 + 5x_3 = -4x_1 - x_4 - 7x_5, \\ -x_2 + 3x_3 = -2x_1 + 2x_4 - 4x_5.\end{cases} \qquad (2)$$

Системаи (2) бо системаи (1) баробарқувва мебошад. Ҳалҳои базисии $y_1$ – ро меёбем. Барои ин чунин гузориш мекунем, ки $x_1 = 0,\ x_4 = x_5 = 0$. Пас

$$\begin{cases}-x_2 + 3x_3 = -2, \\ -2x_2 + 5x_3 = -4\end{cases}$$

Ин системаро бо методи Крамер ҳал карда, ҳосил мекунем, ки $x_2 = 0$ ва $x_3 = 0$ аст. Ҳамин тавр, $y_1 = (1;\ 2;\ 0;\ 0;\ 0)$ мешавад. Барои ёфтани ҳалҳои базисии $x_2$ чунин меҳисобем, ки $x_1 = 0,\ x_4 = 1,\ x_5 = 0$ аст. Пас, система намуди зеринро мегирад:

$$\begin{cases}-x_2 + 3x_3 = -2, \\ -2x_2 + 5x_3 = -1.\end{cases}$$

Ҳалҳои ин системаро меёбем: $x_2 = 13,\ x_3 = 5$. Аз ин ҷо, $y_2 = (0; 13; 5; 1; 0\,)$ мешавад. Барои ёфтани ҳалҳои базисии $y_3$ интихоб мекунем: $x_1 = 0,\ x_4 = 0,\ x_5 = 1$. Система чунин намуд мегирад:

$$\begin{cases}-x_2 + 3x_3 = -4, \\ -2x_2 + 5x_3 = -7.\end{cases}$$

Ҳалҳои ин системаро меёбем: $x_2 = 1,\ x_3 = -1$. Ҳамин тавр, $y_3 = (0; 1; -1; 0; 1)$. СФҲ аз ҳалҳои базисии $y_1, y_2$ ва $y_3$ сохта мешавад, яъне,

$$\begin{pmatrix}1 & 0 & 0 \\ 2 & 13 & 1 \\ 0 & 5 & -1 \\ 0 & 1 & 0 \\ 0 & 0 & 1\end{pmatrix}.$$

Акнун, ҳалли умумии системаро меорем:

$$y = s_1y_1 + s_2y_2 + y_3s_3; \quad x_1 = s_1; x_2 = 2s_1 + 13s_2 + s_3;$$
$$x_3 = 5s_2 - s_3; \quad x_4 = s_2; x_5 = s_3\,.$$

**Мисоли 2.** Суммаи қаторро ёбед: $\sum_{n=1}^{\infty} \frac{1}{n^2+a^2}$.

**Ҳал.** Суммаро бо ёрии тафриқ меёбем. Бигузор $f(z)$ – функсияи аналитикӣ буда, шарти $f(z) = 0(z^{-1})$, ҳангоми $z \to \infty$, иҷро шавад. Пас, чунин формула ҷой дорад:

$$\sum_{n=-\infty}^{\infty} f(n) = -\pi \sum_{m=1}^{k} res[f(z)ctq\pi z]. \qquad (1)$$

Ин формуларо истифода бурда, суммаи додашударо ҳисоб мекунем.

Функсияи $f(z) = \frac{1}{z^2+a^2}$.

Ин функсия дар нуқтаҳои $z_1 = ai$, $z_2 = -ai$ қутби содаи дараҷаи якро дорад. Ҳамин тавр,

$$f(z) = \frac{1}{z^2\left(1+\frac{a^2}{z^2}\right)} = 0(z^{-2}), \ \ z \to \infty.$$

Формулаи (1)-ро истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$\sum_{n=0}^{\infty} \frac{1}{n^2+a^2} = -\pi\left(\underbrace{res}_{z=ai}\frac{ctg\pi z}{z^2+a^2} + \underbrace{res}_{z=-ai}\frac{ctg\pi z}{z^2+a^2}\right).$$

Барои функсияи $\frac{ctg\,\pi z}{z^2+a^2}$ нуқтаҳои $z = ai$, $z = -ai$ нуқтаҳои махсуси шакли қутб мебошанд. Тафриқи онҳоро дар ин нуқтаҳо меёбем:

$$\underbrace{res}_{z=ai}\frac{ctg\pi z}{z^2+a^2} = \lim_{z\to ai}(z-ai)\frac{ctg\pi z}{(z-ai)(z+ai)} = \frac{ctg\pi ai}{2ai} = \frac{cth a\pi}{2a},$$

$$\underbrace{res}_{z=-ai}\frac{ctg\pi z}{z^2+a^2} = \lim_{z\to -ai}(z+ai)\frac{ctg\pi z}{(z+ai)(z-ai)} = \frac{-ctg\pi ai}{-2ai} = \frac{cth a\pi}{2a}.$$

Аз тарафи дигар

$$\sum_{n=-\infty}^{\infty} \frac{1}{n^2+a^2} = \dots + \frac{1}{(-n)^2+a^2} + \dots + \frac{1}{(-1)^2+a^2} + \frac{1}{a^2} + \frac{1}{n^2+1^2} +$$

$$+ \frac{1}{2^2+a^2} + \dots + \frac{1}{n^2+a^2} + \dots = \frac{1}{a^2} + 2\sum_{n=1}^{\infty}\frac{1}{n^2+a^2}.$$

Аз ин ҷо

$$\sum_{n=1}^{\infty} \frac{1}{n^2+a^2} = -\frac{1}{2a^2} + \frac{1}{2}\sum_{n=-\infty}^{\infty}\frac{1}{n^2+a^2}.$$

$$\sum_{n=1}^{\infty} \frac{1}{n^2+a^2} = \frac{\pi}{2a}ctg\pi a - \frac{1}{2a^2} = \frac{\pi a ctg \pi a - 1}{2a^2}.$$

**Мисоли 3.** Гамма функсияи Эйлер Γ(s) бо баробарии зерин муайян карда мешавад:

$$\frac{1}{\Gamma(s)} = se^{\gamma s}\prod_{n=1}^{\infty}\left(1+\frac{s}{n}\right)e^{-\frac{s}{n}},$$

$\gamma$ -доимии Эйлер.

Исбот кунед, ки $\Gamma(s) = \frac{1}{s}\prod_{n=1}^{\infty}\left(1+\frac{1}{n}\right)^{s}(1+\frac{s}{n})^{-1}$ аст.

**Исбот.** Мо медонем, ки доимии Эйлер бо воситаи аз баробарии

$$\gamma = \lim_{m\to\infty}\left(1+\frac{1}{2}+\frac{1}{3}+\cdots+\frac{1}{m}-\ln m\right)$$

дода мешавад. Қимати $\gamma$ – ро ба ҷояш гузошта, пас аз табдилдиҳиҳо ҳосил мекунем:

$$\frac{1}{\Gamma(s)} = se^{\gamma s}\prod_{n=1}^{\infty}\left(1++\frac{s}{n}\right)e^{-\frac{s}{n}} = s\lim_{m\to\infty} e^{s\left(1+\frac{1}{2}+\cdots+\frac{1}{m}-\ln m\right)}\lim_{m\to\infty}\prod_{n=1}^{m}\left(1+\frac{s}{n}\right) =$$

$$= s\lim_{m\to\infty} e^{s+\frac{s}{2}+\cdots+\frac{s}{m}-s\ln m-s-\frac{s}{2}-\cdots-\frac{s}{m}}\lim_{m\to\infty}\prod_{n=1}^{m}\left(1+\frac{s}{n}\right) =$$

$$= s\lim_{m\to\infty} m^{-s\ln m}\lim_{m\to\infty}\prod_{n=1}^{m}\left(1+\frac{s}{n}\right) = s\lim_{m\to\infty} m^{-s}\lim_{m\to\infty}\prod_{n=1}^{m}\left(1+\frac{s}{n}\right).$$

Азбаски $\prod_{n=1}^{\infty}\left(1+\frac{1}{n}\right)^{-s} = 2^{-s}\left(\frac{3}{2}\right)^{-s}\left(\frac{4}{3}\right)^{-s}\ldots\left(\frac{m}{m-1}\right)^{-s} = m^{-s}$ аст, бинобар ин,

$$s\lim_{m\to\infty}\prod_{n=1}^{m-1}\left(1+\frac{1}{n}\right)^{-s}\left(1+\frac{s}{n}\right)\left(1+\frac{1}{m}\right)^{-s} = s\prod_{n=1}^{\infty}\left(1+\frac{1}{n}\right)^{-s}\left(1+\frac{s}{n}\right).$$

Ҳамин тавр, $\frac{1}{\Gamma(s)} = s\prod_{n=1}^{\infty}\left(1+\frac{1}{n}\right)^{-s}\left(1+\frac{s}{n}\right)$.

Аз ин ҷо

$$\Gamma(s) = \frac{1}{s}\prod_{n=1}^{\infty}\left(1+\frac{1}{n}\right)^{s}\left(1+\frac{s}{n}\right)^{-1}.$$

Формула исбот шуд.




**Мисоли 4.** Интегралро ҳисоб кунед:

$$\oint \frac{z^2+1}{z-i} sh\frac{1}{z}dz, \{L: z = 1+4e^{it}, t \in [0,2\pi]\}.$$

**Ҳал.** Давраи L -ро месозем, ки марказаш дар нуқтаи $z_0 = 1$ буда, радиусаш ба 4 баробар аст. Нуқтаи махсуси функсияи $f(z) = \frac{z^2+1}{z^2-i} sh\frac{1}{z}$ мебошад, ки дар соҳаи $|z| < 4$ ҷойгир аст. Бинобар ин,

$$\oint f(z)dz = 2\pi i\ (\underbrace{res}_{z=0} f(z) + \underbrace{res}_{z=i} f(z)\ ).$$

Барои ҳисоб намудани тафриқи функсияи $f(z)$ дар нуқтаи $z=0$ ин функсияро дар атрофи ин нукта ба қатор паҳн мекунем:

$$f(z) = \frac{z^2+1}{z-i} sh\frac{1}{z} = \frac{(z-i)(z+i)}{z-i} sh\frac{1}{z} = (z+i)\left[\frac{1}{z} + \frac{1}{3!\,z^3} + \frac{1}{5!\,z^5} + \cdots\right] =$$

$$= 1 + \frac{i}{z} + \frac{1}{3!\,z^2} + \frac{i}{3!\,z^3} + \cdots$$

Ҳамин тавр $\underbrace{res}_{z=0} f(z) = i$ мебошад.

Барои ҳисоб намудани тафриқи функсияи $f(z)$ дар нуқтаи $z=i$ намуди нуқтаи махсусро муайян мекунем. Нуқтаи $z=i$ нуқтаи махсуси бартарафшаванда мебошад.

$$\lim_{z\to i} f(z) = \lim_{z\to i} \frac{(z-i)(z+i)}{z-i} sh\frac{1}{z} = \lim_{z\to i}[(z+i)sh\ \frac{1}{z}] = -2ishi = 2\sin 1.$$

Пас, тафриқи $f(z)=0$ ва

$$\oint f(z)dz = 2\pi i[\underbrace{res}_{z=0} f(z) + \underbrace{res}_{z=i} f(z)] = 2\pi i(i+0) = -2\pi\,.$$

Ҷавоб: -2π.

**Мисоли 5.** Масъалаи Коширо барои муодилаи дифференсиалии зерин ҳал намоед. (Мавҷудият ва ягонагии ҳалро нишон диҳед).

$$4y^2y'' = x(y')^3, y(1) = 1, y'(1) = 2.$$

**Ҳал.** Ду тарафи муодиларо ба $4y^3$ тақсим мекунем:

$$\frac{y''}{y} = \frac{1}{4}\left(\frac{y'}{y}\right)^3,$$

Гузориши $z = \frac{y'}{y}$ – ро ичро мекунем, он гоҳ

$$z' = \frac{y''y - y'^2}{y^2} = \frac{y''}{y} - \left(\frac{y'}{y}\right)^2 = \frac{y''}{y} - z^2.$$

Аз ин ҷо, $\frac{y''}{y} = z^2 + z'.$

Ин нисбатро ба муодила гузошта, ҳосил мекунем:

$z^2 + z' = \frac{1}{4}xz^3$ ё $z' = \frac{1}{4}xz^3 - z^2.$

Ҳарду қисми баробарии охиринро ба $z^2$ тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$$\frac{z'}{z^2} = \frac{1}{4}xz - 1.$$

Гузориши $u = \frac{1}{z}\,, \frac{z'}{z^2} = -u'$ ро ичро мекунем. Он гоҳ

$$u' = 1 - \frac{x}{4u}, u = vx, u' = v'x + v,$$

буда, муодила намуди зеринро мегирад:

$$v'x + v = 1 - \frac{1}{4v}, \qquad v' = \frac{-v^2 - v + 0{,}25}{vx},$$

$$v' = -\frac{(v - 0{,}5)^2}{vx}, \quad v(1) = 0{,}5; \qquad v = \frac{1}{xz} = \frac{y}{xy'}.$$

Барои он ки муодила ҳалли ягона дошта бошад, бояд $v = 0{,}5$, яъне, $\frac{y}{xy'} = 0{,}5$ бошад.

Ҳалли ин муодиларо меёбем:

$$\frac{y}{xy'} = \frac{1}{2}, \qquad 2y = xy', \qquad \frac{y'}{y} = \frac{2}{x},$$

$$\int \frac{dy}{y} = \int \frac{2dx}{x}.$$

$$y = cx^2, \qquad y(1) = 1, \qquad y = x^2.$$

Ҷавоб: $y = x^2$.

**Мисоли 6.** Интегралро ҳисоб кунед:

$$\int max(1, x^2)\, dx.$$

**Ҳал.** Ду ҳолатро меомӯзем: $|x| \le 1,\ |x| > 1$. Барои ҳолатҳои якум ва дуюм мувофиқан меёбем:

$$\int max(1, x^2)\, dx = \int dx = x + c_1,$$

$$\int max(1, x^2) dx = \int x^2 dx = \frac{x^3}{3} + c_2.$$

Азбаски функсияҳои ибтидоияшон бефосила аст, пас бояд дар нуқтаи $x = 1$, шарти $1 + c_1 = \frac{1}{3} + c_2, (x > 0)$ иҷро гардад. Айнан ҳамин тавр дар нуқтаи $x = -1$, шарти $c_1 - 1 = c_2 - \frac{1}{3}, (x < 0)$ иҷро мешавад.

Ҳангоми $x > 0$, $\int max(1, x^2) dx = \begin{cases} x + c, 0 \le x < 1 \\ \frac{x^3}{3} + \frac{2}{3} + c, 1 < x < \infty. \end{cases}$

Ҳангоми $x \le 0$, $\int max(1, x^2) dx = \begin{cases} x + c, -1 \le x < 0 \\ \frac{x^3}{3} - \frac{2}{3} + c, -\infty < x < -1. \end{cases}$

Ҳарду ҳолатро якҷоя карда, ҳосил мекунем:

$$\int max(1, x^2) dx = \begin{cases} x + c, & |x| \le 1 \\ \frac{x^3}{3} + \frac{2}{3} sgnx + c, & |x| > 1. \end{cases}$$

**Азизбек ЗУМРАТОВ,**
**омӯзгори химияи Литсейи №3**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# ТОҶИКИСТОН - ХАЗИНАИ БЕБАҲОИ ЭЛЕМЕНТҲОИ ХИМИЯВӢ

Ҷумҳурии офтобии Тоҷикистон бо кӯҳҳои сарбафалаккашидааш анбори беҳамтои сарватҳои табиӣ ва канданиҳои фоиданок ба ҳисоб меравад, ки онҳо сарвати миллӣ мебошанд. Бисёре аз элементҳои химиявие, ки дар Ҷадвали даврии элементҳои химиявии Д.И.Менделеев мавҷуданд, дар сарзамини мо – Тоҷикистон мавҷуданд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, соли 1936 академик А.Е.Ферсман "Тоҷикистон Ҷадвали зиндаи элементҳои химиявии Д.И.Менделеев аст" гуфта буд.

Ҳамин баҳои баланди олимону пажуҳишгарони бузурги миллию байналмилалӣ ва муҳаббат ба меҳани аҷдодӣ боис гашт, ки бо дарназардошти сарватҳои беназири табиати Тоҷикистон, илму фазилати ниёгон ва фарҳангу оинҳои неки аҷдодони бузургамон ба омӯзиш ва пажуҳиш рӯ орам ва дар ҷодаи илм хидмат кунам.

Бо мақсади амалӣ намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040", инчунин, "Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021-2025" ва ба хотири рушди тафаккури техникии хонандагон бо истифода аз малака ва маҳоратҳои эҷодкориву навоварӣ якчанд навгониҳоро ба анҷом расонидам, ки аз тарафи Шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобастаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти муаллифони Федератсияи Россия (КОПИРУС) ба қайд гирифта шуда, бо Шаҳодатномаҳои муаллифӣ тасдиқ шудааст.

Ҳоло дар кишварамон беш аз 400 мавзеи маъданӣ ва ғайримаъдании канданиҳои фоиданок муайян шудаанд, ки барои истифода карор доранд. Мо ҳаминро ба назар гирифта, харитаи кишвари маҳбубамонро бо чунин шакл тасвир намудем, ки тасдиқи сухани гавҳарбори академик А.Е.Ферсманро мебошад.




Аз нуктаи назари дигар, ба як нигоҳи кӯтоҳ метавон дид, ки харитаи Тоҷикистони азизи мо аз рӯйи шакл оҳуеро мемонад, ки бо зиракӣ ва чолокии худ ба пушташ нигоҳи дур меандозад. Мувофиқи ривояту асотирҳои гузаштагонамон оҳуро бо тулӯи офтоб, нав шудани маънавиёти инсонӣ ва бедории тамоми инсоният алоқаманд медонанд. Ба ақидаи дигар оҳу рамзи покӣ, авлавият, нармӣ, ҳалимӣ ва файзу баракат аст. Бе шакку шубҳа мардуми тоҷик поквиҷдону нармгуфтору ҳалимтабиат мебошанд ва дар ҳақиқат, сарзамини сулҳофарамон ба таъбири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Биҳишти рӯйи Замин аст", ки дар он файзу баракат арзонӣ буда, сарватҳои табиии фаровон ҷойгиранд.

# ТАТБИҚИ БАРНОМА






Ба қавли корманди Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик Неъматуллоҳ Акбар “Харитаи Тоҷикистон дар тахайюлоти ман ҳамеша мисли як шери шарза (хашмгин) ва ғуррандае буд, ки ба қафо нигоҳ мекунад. Чандин муддат чӣ гуна тасвир намудани он дар зеҳнам чарх мезад. Бо истифода аз фурсати мавҷуда, тавонистам тасаввуроти худро рӯйи коғаз тасвир намоям”.



Воқеан, ин тасвир аз ҷониби истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ба истиқболи гарм рӯ ба рӯ шуд ва ҳазорон нафар чун рамзи муҳаббат ба Ватан ва якпорчагии Тоҷикистон онро дар саҳифаҳои хеш бознашр карданд. Шер рамзи қудрат, қувват, бузургӣ, ифтихор, ҷасорат, шуҷоат, адолат ва ғалабаро дорад. Ҳамин аст, ки дар майдони Дӯстии шаҳри Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду ҷониби муҷассамаи Амири аввалини давлати тоҷикон -Шоҳ Исмоили Сомонӣ симои ду шери хобида ҳамчун рамзи устувории давлат, сулҳу суботу осоиш ва ҳокимият мебошанд, сохта шудааст.

Ниёгони шарафманди мо бо шуури созанда ва идроки азалии худ ба илми ҷаҳонӣ хидмат намуда, дар тамоми ҷанбаҳои илм - тиб, кимиё, ҳандаса, риёзӣ, физика, ситорашиносӣ, тақвимсозӣ ва ғайра ҳиссагузорӣ намудаанд.

Ман низ ҳамчун вориси арзандаи Муҳаммад-ал-Хоразмиву Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайёму Носири Хусрав, Муҳаммад Закариёи Розиву Ҷобир ибни Ҳайён ва бузургони дигар кӯшиш намудам, ки дар ҷодаи илм ва маориф як зарра ҳам, ки бошад, тозакориҳоро ворид созам. Бо истифода аз малака ва маҳоратҳои эҷодкориву навоварӣ бо ёрии элементҳои химиявии Ҷадвали даврии элементҳои химиявии Д.И.Менделеев шакл ва намуди тақвими муқарририро каме тағйир дода, ба он номи “Тақвими химиявӣ”-ро сазовор донистам. Тағйири шакли тақвими пешниҳодкардаи ман аз тақвими шакли муқарраридошта бо он фарқ мекунад, ки ба ҷойи 31 адад, яъне, элементҳои аз 1 то 31 (аз H (ҳидроген) то Ga (галлий)) ва дар тақвими химиявии рӯйимизӣ бошад, ба ҷойи 53 ҳафта, яъне, элементҳои аз 1 то 53 (аз H (ҳидроген) то I (йод))-ро истифода намудам.

Тақвими химиявӣ ба хонандагон ва ҳаводорони химия имкон медиҳад, ки 31 ва дар тақвими химиявии рӯйимизӣ бошад, то 53 аломати элементҳои химиявиро бо рақамҳои тартибиашон аз худ намоянд, чунки дар сурати аз худ накардани аломати элементҳои химиявӣ ва рақами тартибии ин элементҳо онҳо ин тақвимро истифода бурда наметавонанд.

Манфиати ин тақвим дар он аст, ки хонандаро водор менамояд, то диққати худро ба аломати элементҳои химиявӣ равона созад, рақами тартибии онҳоро ба хотир оварад ва ба мақсади

худ ноил гардад. Ҳамчунин, ин тақвими химиявӣ барои хонандагоне, ки сатҳи донишашон аз фанни химия дар зинаи паст қарор дорад, метавонад ба боло бурдани тафаккури зеҳнии онҳо вусъат бахшад.

Дар фазои маҷозӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ маводҳои шавқовари фаннӣ ва шиору дигар нишонҳои рамзиро дучор шудан мумкин аст, ки вобаста ба ин ё он фанҳо, озмунҳо, ҷамъияту воҳӯриҳо ва ғайра таҳия карда шудаанду як маънии томи мантиқии ин ё он фанро ифода мекунанд.

Ман низ ҳамчун омӯзгори фанни дақиқ барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси омӯзиши хонандагон нисбат ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар заминаи татбиқи Барномаи давлатии “Бистсолаи рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020-2040” лозим донистам, ки намунаи соатеро нишон диҳам, ки ифодакунандаи мавзуъҳои фанни астрономия бошад, зеро модел ва идеяи сохташ аз эҷодкориам сарчашма гирифта, зина ба зина пурра шудааст.




Дар рақамблоки соати астрономӣ рақамҳо вобаста ба табиат ва хусусияти бурҷҳои солшуморӣ дарҷ карда шудаанд, ки ҳар як бурҷ ифодакунандаи як рақам мебошад.

Дар ин рақамблоки соат давомнокии шабонарӯз ба ҳаштяк ва давомнокии рӯз бошад, ба чоряки он рост меояд. Барои астрономия: модели сифрблоки соати мазкур аз 12 бурҷ иборат аст, ки дар он аз рӯйи тартиби зерин ҷойгир карда шудаанд:

**Хусусиятҳои Об**
- Хут – соати як;
- Ақраб – соати ду;
- Саратон – соати се;

**Хусусиятҳои Ҳаво**
- Мизон – соати чор;
- Далв – соати панҷ;
- Ҷавзо – соати шаш;

**Хусусиятҳои Оташ**
- Қавс – соати ҳафт;
- Асад – соати ҳашт;
- Ҳамал – соати нуҳ;

**Хусусиятҳои Замин**
- Савр – соати даҳ;
- Сумбула – соати ёздаҳ;
- Ҷадӣ – соати дувоздаҳ.

Мо – омӯзгорон, ки ворисони арзандаи халқи тамаддунсози тоҷик ҳастем, бояд дар дили шогирдонамон ҳамеша ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастиро ҷой намуда, онҳоро ҳамчун насли арзандаву ояндасози миллат тарбия кунем.

Рӯз то рӯз мавқеву манзалати омӯзгор дар ҷомеа боло рафта истодааст. Дастгириҳои рӯзафзуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар партави дастуру супоришҳои Сарвари давлат таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти Вазорати маориф ва илм таконест баҳри ҳар як омӯзгор, ки содиқонаву самимона бештар аз пеш фаъолият намояд, саҳми арзандаи худро дар рушди ҷомеаи соҳибтамаддун гузорад ва дар таҳкими пояҳои маорифи миллӣ хидмати фарзандона анҷом диҳад, зеро маориф муҳимтарин василаи шукуфоии миллат ва тараққиёти давлат мебошад.

МЕТОДИКА

**Ҳабиба СОҲИБЗОДА,**
**омӯзгори таърих ва ҳуқуқи**
**Литсейи ба номи Темур Собирови шаҳри Ваҳдат,**
**Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон**



# ЗИЁВУ НУР РЕЗАД БАР ВАТАН, ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ!

## СЕНАРИЯИ БАРНОМАИ АДАБӢ-МУСИҚӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

Истиқлоли давлатӣ як рукни муҳимму муқаддаси давлатдории миллӣ буда, истиқболи шоиста аз ин ҷашн дар муассисаҳои таълимӣ ба рушди тафаккури миллии насли наврас ва дар таҳкими худшиносию худогоҳии хонандагон нақши арзишманд мегузорад. Барои осон шудани кори омӯзгорони ҷавон дар таҳияи нақшаи чорабиниҳо ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатӣ як сенарияи шоиста манзур карда мешавад.

**1. Ороиши муассисаи таълимӣ** бо овезаҳо, гӯшаи китобҳо, расмҳо аз дастовардҳои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, Нишон, Парчам ва ғайра.

**2. Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад.**

**3. Ровиёни барнома** (6 нафар аз ҳисоби духтарон ва писарони синфи 10 ё 11, бо нутқи бурро, забондон ва бо либоси ягонаи мактабӣ) ба саҳна меоянд.

**Ровии 1. Райҳона:**

**Ассалом, эй аслу эй бунёди ман,**
**Ассалом, эй хонаи аҷдоди ман.**

**Ровии 2. Файзалӣ:**

**Ассалом, субҳи сафеди кишварам,**
**Ассалом, эй рӯзгори пурфаррам.**

**Райҳона:**

**Ҳамватан, субҳат ба хайр! Ин субҳи истиқлоли мост,**
**Ин муҳаббат, ин саодат, ин шараф шаҳболи мост.**

**Файзалӣ:**

**Ҷашни истиқлол дорад халқи олишони мо,**
**Ҷилва дорад аз тароват мулки бепоёни мо.**

**Райҳона:** Ассалому алейкум, омӯзгорони муҳтарам, меҳмонони арҷманд ва хонандагони гиромӣ! Ҳузури мубораки шуморо ба саҳни (ё толори) зебои Литсейи ба номи Темур Собиров (хонанда метавонад бо зикри муассисаи худ матнро истифода барад) ва ба ин ҷашни бузург, ҷашни тақдирсози миллати тамаддунбунёди тоҷик, 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам мегӯем. Ҷамъомади имрӯзаро тахти унвони (ҳарду якҷоя): **“Зиёву нур резад бар Ватан, хуршеди истиқлол!”,** ки ба ҷашни истиқлол бахшида мешавад, кушода эълон менамоем.

**Файзалӣ:** Райҳона, чеҳраи ту имрӯз хеле нуронӣ менамояд.

**Райҳона:** Оре, Файзалӣ! На танҳо чеҳраи ман, балки чеҳраи хурду калон ва пиру ҷавон нуронӣ шудааст. Зеро:

**Шамъи истиқлол ҷо бигрифт дар қандили мо.**

**Ҳарду:**

**Нури раҳмат рез-рез имрӯз дар манзили мо.**

**Райҳона:**

**Раҳ ба сӯи нури хуршед аст, Истиқлол,**

**Файзалӣ:**

**Саргаҳи дарёи умед аст, Истиқлол.**

**Райҳона:** Дар тӯли таърих халқи тоҷик ба як қатор дастовардҳои беназир ноил гардидааст, ки бузургтарини он ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ватани маҳбубамон мебошад. Хушбахтона, имрӯз мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки истиқлол муқаддастарин рукни давлати озод,

рамзи шарафи ватандорӣ ва таконбахши ҳаёти мо мебошад.

**Файзалӣ:** Дар ҳақиқат, барои миллати куҳанбунёди тоҷик пас аз сукути давлати фарҳангии Сомониён қариб ҳазор сол лозим омад, ки дар порае аз сарзамини таърихии аҷдодӣ давлати навини худро бунёд гузорад ва ба оламиён аз истиқлоли комили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ паём фиристад.

**Ровиёни дигари барномаи фарҳангӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ сухан менамоянд.**

**Омина:** Да, действительно друзья, сегодня один из самых прекрасных дней в истории, годовщина независимости нашей любимой Родины.

**Алиҷон:**
**Я обхожу родимые края,**
**В пути ласкаю горы и поля.**
**Глазами сердца землю обнимаю**
**И голову высоко поднимаю**
**Таджикистан, республика моя!**

**Омина:** Алиджон, знаете ли вы, что 9 сентября 1991 года Таджикистан стал суверенным государством. Но 90-е годы XX века стали временем тяжелейших испытаний. Началась гражданская война.

**Алиҷон:** Да, Омина. Я знаю. В результате этой безсмысленной войны тысячи людей стали беженцами и погибли.

**Алиҷон:** Омина, народ хотел мира и спокойствия. Благодаря воле и мудрости нашего Президента Эмомали Рахмона беженцы стали возвращаться на Родину. В стране наступил долгожданный мир.

**Марям:** During the twentieth century Tajikistan was a part of the former Soviet Union. The Soviet Union lasted about seventy years. It collapsed in 1991.

**Меҳроб:** The Supreme Council of Tajikistan adopted the Declaration of Independence in August 24, 1990. Then it announced the State Independence of our Republic in September 9, 1991.

**Райҳона:** Файзалӣ, ин ҳама забондонии рафиқонамон низ аз файзи истиқлол аст. Ҳамин тавр не?

**Файзалӣ:** Оре, Райҳона. Бинобар ин, барои ҳифзи истиқлол ва ободии диёр биёед, ҳоло дуои нек ва андешаҳои пири барнодил, рӯзгордидаву таҷрибаандӯхтаро бишнавем. Марҳабо, бобоҷон!

**Пирамард:** (метавонад аз ҳисоби хонандагон бошад, бо либоси пирамард)

- Фарзандони азиз! Тоҷикон аз қадимулайём миллати озодипарасту озодихоҳ буданд. Солҳои сол дар дил орзуи озодиро мепарвариданд. Бо амри тақдир ва бар асари таҳаввулоти фарогири сиёсиву иҷтимоии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё ва эъмори давлати миллии худ ноил гардид. Истиқлол дар таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик воқеаи хеле бузург буд. Вале дар Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлол дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлатдории нав мардум бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯ ба рӯ гардид. Аммо халқи тоҷик аз ҷумлаи он миллатхоест, ки марзу буми худро хеле дӯст медорад ва барои ҳастии он ҷоннисорӣ мекунад. Шукргузори онем, ки миллати бузурги тоҷик имрӯз соҳиби давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гардидааст.

Ҷавонони азиз! Имрӯзу ояндаи Тоҷикистон дар дасти шумост, биёед, ба ҷаҳониён исбот намоед, ки миллати мо сулҳпарвару меҳанпараст мебошад ва кӯшиш намоед, ки Истиқлоли миллати худро ҷовидон нигаҳ доред!

**Файзалӣ:** Ташаккур, бобоҷони азиз. Бовар дорем, ки ҷавонон пандҳои беназири шуморо сармашқи кори худ намуда, барои ҳифзи марзу бум ва рушди Тоҷикистони азиз тавассути ахлоқи наку, дониши баланд ва меҳнати софдилона талош менамоянд. Инчунин, ба Истиқлоли Ватани маҳбуби худ арҷ мегузоранд, зеро сарв сарсабз аст, аз он рӯ, ки озод аст.

**Файзалӣ:** Ҳоло барои болидагии табъи шумо суруди “Чист, Истиқлол?” дар иҷрои хонандагони мактаб пешниҳод мегардад. Марҳамат!

**Омина:** Трудолюбивый таджикский народ преодолел трудности переходного периода. Прошло немало лет со временем обретения независимости, и сегодня мы вправе сказать: День ото дня Родина становится краше! Не так ли, Алиджон?

**Алиҷон:** Да, Омина, вы действительно правы. Теперь мы можем без преувеличения сказать, что сейчас Таджикистан стал цветущим краем. Жизнь вошла в своё русло, учатся дети, юноши и девушки, работает взрослое население страны. Красота Родины завораживает наши сердца и нам хочется петь о ней снова и снова.

**На широком просторе**
**Предрассветной порой**
**Встали алые зори**
**Над родимой страной.**

**С каждым годом всё краше**
**Дорогие края...**

**Ҳар ду:**
**Лучше Родины нашей**
**Нет на свете, друзья!**

**Райҳона:** Хонандагони азиз, ба фикри шумо истиқлол чист?

**Ду нафар хонанда:**

- Истиқлол шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст.
- Истиқлол рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он мебошад, зеро дар дунёи пуртазодди муосир фақат миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили худро дошта бошад.

**Файзалӣ:** Офарин ба шумо, ҳаммактабиёни азиз, барои дарки воло. Дар ҳақиқат, истиқлол арзишмандтарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст. Пас аз ҳазор сол муҳимтарин воқеаи таърихӣ дар сарнавишти миллати тоҷик ба вуҷуд омад: Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Ин ҳодисаи фараҳбахш аввали моҳи сентябри соли 1991 ба вуқуъ пайваст ва 9 сентябр расман Рӯзи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб мешавад. Ин неъмати бузург баробари ба даст омадан нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз ба армуғон овардааст.

**Райҳона:** Бале, Файзалӣ. Биёед, ҳоло андешаҳои толибилмонро оид ба дастовардҳои истиқлол ва саҳми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими онро шунавем. Марҳамат, хонандагони гиромӣ!

**Якчанд хонанда - духтару писар ба саҳна меоянд**.

**Духтар:** Даврони Истиқлол барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлол барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат, рамзи ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани Тоҷикистон мебошад. Баъди нахустин хиштҳои пойдевори давлатдории миллии худро ниҳодан, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем.

**Писар:** Моҳи ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи сиёсат шахсиятеро баровард, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи ҳамаҷониба доранд. Аз рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди бору манди халқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ҷорӣ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

**Духтар:** Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил - Артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем.

**Райҳона:** Барои пешниҳоди маълумоти фарогири дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, мо аз хонандагон сипосгузорӣ менамоем.

Дӯстони азиз! Инак, боз ба муносибати ин ҷашни зебои Ватан ва ба хотири болидагии шумо суруди навбатиро дар васфи Тоҷикистон дар пешниҳоди узви маҳфили мусиқии мактаб "Ғунчаҳои санъат" пешкаш мегардонам. Марҳабо!

**Райҳона:**

Файзалӣ, оё ту медонӣ, ки дар олам чанд муқаддасоти ягона ва такрорнашаванда мавҷуд аст, ки Модару Ватан низ ба он шомил мегарданд?

**Файзалӣ:** Бале, Райҳона. Ба фикрам ту андешаҳои устодамонро ёдовар шудӣ ва биё, дар ин рӯзи муборак суханро ба устодони азиз, ки сарчашмаи илму маърифатанд, бидиҳем. Марҳамат!

**Сарчашмаи ободии дунёст, муаллим,**
**Афроди башар қатраву дарёст, муаллим.**

**Суханронии роҳбари муассиса ва ё як омӯзгори соҳибтаҷриба**

**Райҳона:** Давраи мактабхониро давраи сабзи умри инсон меноманд, зеро бо айёми ташаккули шахсият дар ин давра шахс дониш аз бар намуда, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд. Мафҳум ва моҳияти ватандорӣ ва истиқлоли онро дарк менамояд, ки бешак аз натиҷаи заҳмати устодони

муътабари мост.

**Файзалӣ:** Оре. Ҳамчунин, самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон – манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори миллати тоҷик аст. Мо бояд аз ин миллати баруманд биболему барои боз ҳам машҳуртар гардидани он кӯшишу ғайрат намоем.

**Омина:** Да, действительно, нашей независимой государстве нужны люди грамотные, образованные и владеющие языком. Потому что, будущее Родины зависит от квалифицированной молодёжи.

**Алиҷон:** Мы продолжатели дела наших отцов и дедов. И сегодня мы клянёмся, что будем хорошо учиться, будем трудиться и сделаем всё от нас зависящее, чтобы Родина стала ещё прекрасней, чтобы она превратилась в огромный цветущий сад.

**Омина:**
**Спасибо, Родина тебе**
**За все заботы обо мне.**
**За то, что в школу я хожу**
**За книгу, что в руках держу.**
**Алиҷон:**

**Великую землю, любимую землю**
**Где мы родились и живём,**
**Мы Родиной милой**
**Мы Родиной доброй,**

**Ҳарду:**
**Мы Родиной нашей зовём!**

**Марям:** Independenceis a very important thing. It gives freedom to countries of the world. All countries of the world recognized our Independence. We have good relations with all countries.

**Меҳроб:** Our country is developing day by day. We must defend our Independence. We should hold our friendship firm with other nations. The Independence and unity will lead us to prosperity.

**Райҳона:** Бигзор, муқаддасоти давлатдории миллӣ: забони модарӣ, ваҳдату ягонагӣ, Истиқлоли миллӣ ҳамсафари доимии мову шумо ба сӯйи фардои ободу осуда бошанд!

**Файзалӣ:** Дӯстони азиз, дар ин лаҳзаҳои зебо мехостем барои иҷрои рақси мавзун ба саҳна ҳаваскорони маҳфили "Ғунчаҳои санъат"-и мактабамонро даъват намоем. Марҳабо!

**Барномаи рақсии гулдухтарони мактаб**

**Райҳона:**

**Аҷаб дилкаш бувад обу ҳавои Тоҷикистонам,**
**Дилу ҷонам фидо бодо, барои Тоҷикистонам.**

**Файзалӣ:**
**Накуёнро ба тан ҷону ба сар ақли расо бахшад,**
**Чунин мулки базебу дилрабои Тоҷикистонам.**

**Райҳона:** Дӯстони азиз! Орзу мекунем, ки солгарди Истиқлол чун зинаи камолоти миллату давлат дар дили ҳар як фарзанди Тоҷикистон оташи меҳр, ҳамдиливу ҳамфикриро фурӯзон нигоҳ дорад ва донаҳои умеду эътимодро ба фардои неки Ватан ба нумуъ оварад.

**Файзалӣ:** Бале, бигзор иди муқаддаси Истиқлол барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбиҳо оварад!

**Омина:**
**Таджикистан-моя страна**
**Родные горы и долины.**
**Твоя судьба озарена,**
**Да будет наш народ счастливым!**

Пусть национальное единство, мир и стабильность, высокие стремления к независимости и благородные созидательные цели станут ориентиром хорошего будущего молодого и старшего поколения страны.

**Алиҷон:**
**Таджикистан-моя страна**
**Мы создаём своё богатство.**
**Ты миру вечному верна,**
**Да нерушимо будет братство!**

Пусть независимость таджикского государства, которая является даром Божьим и вечной жизнью, будет стабильной и растующей во веки веков!

**Файзалӣ:** Дӯстони муҳтарам! Барномаи адабӣ-мусиқӣ ба муносибати Рӯзи Истиқлоли Тоҷикистон бо як суруди зебо дар васфи Тоҷикистони азиз ҳусни анҷом мепазирад. Дар фарҷом бори дигар ин санаи муборакро таърихиро ба кулли ҳамватанон хуҷаста дониста, қайд менамоем:

**Эй дӯстон, муборак эҳёи Тоҷикистон,**
**Равшантар асту зебо фардои Тоҷикистон.**

**Ҳама ровиён якҷо:**
**Зиндаву поянда бод, халқи бунёдкор, созанда ва фарҳангофари тоҷик!**

**Лутфинисо ҲОҶИЕВА,**
**омӯзгори математикаи мактаби №8**
**ба номи М. С. Осимӣ, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров,**
**Ризои БАҲРОМЗОД,**
**ходими пешбари илмии Институти физикаю техникаи**
**ба номи С. У. Умарови АМИТ**

# АБДУРРАҲМОНИ СӮФӢ ВА ДАСТОВАРДҲОИ АСТРОНОМИИ Ӯ

## ЧЕҲРАКУШОӢ АЗ ДОНИШМАНДИ БУЗУРГИ ТОҶИКУ ФОРС, КИ ЧАНДОН ШИНОХТА НАШУДААСТ

Дар таърихи илм кашфиёту дастовардҳои зиёд ва муҳимме ҳастанд, ки аз тарафи гузаштагони баруманди миллати тоҷик тақдими ҷаҳониён гаштаанд, вале дар масири дароз ва пурпечутоби таърих ин кашфиёту ҳадамоти фарзандони миллати тоҷик аз ёдҳо фаромӯш шудаанд ё дар зери деворахои кохҳои вайроншудаи давраҳои тиллоии илми тоҷик гум гаштаанд.

Яке аз ин кашфиёти муҳимми таърихӣ дар илми астрономия мушоҳида ва сабти аввалини хаттии галактикаи Андромеда мебошад, ки аз тарафи Абдураҳмони Сӯфӣ кашф шудааст, вале бо таассуфи зиёд наберагони ин донишманди бузургу кашшоф аз он бехабаранд.

Галактикаи Андромеда (Расми 1) галактикаи равшантарини осмони ситоразор ва ягона объекте берун аз галактикаи Роҳи Каҳкашон мебошад, ки бо чашми одӣ дида мешавад. Шакли спиралӣ дошта, қутраш 47 килопарсек аст ва дар масофаи 2 537 000 соли рӯшноӣ аз Замин қарор дорад. Мушоҳидаҳои астрономӣ нишон медиҳанд, ки галактикае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем – Роҳи Каҳкашон ва Андромеда ба сӯйи ҳамдигар бо суръати 120 км/с ҳаракат карда, ба ҳам наздик мешаванд. Мувофиқи ҳисобҳо пас аз 4 млрд сол ин наздикшавӣ ба бархӯрди ду галактика оварда мерасонад. Худи раванди бархӯрд боз 2 млрд соли дигар идома карда, дар натиҷаи галактикаи нави эллипсшакл ба вуҷуд меояд.



*Расми 1*

Ин галактикаро дар соли 964 ситорашинос ва риёзидони тоҷику форс Абдурраҳмони Сӯфӣ мушоҳида карда, дар асари маъруфи худ «Китоб сувару-л-кавокиб ас-собита» («Китоби тасвири ситораҳои собита») дар боби “Кавокиби Миръоти Мусалсала” ӯро “ал-Миръоту-л-латӣ лам тарабаълан”, яъне “зани шӯйнодида” (ба юнонӣ “Ондромеда” хонанд) шарҳ дода, “латхаи саҳобӣ” номида буд.

Дар расми 2 саҳифае аз китоби Сӯфӣ ва тасвири дигари ҷойгиршавии бурҷҳо дар осмони ситоразор (расми 3) оварда мешавад ва мавқеи галактикаи Андромеда бо хати сурх нишон дода шудааст.



*Расми 2*



*Расми 3*

Маълумоти хаттие, ки аз аврупоиён доир ба ин галактика боқӣ мондааст, ба ибтидои асри 16 рост меояд. Аввалин мушоҳидаи телескопии он соли 1612 аз тарафи астрономи олмонӣ Симон

Марий сурат гирифтааст.

Замоне, ки сухан сари дастовардҳои кайҳоншиносии гузаштагони тоҷику форс меравад, аксаран дар мадди аввал Ибни Синову Берунӣ, Насируддини Тӯсиву Умари Хайёмро пеши назар меоранд, вале саҳми шахсиятҳое, ба мисли Абдурраҳмони Сӯфӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Аҳмади Фарғониву Ҷамшеди Кошонӣ низ кам нест ва онҳо низ хидматҳои барҷаста анҷом додаанд, ки ин ҷо дар бораи Абдурраҳмони Сӯфӣ маълумот медиҳем.

Абулҳусайн Абдурраҳмон ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Сахли Сӯфии Розӣ 8 декабри соли 903 мелодӣ (9 муҳаррами соли 291 ҳиҷрии камарӣ) дар шаҳри Рай (дар ҳудуди Эрони имрӯза) таваллуд шудааст. Дар бораи замони хурдии ӯ маълумоти кофӣ намондааст, вале аз рӯйи осори худаш дарк кардан мумкин аст, ки дар дарбори яке аз ҳокимони Оли Бӯя (Бувайҳиён) Азудуддавлаи Дайламӣ (936-983) дар шаҳри Исфаҳон зиндагиву эҷод кардааст. Дар дарбори шоҳ Сӯфӣ вазифаи мунаҷҷимиро адо карда, толеъномаи Азудуддавларо тартиб медиҳад ва ба ташреҳи осори илмии юнониён ва тарҷумаи онҳо ба забони арабӣ (махсусан, Ал-Маҷистии Батламиюс) машғул мешавад. Солҳои 946-947 Сӯфӣ ба шаҳри Динавар, ки дар 30 километрии шимолу шарқии Кирмоншоҳ воқеъ аст, меравад ва дар онҷо бо китоби ситорашиноси варзида Аҳмад ибн Довуд Абуҳанифаи Динаварӣ "Китобу-л-анвоъ" шинос мешавад.

Тибқи навиштаи Абурайҳони Берунӣ бо роҳбарии Сӯфӣ бори аввал дар соли 965 ва такроран солҳои 969-970 дар шаҳри Шероз ба хотири муайян кардани бузургии майли сафҳаи доиратулбуруҷ (эклиптика) нисбат ба сафҳаи самовӣ (экватор) ва нуктаҳои эътидоли зимистонию тобистонӣ мушоҳидаҳо сурат гирифтааст. Олимон бар ин назаранд, ки мушоҳидаҳо тариқи абзорҳои астрономие сурат мегирифтанд, ки худи Сӯфӣ сохта буд.

Абдурраҳмони Сӯфӣ 25 майи соли 986 дар 83-солагӣ (8 муҳаррами соли 376 ҳиҷрии қамарӣ) аз дунё гузаштааст.

Рисолаҳои риёзиву ҳайатшиносии зерин ба қалами Абдураҳмони Сӯфӣ мутааллиқанд: «Рисола дар амали ашколи мутасовиййа ул-азлаъ», «Китобу-с-сувар-ул-кавокиб ас-собита» («Китоби тасвири ситораҳои собита»), «Китобу-л-амал би-л-устурлоб» («Китоби амал бо устурлоб»), «Китобу-л-амал би-л-кура ул-фалакийя» («Китоби амал бо кураи фалакӣ (глобус)»), «Китобу-л-мадхал-ил-илм ан-нуҷум ва аҳкомиҳи» («Китоби муқаддима дар илми нуҷум ва аҳкоми он»).

Асари аз ҳама маъруф ва мондагори ӯ «Китоб сувару-л-кавокиб ас-собита» (965) мебошад, ки ба шарҳи бурҷҳои дувоздаҳгона, тавсиф ва вазъи онҳо дар гунбази фалак бахшида шудааст. Рисолаи «Китоби тасвири ситораҳои собита» аз тарафи муаррихони илм «Шоҳасари ҳайатшиносии мушоҳидавии асрҳои миёна» номида шудааст. Дар он тасвири 48 бурҷ ва ҷадвали 1017 ситораи собита дода шудааст. Аз феҳристи бурҷҳое, ки дар ин асар оварда шудааст, олимони давраҳои минбаъда (масалан, Берунӣ дар «Осору-л-боқия») истифода бурдаанд. Забони аслии китоби мазкур арабӣ буда, он 1 апрели соли 1250 (25 зилқаъдаи 647) аз тарафи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ба форсӣ тарҷума шудааст. Ин китоб дар ҷаҳони ислом хеле машҳур буда, қариб 500 сол дар фаъолияти ҳаррӯзаи ситорашиносон истифода шудааст, бинобар ин, то имрӯз нусхаҳои зиёди он боқӣ мондаанд. Яке аз машҳуртарин нусхаҳои «Китоби тасвири ситораҳои собита» дар Китобхонаи Бодлеани Оксфорд таҳти рақами "Marsh 144" нигоҳдорӣ мешавад (https://digital.bodleian.ox.ac.uk/.../2df22eed-a07a-4410.../).

Олимони Аврупои асримиёнагӣ бо феҳристи ситораҳои собит ва харитаи осмони ситоразори Сӯфӣ шиносоии хуб доштанд. Бахусус, китоби "Сувару-л-кавокиб" дар замони ҳукмронии шоҳи Кастилия – Алфонсои X (1252-1248) хеле машҳур гардида, паҳн шудааст, зеро дар солҳои 1256 ва 1276 ба забони испанӣ тарҷума гардидааст. Ин китоб соли 1341 ба забони итолиёвӣ ва бори аввал ба забони лотинӣ дар асри 13 тарҷума шуда, аксари номҳои ситораҳо маҳз аз ҳамин китоб ба Аврупо гузашта, то ҳол истифода мешаванд. Соли 1847 ба забони фаронсавӣ тарҷума гардидааст. Чопи нусхаи форсии ин китоб бори аввал, дар соли 1972 аз тарафи Муаззиддин Сайидбоқири Маҳдавӣ ва бори дувум, соли 2002 бо кӯшиши Беҳрӯзи Муширӣ (ҳар ду дар Теҳрон) чоп шудааст. Асари болозикр соли 2020 аз тарафи олими тоҷик Маҳмудҷон Холов ба забони тоҷикӣ таҳия ва нашр гардид (Расми 4).

## КАШШОФИ АСРОРИ КАЙҲОН




*Расми 4*

Сӯфӣ натиҷаҳои мушоҳидаҳояшро дар китобаш аз рӯйи сохтори зер овардааст: дар ибтидо ҳар як бурҷро таҳқиқ карда, доир ба тӯлу арз, қадр ё рӯшноӣ ва ранги ситораҳо маълумот медиҳад. Пас аз он, бурҷҳои юнонӣ бо бурҷҳои қадимии арабӣ муқоиса карда мешаванд ва номи онҳоро бо юнонӣ (аз рӯи китоби Батламиюс) ва арабӣ меорад. Сӯфӣ дар охири ҳар матн тасвири бурҷҳоро дар ду намуди тасвир (дар осмон ва кура) меорад, ки тасвири оинавии якдигаранд. Дар охир арзу тӯли эклиптикӣ ва қадри ситораҳоеро, ки ба бурҷ дохил мешаванд, меорад. Ҷадвалҳо барои 1 октябри соли 964 ҳисоб карда шуда, претсессия баробари 1$^{\circ}$ дар 66 сол шумурда шудааст. Бузургии қадри ситораҳои дар ҷадвал овардашуда натиҷаи расадҳои Суфӣ буда, ӯ 36% қадри ситораҳои китоби Батламиюсро тағйир додааст. Ғайри ин, ӯ бори аввал ситораҳои «саҳобӣ» (туманнокӣ)-ро пешниҳод, қадри ситораҳои 5-6 ва 6-7-ро ҷорӣ ва равшании дақиқи ситораҳоро додааст [акбар (+), асғар (-)]. Ин ҷо бояд зикр кард, ки мушоҳидаҳову расади Суфӣ бо чашми ғайримусаллаҳ ё чунонки худи ӯ мегӯяд «бо чашми дидор» буданд.

Аҳаммияти рисолаи «Сувар-ул-кавокиб» боз дар он аст, ки Суфӣ дар он кашфиёти бузурге дар илми астрономия (бахусус, дар кашфи ситораҳои дукӯша, туманнокӣ ва галактикаҳо) кардааст, ки пас аз гузаштани асрҳо тасдиқ шудаанд.

Масалан, дар тавсифи бурҷи Барсовуш Сӯфӣ менависад: «...Кавокиби аввали он латхаи саҳобист, ки ба пораи меғе монад ва бар рони Ноқа аст, чунонки дар сафҳи Зотулкурсӣ гуфта омад ва ӯ бар тарафи дасти рости сурат аст”. Ҳоло ин ҷирмҳои осмониро кластери NGC 869 ва NGC 884 меноманд.

Тарокуми ситоравии Collinder 399 ё тарокуми Брокчиро ӯ дар бурҷи Рӯбоҳак кашф кардааст, ки “тарокуми Сӯфӣ” низ номида мешавад (Расми 5). Дар бораи ин тарокум дар феҳристи астрономи итолиёвӣ Ҷованни Г. маълумот аст ва аз тарафи астрономи амрикоӣ Б. Далмеро харитаи он сохта шудааст.



*Расми 5*

Инчунин, Сӯфӣ доир ба астерзмҳои Nu1 ва Nu2 дар бурҷи Ромӣ (Қавс), Lambda Phi 1 ва Phi 2 дар бурҷи Ҷаббор, туманнокиҳои M44 (NGC 2632) дар бурҷи Саратон ва M7 (NGC 6475) дар бурҷи Ақраб маълумот додааст.

Кластери IC 2391-ро низ бори аввал кашф кардааст, ки он аз тарафи астрономи фаронсавӣ Николай Луи де Лакайл 11 феврали 1752 аз сари нав кашф шудааст.

Ишораи нахустини хаттӣ низ дар бораи мавҷудияти Абри Магеллании Бузург дар китоби Сӯфӣ омадааст ва “Ал-Бақар” номида шудааст.

Ба хотири гиромидошти номи ӯ астероиди 6585 PL, ки дар тасмаи берунии астреоидҳо қарор дорад, 12621 Alsufi номгузорӣ шудааст. Ин астероид 24 сентябри соли 1960 аз тарафи астрономҳои ҳолландӣ Ингрид ва Корнелис ван Хаутенҳо дар Донишгоҳи Лейден дар асоси омӯзиши фотолавҳаҳое, ки дар Расадхонаи Паломари ИМА аксбардорӣ шуда буданд, кашф шудааст. Қутраш тақрибан 7 км буда, дар 5 солу 6 моҳ як маротиба дар атрофи Офтоб чарх мезанад.

Соли 1935 аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии астрономҳо танӯрае дар сатҳи Моҳ низ ба хотири ин олими бузург Azophi номгузорӣ шудааст, ки номи Сӯфӣ дар Аврупо ба ин тарз гирифта мешуд (Расми 6). Қутри ин танӯра 47,5 км буда, ҷойи чуқуртарини он 3730 м аст. Ин танӯра дар координатаҳои селенографии 22°11′ арзи ҷанубӣ ва 12°42′ тӯли шарқӣ ҷойгир аст.

## КАШШОФИ АСРОРИ КАЙҲОН



*Расми 6*

Доир ба «Китоб сувару-л-кавокиб ас-собита» Эҳсон Ҳафиз дар соли 2010 дар Донишгоҳи Ҷемс Кук (Австралия) рисолаи докторӣ (PhD) ҳимоя кардааст (https://eprints.jcu.edu.au/28854/).

Рассоми машҳури олмонӣ, бузургтарин мутахассиси ҳунари чопи чӯбӣ (ксилография) Албрехт Дюрер (1471-1528) дар соли 1515 силсилаи се харитаи ситоравӣ ва ҷуғрофиеро дар сабки чопи чӯбӣ меофарад, ки дар онҳо харитаҳои нимкураҳои ҷанубӣ ва шимолии осмон ва Нимкураи шарқии Замин тасвир шудаанд. Дар ду сафҳаи харитаҳои осмони ситоразор шакли бурҷҳо аз рӯйи асотири юнонӣ тасвир шудаанд. Дар чор кунҷи харитаи нимкураи шимолии осмон расми чор астрономи барҷаста тасвир шудаанд: Оратус (чап ва боло), Батламиюси Қалузӣ (рост ва боло), Маркус Манилус (чап ва поён) ва Абдурраҳмони Сӯфӣ (рост ва поён) (Расми 7). Мушовири Дюрер дар офаридани ин харитаҳо донишманди машҳури австриягӣ Юҳаннои Стабиус (1460-1522) буд, ки мутахассиси шинохтаи соҳаи таърих ва хаританигорӣ ба ҳисоб мерафт. Ин тасвир нишондиҳандаи обрӯву эътибори хоссаи Сӯфӣ чун ситорашинос дар олами Ғарб аст.




*Расми 7*

Аз рӯйи тасвирҳои китоби Сӯфӣ устурлобҳои куравӣ сохта шудаанд, ки дар осорхонаҳои машҳури дунё нигоҳдорӣ мешаванд. Масалан, устурлоби куравии Юнус ибни Ҳусайни Устурлобӣ дар осорхонаи Лаври Фаронса нигоҳдорӣ мешавад. Ин устурлоб соли 540 ҳиҷрӣ, баробар ба 1144 милодӣ дар шаҳри Исфаҳон сохта шудааст (Расми 8). Он аз биринҷ сохта шуда, баландиаш 27 см, қутраш 16,5 см ва ғафсиаш 0,5 см буда, вазнаш 4,716 кг аст. Дар он 48 бурҷе, ки дар китоби "ал-Маҷистӣ"-и Батламиюс ва "Сувару-л-кавокиб"-и Абдурраҳмони Сӯфӣ омадаанд, бо нишон додани мавқеи 1025 ситора оварда шудааст.

Имсол аз кашфиёти галактикаи Андромеда 1060 сол пур мешавад, вале оммаи мардум дар мавриди ин кашшофи ин галактика - шахсияти фарзонаву донишманди ростину дақиқкор Абдурраҳмони Сӯфӣ маълумоти кофӣ надоранд. Пас, омӯзгорони мухтарами фанҳои дақиқро лозим аст, ки ҳангоми дарсҳо шахсиятҳои миллӣ, хидматгузор ва олимону мутафаккирони барҷастаи миллатро барои насли наврасу ҷавон бишиносонанд. Зеро шиносоии гузаштагони донишманд бар руҳияи хонандагон такони бузург бахшида, қадамҳои онҳоро дар самти омӯзиши фанҳои дақиқ боз ҳам қавитар мегардонад.



*Расми 8*

**Адабиёт:**

1. Абдурраҳмони Сӯфӣ. Сувару-л-кавокиб. Душанбе: Дониш, 2020. – 361 саҳ.

2. Матвиевская Г.П. Абд ар-Рахман ас-Суфи. 903-986. М.: Наука, 1999. – 100 с.

3. Hafez, Ihsan. Abd al-Rahman al-Sufi and his book of the fixed stars: a journey of re-discovery. Diss. James Cook University, 2010 – 393 p.

4. Ridpath, Ian. Star Tales. Cambridge (GB): The Lutterworth Press, 2018 – 224 p.

**Муҳаммадраҳим ТОШПӮЛОДОВ,**
**равоншиноси Литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# БАРОИ ШОДУ МАСРУР ЗИНДАГӢ КАРДАН ТАЛОШ КУНЕМ

Инсон дар баробари мушкилоти зиндагӣ ба сухани хушу руҳиябахш ҳамеша ниёз дошта, бо шунидани каломи пурмеҳру панди гӯшнавоз қалбаш таскин меёбад. Бузургону аҷдодони мо низ бо таваҷҷуҳ ба ин нукта дар эҷодиёташон ба мавзуи панду андарз ва даъват ба сабру шикебоӣ дар баробари шебу фарози рӯзгор, масъалаву мушкилоти сангини зиндагӣ диққати аввалиндараҷа дода, каломи нобу асарҳои мондагори зиёде ба мо мерос гузоштаанд, ки бо гузашти асрҳо ҳанӯз ҳам муҳиммияти худро аз даст надодаанд. Мо, ҳангоми рӯ ба рӯ шудан ба проблема ё масъалаи ҳалталаби ҳаёт метавонем ба осори пурғановати эшон рӯ биёрем ва бо мутолиаи онҳо ба қалбҳои хастаи худ таскин бахшида, оромиши равонӣ ба даст биёрем.

Сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ҳар маврид моро панд медиҳад, ки дар зиндагӣ роҳу равиши хешро пайдо кунем, аз мушкилоти пешомада наҳаросем, сабру таҳаммулро пеша намоем, ба ҳар чизе, ки Офаридгор насибамон гардондааст, қаноат намоему шукргузор бошем ва қонеъ будани худро бо миннатдорӣ изҳор намоем. Вақте ки кас ба доштааш қаноат кард, торҳои асаби ӯ аз ҳолати изтиробу беқарорӣ баромада, худро осуда ҳис менамояд, беҳуда хешро ранҷур намегардонад, яъне, дар банди такаллуф намезияд. Хоҳӣ, ки ҳаётат ором гузарад, ба одамоне, ки ҳолаш аз ҳоли ту беҳ аст, назар макуну андуҳгин машав, ба зиндагии шахсоне назар кун, ки ҳаёти пур аз ранҷро ба сар мебаранд ва баъд аз он сипосгузор бошу хушҳолона “бизӣ”. Шоир чунин зикр менамояд:

**Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,**
**Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.**
**Дар беҳ зи худ назар макун, ғусса маҳӯр,**
**Дар кам зи худӣ назар куну шод бизӣ.**

Бунёди зиндагӣ ва тариқи ба роҳ мондани он, қабл аз ҳама, ба дасти худи инсон аст. Ӯ метавонад, ҳаёташро хушбахтона гузаронад ва тарзи ҳаёти солимро пеша кунад, ё зиндагии пуршӯру шарро ихтиёр намояд. Вақте шахс ба дороии худ қаноат мекунаду шукргузорӣ менамояд, хотири ӯ оромиш мегирад, қалбаш таскин меёбад ва рӯзгори осударо мақбул медонад.

Дар ин боб андарзи донишманди бузург Унсурулмаолии Кайвовусро ба хотир меоварем, ки гуфтаҳои устод Рӯдакиро тақвият бахшидааст: “Ва агар хоҳӣ, ки аз баҳри рӯзӣ аз Худои таоло хушнуд бошӣ, ба касе манигар, ки ҳоли ӯ беҳтар аз ҳоли ту бошад, ба касе нигар, ки ҳоли ӯ аз ҳоли ту бадтар бошад, то доим аз Худованд хушнуд бошӣ. Ва агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун, то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар бошад ва бо хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад натавон ҳосил кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан. Пас, агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бе сурат, ки гуфтаанд: “Ал-адабу сурат - ул ақлӣ” (Адаб нишонаи хирад аст).

Агар мо худро ҳурмату эҳтиром намоем, бояд ба ҳамон андоза дигаронро низ мавриди эҳтиром қарор бидиҳем. Сухани хуб ба ҳама писанд аст. Пас, мо ҳангоми муоширaт бояд

ҳамон чизи писандидаро дареғ надошта истифода кунем, яъне, ҳарфи нек гӯем, то ки ба ивазаш лафзи ширину гуворо шунавем. Аз сухани нарму ширин ҳам шунаванда хушҳол мегардад ва ҳам худи гӯянда. Агар дар назди кӯҳ рафта, бо овози баланд сухани некро ба забон биоварию садо баланд кунӣ, аз ҷониби кӯҳ низ ҳамон каломи ширинро ба такрор мешунавӣ.

Мусаллам аст, ки инсонро дӯст дошта тавонистан ва нисбат ба ӯ меҳру муҳаббат доштан асоси хушбахтию хушҳолии худи инсон мебошад. Ин маъниро Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар рисолаи фалсафии хеш “Фиҳӣ мо фиҳӣ” чунин тавзеҳ додааст: “Акнун чун метавонӣ, ки шабу рӯз гулу гулистон бинӣ ва риёзи Ирам бинӣ, чаро дар миёни хористону мористон гардӣ? Ҳамаро дӯст дор, то ҳамеша дар гулу гулистон бошӣ. Ва чун ҳамаро душман дорӣ, хаёли душманон дар назар меояд. Чунон аст, ки шабу рӯз дар хористону мористон мегардӣ”.

Ҳаким Умари Хайём таъкид мекунад, ки хушбахтии инсон дар боигарии ӯ нест. Одамоне ҳастанд, ки хушбахтиро дар боигарӣ мебинанд. Онҳо бар он андешаанд, ки дар зиндагӣ агар одам ғанӣ бошад, ҳамаи мушкилоташ роҳи ҳалли худро меёбаду кас хушбахтона ҳаёт ба сар мебарад. Аз ин лиҳоз, одамони камбағал мудом бой шуданро орзу мекунанд, ғусса меҳӯранд. Онҳо намефаҳманд, ки доройӣ роҳи ба хушбахтӣ расидан нест. Бисёр одамони бодавлат ҳастанд, ки ҳаёти нохуш доранд. Шоири шаҳир, мутафаккири барҷаста Ҳаким Умари Хайём ба мо панд медиҳад, ки агар дар зиндагӣ нони хӯрданӣ дошта бошию соҳиби хонаву дар бошӣ, ба касе ниёз надошта бошию озодона зистан насибат гашта бошад, парво накун “шод бизӣ, ки хуш ҷаҳоне”дорӣ:

**Дар даҳр ҳар он кӣ ними ноне дорад,**
**Аз баҳри нишаст ошёне дорад.**
**Не ходими кас бувад, на махдуми касе,**
**Гӯ, шод бизӣ, ки хуш ҷаҳоне дорад.**

Овардаанд, ки дар замони қадим як шахси камбағал бо марди ғанӣ ҳамсояи девордармиён буд. Камбағал меҳнат мекарду ҳар чӣ ба даст меовард, бо аҳли оилааш меҳӯрду дегаш доимо меҷӯшид ва парвои дунё надошт. Ҳаёти орому осуда ва хушбахтона ба сар мебурд. Ҳамсояи бой мудом дар андешаи ҷамъ намудани сарват буд, дар зиндагӣ харҷ намуданро намепазируфт. Занаш бо ӯ ҷанҷол мекард, ки ҳамсояамон камбизоат бошад ҳам, ҳар рӯз дегаш дар ҷӯш аст, аммо мо бо вуҷуди доро буданамон дегамон холист. Ҳамсояи бой аз ҷанҷолу харҳашаи занаш безор шуда, роҳи ҳалли масъаларо андеша мекард. Охир ба хулоса омаду як бегоҳ сад тангаи тиллоро



ба халтачае андохта, аз болои девор ба сӯйи ҳавлии ҳамсоя партофт. Ҳамсоя пагоҳӣ аз хоб хеста ба ҳавлӣ мебарояду халтачаро мебинаду мегирад ва кушода тангаҳои тиллоро пайдо мекунад. Фикр мекунад, ки ин атои Худованд аст ва ба ҷое пинҳон мекунад. Аз ҳамон рӯз эътиборан шахси камбизоат ба фикр мезанад, ки чӣ кор кунад, ки тангаҳо зиёд шаваду кам не. Пас аз ду се рӯз ҳамсояи бой ӯро таклиф мекунад, ки аз ягон кас ба миқдори муайян қарз гираду ҳамроҳи ӯ ба тиҷорат машғул шавад. Ҳамсоя каме фикр мекунаду розӣ мешавад. Онҳо ҳамроҳ ба тиҷорат машғул мешаванд ва минбаъд ҳамсояи камбизоат низ шабу рӯз аз пайи ба даст овардани фоида мешавад. Дигар деги ӯ низ аз ҷӯшидан бозмемонад.

Инсон як бор ба дунё меояду меравад, пас ҳар лаҳзаи зиндагиро қадрдонӣ намудан лозиму саъю кӯшиш кардан зарур, ки он бо хушию шодмонӣ гузарад. Сарвати бебаҳои мулки ҷаҳон умр аст, ки чӣ тавр гузаронидани он ба худи инсон вобаста аст. Дар ин бора Хайём хуб гуфтааст:

**Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,**
**Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.**
**Ҳуш дор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон,**
**Умр асту чунонаш гузаронӣ, гузарад.**

Инсонро аз рӯйи аъмолаш баҳо медиҳанд. Хулқу хӯйи нек муаррифи хубии одам аст. Дар ҳама ҳолат бо ҳама – ҳам одамони нек ва ҳам одамони бад муносибати наку доштан зарур аст. Шахси нек ҳеҷ гоҳ ба роҳи бад наравад ва касеро озор надиҳад, чунки одату хӯйи ӯ некукорию некандешӣ аст. Агар ба дӯст бадӣ кардӣ, ба ту душман мегардад ва агар ба душман некӣ кунӣ, ба ту дӯст гардад. Ин маънӣ дар мисраъҳои зерини шоир хеле хуб садо додааст:

**Бо душману дӯст феъли неку некӯст,**
**Бад кай кунад он, ки некияш одату хӯст.**
**Бо дӯст чу бад кунӣ, шавад душмани ту,**
**Бо душман агар нек кунӣ, гардад дӯст.**

Ҳазрати Ҳофиз ин масъаларо басо возеҳу равшан ба қалам додааст. Агар хоҳӣ, ки дар ҳар ду ҷаҳон осудаву беғам, хотирҷамъу ором бошӣ, маънию мазмуни ин ду ҳарфро бо тамоми нозукҳояш дарк намо ва аз рӯйи он амал кун, яъне, бо дӯстон мурувват, ҷавонмардӣ, лутфу эҳсон намо ва бо душманон мадоро, бо нармӣ ва ҳусни хулқ рафтор ва муросо намо:

**Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,**
**Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.**

Як сабаби дар ҳаёт ноором шудани инсон аз чизе бим доштану бо тарс зистан мебошад. Аз ҳаводиси баде, ки оқибаташ поянда нест, аз он хиҷил шуда, ранҷида, ҳаёти худро ноором кардан маънӣ надорад. Аз он чизи нохуше, ки аз сарат гузашту дигар роҳи бозгашт надорад, онро аз нав ба ёд оварда, хотири худро нороҳат кардан ба кас ба ҷуз зарар суде намебахшад. Инсон ба оянда бояд мудом назари нек дошта бошад.. Чунон ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ("Девони Шамс", рубоиёти шумораи 986) фармудааст:

**Аз ҳодисаи ҷаҳони зоянда матарс,**
**В-аз ҳар чӣ расад, чу нест поянда, матарс.**
**Ин як дами умрро ғанимат медон,**
**Аз рафта маяндешу зи оянда матарс.**

Одамон барои мушкилоти пешомада бисёр ғусса мехӯранд, андуҳгин мешаванд, асабҳояшонро хароб мекунанд, ҳатто, бемор мешаванд. Бехабар аз он ки қимматтарину ноёбтарин сарвати инсол – солимии руҳу ҷисм аст, ки онро аз даст медиҳанд.

Вақте инсон ба моҳияти ҳастӣ мерасад ва маънии ҳаётро дарк мекунад, ба қадри сиҳатию саломатии худ мерасад, қалбаш таскин меёбад, хотираш ором мегирад, ба зиндагӣ бо умед, бо эътимоду боварӣ, бо мақсаду нияти нек назар менамояд.

Хулоса, бузургон бо ақидаҳои равоншиносии хеш мардумро равондармонӣ намудаанд, то ки дар ҳаёт зиндадил бошанду дар зиндагӣ бо нияту таманнои нек назар кунанд ва ҳаёти хушбахтона ба сар баранд. Пас, моро низ лозим аст, ки умри худро сарфи омӯзиш кунем ва барои шоду масрур зиндагӣ кардан талош кунем, на барои расидан ба таҷаллии бемаъно.

**Бобохон ҚАЮМОВ,**
**омӯзгори риёзии Литсейи №1-и шаҳри Исфара,**
**Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНА ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ ДАР РАВАНДИ ДАРС

Тараққиёти босуръати иқтисодиёти кишвар, хусусан, саноатикунонии мамлакат, рушди бонизоми зиндагии аҳолӣ аз мутахассисоне вобаста аст, ки мустақилона роҳи ҳалли масъалаҳои ҳаётиро бо коркардҳои пайвастаи худ дарёбанд ва онҳоро дар амал татбиқ намоянд. Барои ҳамин ҳам яке аз вазифаҳои муҳимми таълими математика ин аст, ки дар хонандагон салоҳияти кори эҷодии мустақилона пайдо шавад, то онҳо малакаи ҳосилкардаи худро барои боз ҳам баланд бардоштани савияи илмӣ-назариявии худ татбиқ карда тавонанд.

Донишу малакаҳои ба даст овардаи наврасон барои инкишоф додани зеҳният, истеъдод, маҳорат ва бедор кардани завқи эҷодкорӣ, ихтироъкорӣ ва созандагӣ дар ниҳоди онҳо мусоидат мекунад. Шогирдон бо роҳнамоии омӯзгорон мустақилона фикр кардан ва мустақил кор намуданро меомӯзанд.

Ташкили кори мустақилона якчанд хусусияту нозукиҳои ба худ хос дорад, ки дар сурати надонистани онҳо бисёр омӯзгорон ба мушкилиҳо дучор мешаванд. Чанд сол пеш дар дарси яке аз омӯзгорон иштирок доштам. Аз сабаби он ки рафти дарс ва таҳлили он ба мавзуи мазкур вобаста асту ибратангез мебошад, онро манзури хонандагон ва омӯзгорони ҷавон мегардонам, то дар раванди таълим бар нафъи корашон истифода баранд.

Дарс аз алгебра дар синфи нуҳ буд. Омӯзгор барои қисми ташкилӣ, пурсиши мавзуи дарсии гузашта ва дида баромадани иҷрои вазифаи хонагӣ тақрибан 15 дақиқа вақт сарф кард. Баъдан дар давоми даҳ дақиқаи дигар мавзуи нав - «Ҳалли машқҳо доир ба хосияти функсияҳо»-ро бо ҳалли ду мисол фаҳмониду дар тахтаи синф се мисолро оид ба ёфтани соҳаи муайянии функсия, нули функсия ва ҳал намудани як муодилаи квадратӣ навишт. Баъд аз ин ба хонандагон супориш дод, ки дар давоми даҳ дақиқа кори мустақилонаро иҷро кунанд.

Хонандагон корро оғоз карданд. Баъди гузаштани се дақиқа омӯзгор бо садои баланд:

-Бохабар шавед, ки соҳаи муайянӣ - ин қиматҳои аргумент қабул мекардагӣ аст ва дар ҳалли муодила аввал дискриминантро ёфтан лозим аст,-гуфта ба хонандагон мефаҳмонад.

Се дақиқа нагузашта хонандае даст бардошта, омӯзгорро ба ёрӣ даъват мекунад. Омӯзгор наздаш рафта, ба саволи ӯ ба овози баланду шунаво ҷавоб гардонд, ки хотираи дигар хонандагонро халалдор карда, диққати онҳоро ба худ ҷалб кард.

Дере нагузашта талабаи дигар аз қатори дуюм даст бардошта, омӯзгорро ба назди худ хонд. Баъди он ки омӯзгор дарк кард, ки мисоли дуюми коркардаи талаба тамоман нодуруст аст, бо асабонӣ ва садои баланд:

-Аҳмадов, сифри функсия гуфта, тамоман дигар чизро ҳал кардааст. Барои ёфтани нули функсия касрро баробари сифр карда, онро ҳамчун муодила ҳал кунед,-гуфта фикри дигар хонандагонро парешон кард.

Аммо хонандагон ба ин диққат надода, кори худро давом доданд. Омӯзгор бошад, байни қаторҳо роҳ гашта, кори хонандагонро назорат мекард, аммо тақ-тақи пошнаи пойафзолаш баланду гӯшхарош буд, ки ба асаби кас мерасид.

Пас аз якчанд дақиқа омӯзгор дид, ки се нафар хонандаи фаъол супоришҳоро иҷро карда, бекор нишастаанд. Аз ин ба хашм омада, дар тахтаи синф боз як мисоли дигар иловагӣ навишта, онро бо овози хеле баланд

ба хонандагон эълон кард. Бархе аз хонандагон мисолҳои пеш навиштаи омӯзгорро иҷро накарда, дили нохоҳам сар бардошта, ба мисоли навишта нигоҳ карданд. Пас аз лаҳзае хонандае даст бардошта, омӯзгорро ба назди худ хонд. Омӯзгор ба назди ӯ рафт ва дуру-дароз ба дидани кори вай машғул шуд. Дар ин вақт чанд нафар хонандаи дигар даст бардошта, муаллимро ба ёрӣ даъват карданд, аммо ӯ тавре худро вонамуд кард, ки гӯё онҳоро намешунавад ва ҳатто назди онҳо нарафт.

Ман, ки ҳар рафтори омӯзгори ҷавонро бо диққат мушоҳида мекардам, ногоҳ чашмам ба чор нафар талабае расид, ки бекор нишастаанд ва ба назар расид, ки аз ухдаи ҳалии мисолҳо набромадаанд. Аммо омӯзгор ба онҳо умуман диққат надода, кори худро идома медод.

Барои кори мустақилона, ки даҳ дақиқа ҷудо шуда буд, понздаҳ дақиқа гузашт. Ҳоло баъзе аз хонандагон мисолҳои додашударо ба охир нарасонида буданд, ки муаллим ду хонандаи «аълохон»-ро ба тахтаи синф даъват кард ва аз онҳо хоҳиш намуд, ки ҳалли дурусти мисолҳоро нависанду дигарон дурустии онҳоро ба дафтари навиштаи худ муқоиса кунанд. Вале онҳо ҳанӯз ҷавоби як мисолро нанавишта, садои занг баромаду дарс ба охир расид. Омӯзгор бо баъзе ҳаракатҳои нодурусти худ кори мустақилонаро ба охир нарасонд ва хонандагон аз дурусту нодуруст будани мисолҳои ҳалкардаи худ ноогоҳ монданд ва ҳатто, вазифаи хонагиро барои дарси оянда нагирифтанд. Агар ин равиши дарсро аз нуқтаи назари илмӣ-методӣ ва таълими салоҳиятнок таҳлил намоем, хато ва бо камбудиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешавем.

Аввалан, талаботе, ки ба кори мустақилона дода шудааст, иҷро нагардид. Яъне, ба хонандагон шароит ба вуҷуд оварда нашуд, ки онҳо мустақилона қоида, таъриф, формула ва дигар донишҳои гирифтаи худро дар амал истифода намоянд, чунки дар рафти дарс омӯзгор бо баъзе ҳаракатҳои нодурусти худ ба онҳо бештар халал расонид. Дар рафти кори мустақилона ӯ бо садои баланд додани саволи иловагӣ ва беҳуда қадам задан дар синфхона оромиши хонандагонро аз байн бурд. Аз ҳама камбудии ҷиддии омӯзгор ин буд, ки ӯ муайян карда натавонист, ки хонандагон мавзуи гузаштаро дуруст аз худ карда буданд ё не. Оё онҳо барои гирифтани кори мустақилона тайёр ва ба он омодагӣ дида буданд ё не?!

Баъди таҳлили ҳаматарафаи дарс ба омӯзгори ҷавон маслиҳату машваратҳои методӣ дода шуд, то ки ӯ дар рафти дарси дигар аз ин ҳаракатҳои нодурусти худ истифода накунад. Омӯзгори ҷавон камбудиҳои худро иқрор шуд ва ваъда дод, ки онҳоро дигар истифода накунад.

Дар ҳақиқат, гузаронидан ва ташкил кардани кори мустақилона якчанд душвориҳо ҷой доранд, ки барои бартараф кардани он, мо омӯзгорон бояд талош варзем ва бештар ба омӯхтани он саъю кӯшиш намоем. Аввалан, омӯзгорони ҷавон бояд дар гузаронидани кори мустақилонаи устодони ботаҷриба ва мактабдида бештар ширкат варзанд ва нозукиҳои онро дар дафтарчаи худ қайд кунанд ва онро дар кори ҳамешагии худ истифода намоянд. Беҳуда бузургон нагуфтаанд, ки: “Беҳтарин омӯзгор таҷриба ҳаст”.

Дигар ин ки, барои гузаронидани кори мустақилона бояд тамоми шароит муҳайё ва дастрас бошад, то хонанда ҳангоми навиштани кори мустақилона ғайр аз ҳалли мисолу масъала ва ё машқ фикри дигарро накунад. Дар ин ҳолат, омӯзгор диққати талабаҳоро ба худ ҷалб менамояд ва шавқу ҳаваси онҳоро дар ин кор зиёд менамояд.

Инчунин, барои хонандагоне, ки дониши хуб доранду фаъоланд супоришро сари вақт иҷро мекунанд, мисолу масъала ва ё машқи иловагӣ додан лозим нест. Омӯзгор бояд ҳар як кори мустақилонаи хонандаро бисанҷад, онро ислоҳ кунад ва мувофиқи сифати кори иҷрокардааш баҳо гузорад. Бояд гуфт, ки ин кор яке аз вазифаҳои асосӣ ва мушкилтарин барои омӯзгор аст. Баъзе аз омӯзгорон баъди иҷрои кори мустақилона, дафтарҳоро ҷамъ карда, берун аз дарс тафтиш мекунанд ва баҳо мегузоранд. Ин кор хуб аст, аммо

на ҳама вақт иҷрошаванда мебошад, чунки вақти зиёди омӯзгорро мегирад.

Баъзе омӯзгорон аз лавҳаҳои чархзананда истифода мебаранд. Як ё ду хонандаи аълохон кори мустақилонаро дар лавҳа иҷро мекунанд ва баъди ба охир расидани вақти додашуда, тарафи кори мустақилонаи иҷрошудаи лавҳа ба аҳли синф гардонида мешавад. Хонандагони дигар кори иҷрокардаи худро ба он муқоиса мекунанд. Дар ташкили кори мустақилона ва санҷишӣ кодоскоп, графопроектор, компютер ва лавҳаи электронӣ хеле натиҷаҳои хуб медиҳанд. Агар дар лавҳаи электронӣ ё коғазҳои шаффоф шарти машқҳо ва ҷавобҳои онҳо алоҳида - алоҳида тайёр карда шуда, бо ёрии графопроектор дар экран нишон дода шавад, хеле вақт сарфа мегардад.

Гирифтани кори мустақилона аз математика бо ёрии компютерҳо афзалияти худро нишон дода истодааст. Истифодаи мақсаднок аз маводи дидактикӣ, аудиовизуалӣ, аёният, тасвиру бозиҳои мантиқӣ шавқмандии хонандагонро ба омӯзиши математика бедор карда, дараҷаи салоҳиятнокии онҳоро рушд медиҳад.

Ҳалли машқҳои тестӣ ба муаллим имконият медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ ба иҷрои кор баҳогузорӣ намояд, истифодаи карточкаҳо низ хеле фоидаи калон дорад. Мо дар синфҳои болоӣ ҳангоми тафтиши корҳои мустақилона аз хизмати ёрдамчиён, ки аз миёни хонандагони аълохон интихоб карда мешаванд, истифода мебарем. Дар синфҳое, ки қисми зиёди хонандагон аълохону хубхон мебошанд, талабагон кори якдигарро тафтиш карда, хатогиҳоро меёбанд ва ба омӯзгор ҳисобот медиҳанд.

Дар ташкили кори мустақилона истифодаи маводи чор вариантаи а, б, в, г хеле муфид аст. Дар вариантҳои “а” ва “б” машқҳои нисбатан сода дода шуда, роҳи ҳалли баъзеи онҳо нишон дода мешавад. Дар вариантҳои “в” ва “г” бошад, машқҳои нисбатан мушкил пешниҳод карда мешавад, ки хонанда мустақилона роҳи ҳалли онҳоро ёбад.

Истифодаи усули «Ҳалли як мисол ё масъала бо якчанд роҳ» натиҷаҳои хуб медиҳад. Мо хонандагони синфро мувофиқи донишу маҳорату малакаашон дар аввали соли хониш, баъди санҷиш ба се гурӯҳ, аълохонҳо, хубхонҳо ва миёнахонҳо тақсим мекунем. Корҳои мустақилона ҳам ба ҳамин гурӯҳҳо мувофиқ, ҳархела, пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми ҳалли мисолҳо дар тахтаи синф ҳам, аввал гурӯҳи аълохонҳо, баъд хубхонҳою миёнахонҳо даъват мешаванд. Охири ҳар моҳ фаъолияти хонандагон ба ҳисоб гирифта шуда, тақрибан 25 фоизи гурӯҳҳо иваз карда мешаванд. Хонандае, ки ба натиҷаҳои хуб соҳиб шуд, ба гурӯҳи болотар бароварда шуда, хонандаи камфаъол ба гурӯҳи паст фуроварда мешавад. Ин усули кор, хонандагонро водор месозад, ки доимо барои соҳиб шудан ба натиҷаҳои хуб кӯшиш намоянд.

Намудҳои кори мустақилонаи талабагон аз математика хеле гуногун аст. Онро дар ҳамаи лаҳзаҳои дарс: ҳам дар вақти тафтиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзуи наву мустаҳкамкунии он ва ҳангоми супоридани вазифаи хонагӣ ташкил кардан мумкин аст. Боиси хурсандист, ки барои омӯзгорон «Роҳнамои фанни математика» дар асоси барномаи таълимии фан, бо дарназардошти муносибати салоҳиятноки таълим таълиф шудааст, ки кори омӯзгорро хеле осон мегардонад. Дар ин дастур ба таври мушаххас доир ба ҳар як мавзуъ ва тарзи гузаронидани машғулиятҳо, корҳои мустақилона ва санҷишӣ маълумотҳои дақиқ дода шудааст.

Тадқиқоти салоҳиятнок ба хонанда имкон медиҳад, ки шахсияти худро дар маҳорати ҷустуҷӯйи мустақилонаи ҳалли масъалаҳо нишон диҳад. Онро хотиррасон кардан лозим аст, ки омӯзгор баробари санҷидани дараҷаи дониши хонанда, бо ин роҳ сифати кори худашро низ месанҷад.

Вазифаи мо, омӯзгорон, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки барои тараққиёти давлати соҳибистиқлоламон ҷавонони аз ҷиҳати илмӣ ва зеҳнию сиёсӣ босаводро тарбия намуда, ба ҷомеа манзур гардонем.

**Фарзона ҲОШИМӢ,**
**магистри Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ**

# ҶАНБАҲОИ ҲУНАРИИ МАСНАВИИ "ПАНДНОМАИ АНӮШЕРВОН"

Осори мондагори панду ахлоқӣ яке аз сарватҳои маънавии миллати тоҷик маҳсуб шуда, асрҳои зиёд аст, ки барои рушди маънавиёти миллати тоҷику форс ва умуман, инсоният хидмати шоиста анҷом медиҳад. Яке аз чунин асарҳои мондагору ахлоқофар "Пандномаи Анӯшервон" мебошад. Ин асар тақрибан дар асри X суруда шуда, онро ба Бадеи Балхӣ мутааллиқ медонанд. Ин асар аз манзумаҳои ҷолиби ахлоқии тоҷику форс аст, ки яқинан асли он низ паҳлавӣ ва макони пайдоишаш сарзамини ниёкони мост. Қобили қайд аст, ки мазмуну мундариҷаи андарзномаҳои паҳлавӣ барои рушди адабиёти ахлоқию ҳикамии асрҳои миёна заминаи мусоиде фароҳам овардааст. Маҳз ба таъсири андарзномаҳои замони Сосониён минбаъд дар асрҳои дигар асарҳои пандуандарзӣ зиёд иншо гардидаанд. Саид Нафисӣ ин манзумаро дар маҷаллаи "Меҳр" мунташир сохта, асли пандномаро ба забони паҳлавӣ ва тарҷумаи насрии онро бо номи "Зафарнома" ба Абуалӣ ибни Сино нисбат медиҳад. Нахустин бор Баҳром Санҷоно матни паҳлавии "Пандномаи Анӯшервон" ва ду андарзномаи дигарро ҳамроҳ бо овонависӣ ва тарҷумаи англисии он дар шакли китобе бо номи "Ганҷи шойгон" соли 1885 дар Бумбай мунташир кардааст. Соли 1889 Худоёр Шаҳрёрӣ матни "Пандномаи Анӯшервон"-ро бо якчанд



пандномаи дигар бо тарҷумаи форсӣ дар китоби "Матни паҳлавӣ" ба чоп расонидааст. Дар соли 1930 матни паҳлавии панднома бо тарҷумаи мазомини он ба форсӣ дар китоби "Ахлоқи Эрони бостон", ки муаллифаш Эронӣ Диншоҳ зикр мешавад, чоп гардидааст. Чаҳор тарҷумаи форсии "Пандномаи Анӯшервон" то замони мо расидааст, ки тарҷумаи Кайвон Пурмакрӣ, тарҷумаи Муҳаммадтақии Баҳор, тарҷумаи Моҳёри Наввобӣ ва тарҷумаи Саид Нафисӣ мебошанд. Ин андарзномаро метавон ҳамчун дастур ё роҳнамое донист, ки бархе аз шоҳони Эрон дар поёни салтанати хеш ё ғолибан пеш аз марг дар бораи умури мамлакатдорӣ хитоб ба ҷонишинони баъдӣ навиштаанд. Аз ин ҷиҳат, метавон онро ҳамчун васиятномаҳои сиёсӣ низ ном бурд.

"Пандномаи Анӯшервон" дар баҳри мутақорибі мусаммани мақсур (фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаал; V– –, V– –, V– –, V–) суруда шуда, аз 436 байт иборат мебошад. Шакли боқимондаи ин маснавӣ аз муқаддимаву анҷом ва 94 банди дигар, ки ҳар кадоме унвон дошта, ҳадафи мавзуию ғоявии шоирро мушаххас менамояд, иборат мебошад. Аз ҷумла, унвонҳои "Гуфтор андар хирад гӯяд", "Дар оғози ин сухан гӯяд", "Хештаншиносро аз мо дурр диҳед", "Чизро ба арзониён арзонӣ доред", "Корро ба донандагон фармоед", "Балоро пазиро машавед", "Панди ҳакимон пазиред", "Ногуфтанӣ сухан магӯед", "Кори нокарданӣ макунед", "Ба корҳо сустӣ макунед", "Чун дар коре шавед, берун омаданро неку бингаред", "Корҳоро ба газоф макунед", "Молро фидои тан кунед", "Аз ин ҷаҳон номи неку баред", "Аз аввал ниҳол бинишонед, пас, он гоҳ дарахт барканед", "Чашму забону даст нигоҳ доред" ва ғайра, ҳар кадоме муҳтавои хоссеро, ки марбут ба ахлоқи шоиста аст, ироа менамояд.

Хулоса, манзумаи мазкур дар мавзуъҳои гуногуни иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, ҳикамӣ ва ирфонӣ суруда шудааст. Шиносоӣ ва мутолиаи “Пандномаи Анӯшервон” гувоҳи он аст, ки ин маснавӣ дар шакли то ба мо расидааш низ афзалиятҳои мавзуию мундариҷавӣ ва ҳунарӣ дошта, аз андарзномаҳои дигар фарқ дорад. Вале аз матни маснавӣ ва мавзуъҳои мавриди назар бармеояд, ки шоир аз андарзномаҳои пешин огоҳ будааст ва таъсирпазирӣ доштааст. Бадеи Балхӣ бо неруи тафаккур ва бардоштҳое, ки аз зиндагӣ доштааст, муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиро фаро гирифтааст, ки ҳадаф тарғиб намудани хислатҳои ҳамидаи инсонӣ будааст. Дар ин равиш шоир бо огоҳии комил аз масъалаҳои ахлоқӣ хислатҳои номақбулу разиларо нишон дода, шахсро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ кардааст. Дар пандномa масоили гуногуни таълим, ахлоқ, одоб, урфу одат, сиёсат, тарзи давлатдорӣ ва ғайра, дар шакли ҳикмат, маслиҳат, насиҳат ва васият баён гардидаанд.

Ин маснавӣ чун анъана бо ситоиши Худованди ҷаҳонофарин оғоз мешавад. Сипас, андарзҳое оварда мешаванд, ки саропо шомили дастурҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва динианд. Абёти андарзнома аз ҷиҳати сабку услуб содаву равон буда, шеъри ӯ, воқеан, ҳамон идомаи услуби даврони Сомонист, аммо хушоҳангу комилтар ба назар мерасад. Сабки шеърияти Бадеъ сабки “саҳли мумтанеъ” аст, ки “дар гуфтан осон намояду дар навишт мушкил”.

Аз ҳамин осоре, ки аз Бадеи Балхӣ то ба имрӯз расидааст, маълум мешавад, ки вай аз шоирони тавонои ҳавзаи адабии Чағониёни замони ҳукмронии Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ будааст. 436 байти боқимонда гувоҳи умқи андеша ва ҳунари шоирии Бадеи Балхӣ буда, ӯро метавон дар қатори поягузорони маснавии форсии тоҷикӣ ном бурд.

Аз боқимондаи “Пандномаи Анӯшервон”-и Бадеи Балхӣ низ бармеояд, ки ӯ дар маъниофарӣ ба ҳамасрони худ, аз ҷумла, ба Абушакури Балхӣ пайравӣ намуда, дар гуфтани ашъори ҳикамӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҷойгоҳи ба худ хосеро ишғол намудааст.

Аз маҷмуи боқимондаи пандномаи Бадеи Балхӣ бармеояд, ки ин маснавӣ мавзуъҳои муҳимми ахлоқиро фаро гирифта, тӯли қарнҳо мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб буда, то ба имрӯз маҳфуз мондааст. Гузашта аз ин, Бадеъ бунёди шеърро бар асоси таълимоти адабӣ, фалсафӣ, динӣ (зардуштӣ, ислом) ва ирфонӣ гузошта, умқи назар ва андешаи шоиронаи хешро бо зевари тасвири бадеӣ ба мутолиаи андешамандон гузоштааст.

“Пандномаи Анӯшервон” бо дигар осори паҳлавӣ пайванди амиқ дорад ва дар аксарияти маврид ба он ишора шудааст. Бо вуҷуди он ки асари Бадеи Балхӣ ба нақли комил то ба имрӯз нарасидааст, аммо андешаи муаллифашро дар роҳи ислоҳи ахлоқи башар дар бар мегирад ва ин байтҳое, ки аз ин маснавӣ дар дасти мост, консепсияи ахлоқии ин шоири сухандонро ифода мекунад. Худи унвонҳое, ки шоир ба ҳар фасли ин панднома гузоштааст, далели соҳиби сохтори мундариҷавӣ ва ҳунарии ҳикамӣ будани он аст. Лаҳни носеҳонаи маснавӣ далели он аст, ки шоир муҳимтарин масоили ахлоқӣ ва таълимии замонашро фаро гирифтааст, ки барои имрӯз низ пурарзиш ва қобили қабул аст.

Асли консепсияи ахлоқии шоирро дар ин маснавӣ, пеш аз ҳама, ақлу хирад ва рафтори ҳамидаи инсонӣ ташкил мекунад. Чун ба андарзнома рӯй меоварем, маълум мешавад, ки Бадеи Балхӣ аз қонунҳои бар нафси инсон ҳоким, боварҳои омма ва низоми арзишии ҷомеаи инсонӣ ба хубӣ огоҳ будааст. Ҳадафи ахлоқияш аз таълифи ин маснавӣ қабл аз ҳама ислоҳи инсон ва нишон додани роҳи камол ба ӯст. Вай ҳамчун як шоири ориф бо илҳом аз равишҳои ахлоқии гузаштагон, бахусус, равишҳои тарбиятии гузаштагони илму адаб, китобҳои ахлоқӣ, Авесто, Қуръони карим хостааст бо андарзҳои ҳакимона ҷомеаро ислоҳ карда, усули худсозӣ, тақвияти ирода ва ахлоқро биомӯзонад ва инсонро ба сӯйи саодати абад раҳнамоӣ кунад.

Дар байтҳои зер Бадеи Балхӣ аз ҳадафи таълими панднома сареҳан ёд мекунад:

**Бибояд пазируфт панди ҳаким,**
**Ки панди ҳакимон беҳ аз зарру сим.**
**Танатро зи панд аст бисёр суд,**
**Аз он кас, ки гӯяд, бибояд шунуд.**
**Ҳар он, к-ӯ пазирандаи панд нест,**
**Ба ҷуз аз дари хорию банд нест (3).**

Сохтори маснавии “Пандномаи Анӯшервон” мисли маснавиҳои пешин аст. Дар панднома чун анъана ситоиши Худованд зикр мегардад ва пас аз ситоиши ҷаҳонофарин илҳом аз ҳакими Тӯсӣ

(Абулқосими Фирдавсӣ) абёте дар бораи хирад ва хирадмандӣ, инчунин, дониш баён шудааст:

**Сипос аз Худованди чархи баланд,**
**Ки дар дил нагунҷад аз ӯ чуну чанд.**

**Ҷаҳонофарин кирдгори сипеҳр,**
**Фурӯзандаи пайкари моҳу меҳр...**
**Ниҳоле зи дониш бикорам ҳаме**
**Хирадро бар ӯ баргуморам ҳаме (3).**

Сипас, чанд нукта дар васфи хирад ва тавъам будани он бо донишу ахлоқ зикр гардидааст:

**Чу дониш бувад бо хирад, беҳтар аст,**
**Ки кон дониш асту хирад гавҳар аст.**
**Хирад барнишинад абар тахти оҷ,**
**Хирад барниҳад бар сари мард тоҷ (3, 80).**

Дар банди якум сухани Хусрави Анӯшервон омадааст, ки ҳангоми марг ба ояндагон чанд насиҳате мекунад, ки мардум бояд аз корҳои зишт бипарҳезанд ва ба кори савобу хайр рӯй оваранд:

**Ҷаҳондида деҳқон чунин кард ёд,**
**Ки Кисро чу тоҷи шаҳӣ барниҳод,**
**Ба пирӯз рӯзе яке сур кард,**
**Ҷаҳонро аз аҳриманон дур кард...**
**Ҷаҳондор ёри ҷаҳоншоҳ шуд,**
**Баландахтару афсари моҳ шуд.**
**Набишта чунон буд абар тоҷ-бар,**
**Ки: Эй марди доно, ба худ дарнигар! (3, 81)**

Мавзуи асосии ин панднома, ки саросар ҳикмату андарз аст, бештар ҷанбаи амалию сода дорад ва ёдовари пандҳоест, ки аз бузургони форсу тоҷик ба ҷой мондааст. Мазомине, ки дар ин панднома истифода шудааст, дар бештари китобҳои адабӣ ва таърихӣ, бавижа “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ омадааст.

Дар ҳар банд, ки аксар шомили 4 байт аст, шоир ривоятҳои гуногунро аз забони афроди мухталиф ҳудуди 75 нафар оварда, ки баъзе аз онҳо шахсиятҳои таърихӣ ва асотирӣ аст, ки чанде аз онҳоро мисол меорем:

**Чунин гуфт дар “Дафтари Синдбод”,**
**Ки шоҳе зи пешиниён кард ёд,**

**Ки ман бистадам ганҷ аз мардумон,**
**Бар арзониён додам аз баҳри ҷон (3, 84).**

***

**Чунин гуфт дар “Дафтари Зардуҳишт”,**
**Ки: Мардони доно раванд дар биҳишт (3, 85).**

***

**Шунидам, ки Нӯшервон чун бимурд,**
**Зи гетӣ ба ҷуз номи некӯ набурд (3, 99).**

Дар як андарзи “Пандномаи Анӯшервон” Бадеи Балхӣ бо истифода аз ҳамон афсонаи “Рӯбоҳи нодон” (дар матни панднома ҳамчун “достон” зикр гардидааст) ёдоварӣ мекунад ва панд медиҳад, ки хеле муассир аст:

**Ба коре, ки андар шудан ройи туст,**
**Бурун омаданро нигаҳ кун дуруст.**
**Бибин, гар тавонӣ, бурун омадан,**
**Пас он гоҳ кун азми андар шудан,**
**Ки бо посбон паҳлавон Ардашер**
**Яке достон зад, ки рӯбоҳи пир**
**Ба сӯрох андар шуданро шитофт,**
**Бурун омадан роҳ ҷусту наёфт (3, 93).**

Ҷое Бадеи Балхӣ ишора ба “Номаи офарин” дорад, ки манзур ҳамон “Офариннома”-и Абушакури Балхист ва зикр кардан ба маврид аст, ки шоир дар манзумаи хеш бо таъсирпазирӣ аз Абушакури Балхӣ пандҳояшро ироа кардааст:

**Нигаҳ кун, ки дар “Номаи офарин”**
**Чӣ гӯяд сарояндаи покдин:**
**“Биёмӯз, ҳарчанд битвониё,**
**Магар хештан шод гардониё” (3, 155).**

Ҳадафи ҳар як андарзнавис ташвиқи ахлоқи шоиста ва тарбияи башар аст. Аз ин ҷост, ки ҳикматҳои Бадеи Балхӣ ба сиришти инсон ва хулқи некуи ӯ ихтисос дошта, бархе аз ҳикматҳои “Пандномаи Анӯшервон” баргирифта аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва намунаҳои эҷодиёти шоирони пешин аст. Аз ҷумла:

***“Аз омӯхтан шарм накун”.***
**Хирадро биёмӯз аз омӯзгор,**
**Бар омӯхтан - бар ту айбе мадор (3, 80).**

***“Ҳафт бор чен куну як бор бур”***
**Чунин гуфт дар дафтарон марди хур,**
**Барандоз ҷома, пас он гаҳ бибур (3, 94).**

***“Поята чени кӯрпаат дароз кун”***
**Аз андоза бартар манеҳ пойи хеш,**
**Хирадро нигаҳ дор бар ҷойи хеш (3, 111).**

**ПАЖУҲИШ**

Равиши андарзнигории Бадеи Балхӣ хеле одист. Ин шоири латифтабъ дар тавзеҳи масоил кӯтоҳбаёнӣ ва содагиро пеша намуда, саъй кардааст, ки аз калимоти душвор канора ҷӯяд. Дастрасӣ ба маъно дар ин панднома ба ҳаддест, ки барои шарҳ зарурате намемонад. Аммо дар баробари ин забони шеър вижагии забони куҳани форсиро дорад ва ҳам аз таркиботи арабӣ дар мавридҳое истифода шудааст. Бадеи Балхӣ дар истифодаи калимаҳои арабӣ кӯшиш кардааст, ки чунин вожаҳои арабиро истифода намояд, ки онҳо байни омма ҳазф шудаанд Кам андар кам ба мушоҳида мерасад, ки аз каламоти арабии мушкилфаҳм истифода шуда бошад. Аз ҷумла:

**“Музаъфар” (заъфарон, зардранг)**
**Бипӯшидӣ аз нури меҳр осмон**
**Музаъфар яке ҷомаи парниён (3, 82).**

**“Муттаҳам” (туҳматзада)**
**Чу хоҳӣ, ки ҳаргиз набошӣ дижам,**
**Манеҳ пой дар хонаи муттаҳам (3, 117).**

**“Ғаммоз” (суханчин)**
**Бувад дархури сад ҳазорон ҷафо,**
**Ҳар он, к-ӯ зи ғаммоз ҷӯяд вафо (3, 123).**

Танҳо дар як порчаи панднома ба мушоҳида расид, ки Бадеъ барои ифодаи афкори хеш аз таркиби арабии “ло ҳусна фиҳ” истифода намудааст, маънояш “дар он ҳеч хубие нест” маънидод мешавад:

**Мабар дил ба ишва ба чуну магар,**
**Абар мардуми сифла ранҷат мабар,**
**Ки сифла бувад беҳифозу сафеҳ,**
**Наёбӣ хисолеву "ло ҳусна фиҳ" (3, 136).**

Дигар аз мушаххасоти “Пандномаи Анӯшервон” ин аст, ки аксар маврид сухан аз забони афроди номуайяншахс, ки ба сифатҳои гуногун зикр шудаанд, омадааст. Ба мисоли “марди палос, шоҳи нав, фарзонаи пешбин, марди ҳур, донои некусухун, марди нек, донои посухгузор, ҷаҳондида мард, донои тоза, марди род, донои гарданфароз, донандаи бостон ва ғайра:

**Яке достон гуфт марди палос,**
**Ки камтар касӣ, хештанро шинос (3, 83) .**

**Чунин гуфт фарзонаи пешбин,**
**Ки баргашта бисёр гардад замин (3, 87).**

***

**Чунин гуфт дар дафтарон марди ҳур,**
**Барандоз ҷома, пас он гаҳ бибур (3, 94).**

***

Ба илова таркибҳои зебоӣ ҳам ба сурати васфи ахлоқӣ омада, ки қобили таваҷҷуҳ аст: фарши бедод, доми бало, мушки соро, боди ҳавас, шуҳра зан, гавҳари шоҳвор, доми ҳавас ва ғайра. Чанд намуна аз ин таркибҳо:

**Ба доду диҳиш дар ҷаҳон фош гашт,**
**Ҳама фарши бедодҳо дарнавашт (3, 81).**

***

**Зи нокарданӣ дур дорӣ барат,**
**Ба доми ҳавас дарнаёрӣ сарат (3, 89).**

***

**Сухан чун накӯ бошаду аслдор,**
**Бувад беҳ зи сад гавҳари шоҳвор (3, 159).**

Хулоса, “Пандномаи Анӯшервон” дар мавзуъҳои гуногуни иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва ҳикамӣ суруда шуда, шоир бо истифода аз санъатҳои бадеӣ, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва ривоятҳои таърихӣ асарашро қавӣ намудааст. Бадеи Балхӣ бо нерӯи тафаккур ва бардоштҳое, ки аз зиндагӣ доштааст, муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиро тарғибу талқин кардааст.

Омӯзиши ин асар бори дигар моро ба ҷаҳони одобу ахлоқ, таълим ва хислатҳои шоиста ошно намуда, ба дарки маънои зиндагӣ водор менамояд. Бовар дорем, ки ин нигошта ҷиҳати боз ҳам ошно шудани мо ба адабиёти гузаштаамон мусоидат карда, барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёт ҳамчун маводи методии иловагӣ кумак намояд.

**Адабиёт:**

1. Абдулманнони Насриддин. Куллиёти осор. –Хуҷанд: “Хуросон”, 2013.- 605 саҳ.
2. Аҳмад Гелонӣ. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. –Теҳрон: “Фирдавс”, 1377 ҳ. -569 саҳ.
3. Ашъори ҳакимон ва орифон. –Душанбе: “Адиб”, 2010. -480 саҳ.
4. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. –Теҳрон: “Фирдавс”, 1349 ҳ. -705 саҳ.

ПУРСИШ-ПОСУХ

**Таҳияи Ҳасан АЗИЗОВ,**
**"Маърифати омӯзгор"**



# ЭССЕ ЧИСТ ВА ОНРО ЧӢ ТАВР БОЯД НАВИШТ?

Як гурӯҳ хонандагони соҳибэҳтироми маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" аз роҳбарият ва кормандони маҷалла хоҳиш намуданд, ки дар бораи жанри эссе ва тарзи дуруст навиштани он маълумоти муфассал навишта, нашр намоянд. Чунки хонандагону донишҷӯён, бархе аз омӯзгорон ва дигар сокинони мамлакат ҳангоми иштирок дар Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" вақти навиштани эссе аз сабаби он ки маълумоти кофиву дуруст дар бораи ин жанр надоранд, ба хато роҳ медиҳанд. Дар ҳақиқат, дархости онҳо бамаврид ва мақсаднок аст.

Ҳамагон огоҳанд, ки яке аз талаботи боби 6 (оид ба талабот ва довталабони озмун) банди 36 Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ин аст: "Аз довталаби номинатсияи эҷоди наср таълифи 5 ҳикоя, 5 афсона, 2 эссе (барои хонандагони синфҳои 9-11), 5 ҳикоя, 5 афсона, 2 эссе, 1 повест, 1 драма (барои гурӯҳҳои дигар) талаб карда мешавад. Барои пешниҳоди роман афзалият дода мешавад".

Дигар ин ки масъалаи ҷорӣ намудани эссе (кори хаттӣ) ҳангоми супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳанӯз соли 2011 ба миён омада буд. Барои муайян намудани шакли кори хаттӣ Маркази миллии тестӣ давоми солҳои 2011-2013 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чанд маротиба озмоиши кори хаттӣ (навиштани диктант ва иншо) доир намуд. Натиҷаҳои озмоиш дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардид. Аз рӯйи ин натиҷаҳо қарор қабул карда шуд, ки кори хаттӣ ба тарзи эссе – иншои мухтасар роҳандозӣ шавад. Пас аз он навиштани эссе (кори хаттӣ) барои ҳамаи гурӯҳи ихтисосҳо ҳатмӣ мебошад.

Ба ақидаи мутахассисони соҳа, ҳадаф аз ҷорӣ намудани навиштани эссе гузариш ба стандартҳои фаннии нав дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки истифодаи модули сифатан нави таҳсилот - муносибати босалоҳиятро дар таълим талаб мекунад, инчунин, ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ворид намудани эссе (кори хаттӣ) амри зарурӣ буда, тавассути он маҳорати дуруст ва мураттаб баён кардани фикр, саводнокӣ ва рушди нутқи хаттии хонандагон (хатмкунандагон)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ санҷида мешавад.

Вобаста ба ин, мо ҳам тасмим гирифтем, ки оид ба жанри эссе ва тарзи дуруст навиштани онро ба хонандагони мухтарами маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" маълумоти муфассал таҳия карда, пешниҳод намоем.

**Эссе чист ва чӣ тарз навишта мешавад?**

**"Эссе"** аз калимаи лотинии **"exagium"** (санҷиш) ва фаронсавӣ **"essai"** (кӯшиш, ҷустуҷӯ, таҳлил, таҷриба, санҷиш, қайдҳои алоҳида) гирифта шуда, ба маънои очерк ва иншои мухтасар фаҳмида мешавад. Яъне, эссе як навъи очерки хурд ё иншои мухтасар буда, дар он баёни фикр озод аст. Дар эссе муаллиф андешаи худро доир ба мавзуи пешниҳодшуда мухтасар ва асоснок баён карда, аз рӯйи он ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои шахсии эссенавис муайян мегардад. Эссенавис метавонад, дар мавзуъҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва ғайра эссе таълиф кунад. Мақсад аз навиштани эссе дар Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ муайян кардани нутқи хаттии довталабон, маҳорати андешаронӣ, хулосабарорӣ, баёни дуруст ва мураттаби фикри онҳо мебошад.

Муаллиф ҳангоми таълифи эссе ба масъалаҳои зерин диққат медиҳад:

- орзу ва хостаҳои шахсии худро бо пайдарпайии мантиқӣ ва бадеият баён мекунад;

- дар бораи ягон ғоя ё мазмуни асар, назару андешаи олимон, шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ ва ё воқеаву рӯйдодҳои фарҳангӣ, таърихию иҷтимоӣ ва монанди инҳо изҳори назар мекунад.

Дар эссе мавзуъ ва масъалаи баррасишаванда мушаххас мебошад. Дар он танҳо тарҷумаи ҳоли шахсият таҳлил карда намешавад. Эссе метавонад хусусияти публитсистӣ, таърихӣ, шарҳиҳолӣ, адабӣ-интиқодӣ, фалсафӣ ва ё тахайюлӣ дошта бошад.

Дар эссе ҳиссиёт, ҷаҳонбинӣ ва назару андешаи муаллиф таҷассум меёбад.

Эссенавис дар инъикоси мавзуи эссе аз истифодаи калимаю ибораҳои мушкилфаҳм ва таъбиру ибораҳои шевагӣ, калимаю ифодаҳое, ки ба меъёри забони адабӣ мувофиқат намекунанд, худдорӣ менамояд. Ӯ метавонад аз воситаҳои тасвири бадеӣ, ибораҳои фразеологӣ, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ (тавсиф, маҷоз, ташбеҳ, муболиға, таҷнис, такрор), савол ва нидои риторикӣ, ибораву ҷумлаҳои ҳамвазну ҳамқофия ва монанди инҳо ба таври васеъ истифода кунад.

Сохтори эссеро аз рӯйи мавзуъ ба се қисм ҷудо мекунанд:

-сарсухан:
-қисми асосӣ:
-хулоса.

Дар сарсухан муаллиф фикрашро доир ба мавзуи эссе кӯтоҳ ифода менамояд. Ӯ дар якчанд сархат барои дурустии фикраш далелҳои мантиқӣ оварда, мақсадашро оид ба интихоби мавзуъ ифода мекунад. Далелҳое, ки ҳангоми баён (иқтибос аз суханҳои бузургони илму адаб, асарҳои бадеию таърихӣ ва сиёсӣ, овардани мисолҳо аз рӯзгори шахсиятҳои маъруф ва ё дидаю шунидаҳои худи муаллиф) барои исбот ва ё тақвияти ғоя ё фикри асосӣ оварда мешаванд, бояд саҳеҳ, равшан ва асоснок бошанд. Агар барои андешаҳои баёншуда як ё чанд далел оварда шавад, онҳо бояд ба мавзуъ алоқаманд гардонида шаванд. Дар сарсухан риояи пайванди мантиқии таркиби баён яке аз шартҳои асосии таълифи эссе мебошад.

Ҳангоми навиштани сарсухани эссе ба назар гирифтани баъзе нуктаҳо, аз ҷумла, масъалагузорӣ дар сарсухан, пайдарҳамии мантиқии фикру андеша зарур аст.

Дар сарсухан масъалаи гузошташуда бо тартиб таҳлил гардида, бо далелу иқтибосҳо аз гуфтор ё осори шахсиятҳои маъруф асоснок карда мешавад. Далелҳо бояд равшану фаҳмо, мулоҳизаронихо мантиқӣ ва саҳеҳ бошанд.

Дар қисми асосӣ мақсади муаллиф бояд бо ҷумлаҳои сода возеҳ ва равшан ифода ёбад. Дар ин қисм матлаби эссенавис муфассал шарҳ ёфта, маҳорат ва малакаи эҷодии муаллиф аз рӯйи он равшан мегардад. Дар қисми асосӣ мавзуъ пурра таҳлил шуда, мақсаду мароми эссенавис муфассал ифода меёбад. Дар ин қисмат баёни андеша, тарзи тахайюл, маҳорату ҷаҳонбинии муаллиф ошкор мешавад.

Дар хотима муаллифи эссе хулосаҳои худро доир ба интихоби мавзуъ, ҳалли он ба таври кӯтоҳ дар якчанд сархат баён месозад.

Бо тартиби муайян баён кардани андешаю матлаб дар жанри эссе шарти асосӣ мебошад. Аз такрори зиёд, суханбозиҳои беҳуда худдорӣ намудан ба манфиати эссенавис аст.

Он дорои мавзуъ ва ғояи бисёр буда наметавонад, дар он танҳо як вариант ва як фикр инъикос меёбад. Эссе ҷавоб ба як савол аст. Дар эссе бисёрсуханӣ ҷоиз нест, он чунон ки дар боло зикр шуд, бояд мухтасару пурмаъно ва беғалату тезисҳо бо далелҳо собитшуда бошанд.

**Варақаи эссе**

Варақаи эссе аз сиёҳнавис ва тозанавис иборат аст.

Дар варақаи сиёҳнавис номи мавзуе, ки эссенавис аз панҷ мавзуи пешниҳодшуда интихоб мекунад, навишта мешавад. Ҳаҷми варақаи сиёҳнависи эссе бояд на камтар аз 1,5-2 саҳифа бошад. Шакли варақаи эссе аз ҷониби Маркази миллии тестӣ муайян карда мешавад.

Довталаб пас аз эссеро дар сиёҳнавис навиштан, бояд онро ба варақаи тозанавис рӯбардор намояд (Намунаи варақаи тозанавис дар замимаи 1 дода шудааст).

Дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ барои навиштани эссе 90 дақиқа вақт муқаррар шудааст. Дар ин муддат довталаб бояд андешаашро дар ҳаҷми то 2 саҳифа дар варақи андозааш А4 (21х29,7 см) баён намояд.

**Тарзи тафтиши эссе ва холгузорӣ ба он**

Тафтиши эссе аз рӯйи талабот ва меъёрҳои муайянкардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Ҳангоми тафтиш ва холгузории эссе ба мазмуну мундариҷаи он ва риояи имло, аломати

китобат ва услуб эътибор дода мешавад.

1. Ба мазмуну мундариҷаи эссе аз рӯйи 4 меъёр хол гузошта мешавад. (Замимаи 2)

• мувофиқати пурраи мазмун ба мавзуи интихобнамуда;

• мукаммал ва муътамад будани далелҳои баёншуда (иқтибос аз суханҳои бузургони илму адаб, асарҳои бадеию таърихӣ ва сиёсӣ, овардани мисолҳо аз рӯзгори шахсиятҳои маъруф ва ё дидаю шунидаҳои худи муаллиф);

•риояи комили мантиқ ва тартиби бонизоми баён;

• ҷамъбаст ва хулоса.

Агар эссеи навиштаи довталаб ба меъёрҳои муқарраршуда ҷавобгӯ бошад, ба он 30 хол гузошта мешавад (18 хол барои мазмуну мундариҷа ва 12 хол барои риояи қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб).

Аз тарафи эссенавис саҳеҳ ва пурра таҳлилу баррасӣ шудани мавзуъ баёнгари дарки дурусти қоидаҳои навиштани эссе аз ҷониби муаллиф мебошад.

Риоя накардани қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб дар ҳошияи варақаи эссе бо аломатҳои шартӣ ишора гардида, теъдоди онҳо дар хоначаи пешбинишуда нишон дода мешавад.

Дар сурати риоя нагардидани қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб аз ҷониби довталаб аломатҳои шартии зерин гузошта мешавад:

• риоя нагардидани қоидаҳои имло. Дар зери чунин калимаҳо як хатти рост кашида мешавад. Мисол: милат (шакли дурусташ – миллат); омузгор (шакли дурусташ - омӯзгор)…

Дар ҳошияи варақа риоя нагардидани қоидаҳои имло бо аломати шартии I ишора мешавад;

• риоя нагардидани аломати китобат. Дар зери чунин калимаҳо ё аломатҳои китобат (ки гузошта нашудааст ёноҷо гузошта шудааст) як хатти рости бурида кашида мешавад. Мисол: романи Дохунда (шакли дурусташ – романи “Дохунда”); мо хонандагон (шакли дурусташ – мо - хонандагон); вақте, ки (шакли дурусташ – вақте ки).

Дар ҳошияи варақ риоя нагардидани аломати китобат бо аломати шартии V ишорат мешавад;

• риоя нагардидани қоидаҳои услуб. Дар зери ҷумлаҳое, ки қоидаҳои услуб риоя нашудаанд, хатти кӯтоҳи мавҷнок кашида шуда, он дар ҳошияи варақ бо аломати шартии ʃ ишора мегардад.

Эссенавис бояд қоидаи гузоштани сархат (абзатс)-ро риоя намояд. Дар сурати риоя нагардидани қоидаи мазкур он дар варақи эссе бо аломати махсус (z) ишора гардида, вале ҳангоми холгузорӣ ба ҳисоб гирифта намешавад.

Барои баҳогузорӣ (холгузорӣ)-и дуруст ва воқеӣ як эссеро ду мутахассис (дар алоҳидагӣ) месанҷанд. Ҳар як мутахассис рамзи худро дорад ва теъдоди риоя нагардидани қоидаҳои имло, аломати китобат ва услубро, ки онҳо дар натиҷаи санҷиши эссе муайян намудаанд, дар катакчаҳои дахлдори варақаи кори хаттӣ ишора мекунанд. Агар холҳои ба мазмуну мундариҷаи эссе гузошта ва теъдоди риоя нагардидани қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб, ки аз ҷониби ду мутахассис муайян гардидаанд, ба ҳам мувофиқат накунанд, корро мутахассиси сеюм месанҷад.

Варақаи тозанавис барои тафтиш ва холгузорӣ гирифта мешавад ва варақаи сиёҳнависро довталаб бо худ мебарад.

Хулосаи мутахассиси сеюм ниҳоӣ ва ҳалкунанда мебошад.

Пас аз тафтиш барномаи махсуси компютерӣ аз рӯйи холҳои ба мазмуну мундариҷаи эссе гузошта ва теъдоди риоянашудаи қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб дар эссе холи умумии ба дастовардаи довталабро ҳисоб мекунад.

Ҳангоми холгузорӣ ҳаҷми эссе низ ба назар гирифта мешавад.

Ҳаҷми пурраи кори хаттӣ, тавре ишора гардид, аз рӯйи талабот ва вақти барои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҷудогардида, 2 саҳифаи варақи андозааш А4 (21х29,7 см) мебошад.

Аз рӯйи меъёри муқарраргардида ҳаҷми эссе ба ду бахш (0 ва 1) тақсим гардида, дар ҳошияи варақаи кори хаттӣ аломатгузорӣ мешавад. Вобаста ба ин агар ҳаҷми эссе 0 бошад, ба он аз рӯйи ягон меъёр хол гузошта намешавад.

Агар эссе дар ҳаҷми ду саҳифа бо риояи комили қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб таҳия шуда бошад ва ё то дар 2 ҳолат риоя нашудани имлою аломати китобат ва дар 1 ҳолат риоя нагардидани услуб навишта шуда бошад, мувофиқи меъёр холи ҳадди аксари ба он гузошташаванда ба 12 баробар мешавад (замимаи 3: Холгузорӣ ба эссе тибқи риояи қоидаҳои имло,

аломати китобат ва услуб).

Агар риоя нагардидани қоидаҳои мазкур дар эссе аз ин зиёдтар бошад, холҳо камтар мешаванд.

Миқдори умумии холи бадастовардаи довталаб бо ҷамъи холҳо мувофиқи ҳар меъёр (вобаста ба мазмуну мундариҷа ва дараҷаи риояи қоидаҳои имло, аломати китобат ва услуб) ҳисоб карда мешавад.




Масалан, агар ҳаҷми эссеи довталаб (расми 1) ба 2 саҳифа баробар бошад, он чунин холгузорӣ карда мешавад:

Расми 1. Намунаи холгузорӣ ба эссеи хонанда

1) Барои мазмуну мундариҷаи кори хаттӣ:

• мувофиқати мазмун ба мавзуъ – 4 хол;

• мукаммал ва муътамад будани далелҳои баён – 2 хол;

• риояи комили мантиқ ва тартиби бонизоми баён – 2 хол;

• ҷамъбасти пурраи андешаи эссенавис ва хулосабарорӣ – 2 хол.

2) Вобаста ба дараҷаи риояи қоидаҳои имло, аломатҳои китобат ва услуб:

• дар 4 ҳолат риоя нагардидани қоидаҳои имло – 4 хол;

• дар 7 ҳолат риоя нагардидани қоидаҳои аломати китобат – 2 хол;

• дар 5 ҳолат риоя нагардидани қоидаҳои услуб – 2 хол.

Дар натиҷа холи умумии хонанда ба 18 баробар мешавад:

4 + 2 + 2 + 2 + 4 + 2 + 2 = 18 хол.

**Намунаи эссе**

***Мавзуъ: Китоби дӯстдоштаи ман***

Одамони бомаърифат дӯстдорони илму донишанд. Онҳо пайваста мутолиа мекунанд, китоби дӯстдоштае доранд, ки аз андешаронӣ, гуфтору рафтори қаҳрамонҳои он бахра мегиранд ва дар зиндагӣ ба кор мебаранд. Мехоҳам, доир ба ин мавзуъ андешаи худро баён намоям.

Китоб сарчашмаи дониш аст, моро бо гузаштаи дуру наздик мепайвандад, бо ҳаёти имрӯз, бо фарҳанги мардумони гуногун ошно месозад. Китоб моро дарси мардонагӣ ва одамият меомӯзад. Аз ин рӯ, китоб дӯсти беҳтарини инсон ва роҳнамои зиндагист. Ба гуфтаи Абдураҳмони Ҷомӣ:

**Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,**
**Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.**

“Аниси кунҷи танҳоӣ”-и ман китоби дӯстдоштаам “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ мебошад.

Дар ин асари безавол инсонпарварӣ, худшиносӣ ва ватандӯстӣ аз мавзуъҳои асосӣ ба шумор меравand. Дар ин достони қаҳрамонӣ хираdпешагию фарҳангпарварии Ҳушангу Ҷамшед, Кайхусраву Анӯшервони одил, донишдӯстиву зиракии Бузургмеҳри ҳаким, қаҳрамонию ватанпарастии Рустами Дастону Сиёвуш барин мардони бузург ва ватандӯстии Гурдофариди далер хеле возеҳ ва равшан тасвир шудаанд. Дар асоси мутолиаи достон фарҳангдӯстиву ватанпарварии фарзандони гузашта равшан мешавад. Сухани Бузургмеҳри ҳакимро шоири ватандӯст чунин ифода намудааст, ки “Ба мардумон беҳтарин ҳунар доноӣ ва хирад аст”.

Ин таъкиди шоир ба ман писанд омад, ки ӯ ва қаҳрамонаш доноӣ ва хирадро ситоиш намудаанд. Имрӯз дар пайравӣ аз ин сухан мо илму дониш меомӯзем, техникаю технологияи замони муосирро аз худ мекунем. Медонем, ки танҳо бо илму дониш, бо рӯй овардан ба фарҳанги миллӣ мо ба худшиносӣ мерасем ва инсондӯсту ватанпарвар мешавем.

Китоб бузургтарин сарвати маънавии инсоният аст ва маҳз китоб аст, ки дар натиҷаи мутолиаи он инсон тарбия меёбад ва ба камоли маънавӣ мерасад.

Бояд гуфт, ки мардуми тоҷик аз қадимулайём китобдӯсту китобнавис мебошад. Агар таъкид созем, ки мардуми моро аз гаҳвора то турбат китоб ҳамрозу анбоз аст, муболиға нахоҳем кард. Модарони тоҷик дар зери сари кӯдакон девони Ҳофизу Мавлавӣ ва Бедилро мегузоштанд, то ки бо шарофати ин гуна китобҳои арзишманд фарзандонашон фарҳангдӯсту маърифатпарвар шаванд. Хушбахтона, ин анъанаи нек то ба ҳол идома дорад ва бояд ин суннати наҷибро мо ба ояндагон ба мерос гузорем.

Хулоса, “Шоҳнома” ва асарҳои ба он монанд роҳнамои инсонҳо дар ҷодаи ҳаёт мебошанд. Маҳз аз мутолиаи чунин китобҳо роҳи худро равшан менамоем ва ба худшиносӣ мерасем. Дӯст доштани халқу Ватан, эҳтиром гузоштан ба гузаштаву имрӯза аз мутолиаи китобҳо сарчашма мегирад. Дар ин робита, меҳоҳам, сафи дӯстдорони китоб зиёд бошад, китобро чун обу нон ва ҳавое, ки нафас мегирем, ҳама азизу гиромӣ доранд.






**Замимаи 2: Ҷадвали меъёри холгузорӣ ба мазмуну мундариҷаи эссе (кори хаттӣ)**

| № т/р | Меъёр/ талабот | Холи имконпазир | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мувофиқати мазмун ба мавзуъ:<br>- мутобиқати муҳокима ва хулосаҳо ба мавзӯъ | Мазмуни эссе ба мавзуъ мувофиқ нест<br><br>0 | Мазмун ва хулосаи эссе ба мавзуъ каме наздик аст<br><br>1 хол | Муҳокима ва хулосаҳои муаллифи эссе ба мавзъ асосан мувофиқ аст<br>2 хол | Муҳокима ва хулосаҳои муаллифи эссе муфассалу пурра ва фарогири мухтавои мавзуъ аст<br>3 хол |
| 2 | Далелҳои баён:<br>- иқтибос аз суханҳои бузургони илму адаб, асарҳои бадеию таърихӣ ва сиёсӣ, овардани мисолҳо аз рӯзгори шахсиятҳои маъруф ва ё дидаю шунидаҳои худи муаллиф | Дар эссе муаллиф далел наовардааст. Далелҳои оварда ба мавзуъ мувофиқ нест<br><br>0 | Муаллиф дар тақвияти баёнаш як далел овардааст<br><br>2 хол | Муаллиф аз далелҳо (ду далел) барои тахкими фикр истифода кардааст. Далелҳои овардашуда ба мавзуъ мувофиқ аст<br><br>4 хол | Муаллиф аз далелҳои бадей, таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳаётӣ хуб истифода намуда, андешаҳояшро бо иқтибосҳо тақвият додааст (зиёда аз се далел)<br><br>6 хол |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Мантиқ ва тартиби баён: -риояи пайдарпайии фикр | Муаллифи эссе фикрашро бо тартиб баён карда натавонистааст 0 | Муаллифи эссе андешаҳояшро ҷо-ҷо бо тартиб баён кардааст 2 хол | Муаллифи эссе андешаҳояшро бо тартиб баён кардааст 4 хол | Муаллифи эссе андешаҳояшро хеле хуб баён намуда, мустақилона андешаронӣ кардааст 6 хол |
| 4 | Хулоса: - ҷамъбасти фикр ва хулосаи ниҳоии довталаб | Дар эссе ҷамъбасти фикр дида намешавад 0 | Муаллифи эссе дар ҷамъбасти фикраш душворӣ кашад ҳам, фикрашро хулоса карда тавонистааст 1 хол | Муаллифи эссе аз муҳокимаҳои худ хулоса баровarда, фикрашро асоснок кардааст 2 хол | Муаллифи эссе мустақилона ибрози андеша ва хулосабарорӣ намуда, фикрашро бо далелҳо ҷамъбаст кардааст 3 хол |

**Замимаи 3: Ҷадвали тартиби холгузорӣ ба эссе**

| Ҳолатҳои риоя нагардидани қоидаҳои имло | Холи имконпазир | Ҳолатҳои риоя нагардидани аломатҳои китобат | Холи имконпазир | Ҳолатҳои риоя нагардидани қоидаҳои услуб | Холи имконпазир |
|---|---|---|---|---|---|
| 0-2 | 5 | 0-2 | 4 | 0-1 | 3 |
| 3-5 | 4 | 3-5 | 3 | 2-4 | 2 |
| 6-8 | 3 | 6-8 | 2 | 5-7 | 1 |
| 9-11 | 2 | 9-11 | 1 | 8 .... | 0 |
| 12-14 | 1 | 12 …. | 0 | | |
| 15…. | 0 | | | | |

**Маводи иловагӣ оид ба таълифи эссе**

1. Маълумоти иловагӣ оид ба жанри эссе

Эссе бо наср навишта мешавад ва ҳаҷман хурд буда, банду баст ё таркиби озод дорад. Ҳадаф аз навиштани эссе доир ба мавзуъ ё вазъияти муайян иброз намудани андешаи шахсӣ аст, ки бидуни шарҳу тавзеҳи ниҳоӣ ва бебаҳс анҷом дода мешавад.

Дар «Донишномаи мухтасари адабӣ» (Краткая литературная энциклопедия) қайд гардидааст: «Эссе шакли насрии иншои ҳаҷман хурд ва таркибан озод аст, ки масъалаи шахсӣ, кӯшиши интиқоли таассуроти фардӣ ва ҳар чизи ба он вобастаро шарҳ медиҳад».

Баъзе нишонаҳои эссе инҳоянд:

- ҷой доштани мавзуъ ва масъалаи мушаххас. Дар жанри эссе асари адабӣ, илмӣ ва оммавӣ ба таври умумӣ таҳлил мешавад;
- эссе таассурот ва тасаввуроти фардиро оид ба мавзуъ ва масъалаи муайян ифода менамояд;
- эссе сухани наву огоҳона буда, метавонад мазмуни адабӣ-танқидӣ, фалсафӣ, таърихӣ-тарҷумаиҳолӣ, публитсистӣ, илмӣ-оммавӣ ва соф тахайюлӣ дошта бошад;
- дар мазмуни эссе аҳволу осори нависанда кӯтоҳ баён гардида, бештар ҷаҳонбинӣ, андеша ва хидматҳои ӯ дар рушди адабиёт баҳогузорӣ мешавад.

Эссе барои муайян кардани ҷаҳонбинӣ, баёни андеша ва сатҳи саводи навиштории довталабон ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва қабул шудан ба кор исти-

фода мешавад. Озмуни эссе барои интихоби дурусти довталабон мусоидат менамояд.

Эссе барои муайян кардани маҳорат, малака, тарзи тафаккури мустақилонаи эҷодӣ ва ифода намудани андешаҳои шахсӣ нақши асосӣ мебозад.

Навиштани эссе хеле муҳим буда, имкон медиҳад, ки эссенавис андешаашро возеҳ ва дурусту босаводона ифода намояд.

Дар эссе андешаҳои муаллифи эссе оид ба мавзуъ дар шакли мулоҳизаҳои мухтасар нигошта мешаванд. Онҳо бояд бо далелҳо исбот карда шаванд.

Далелҳо аз худи мавзуъ сарчашма гирифта, зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, вазъият ва таҷрибаҳои ҳаётӣ, исботи илмӣ, истинод ва андешаҳои олимонро дар бар мегиранд. Барои исботи мақсад муаллиф агар далели қотеъ оварда тавонад, кифоя мебошад. Овардани далелҳои дигар зиёдатӣ аст, зеро талаботи ин жанр, ки равшанӣ ва мухтасарбаёниро тақозо дорад, халалдор мегардад.

Ҳангоми навиштани эссе омилҳои зерин низ муҳим дониста мешаванд:

1. Сарсухан ва хулоса ба мазмуни масъала нигаронида мешавад. Дар сарсухан масъалагузорӣ ва дар хулоса ҷамъбаст сурат мегирад.

2. Гузоштани сархат, ишора кардани сатрҳои муҳим ва нигоҳ доштани пайванди мантиқии сархатҳо ҳусни кор ба шумор меравад.

3. Сабки эссе. Сабки эссе равону сода буда, дар он андеша возеҳу равшан ифода мешавад. Дар эссе унсурҳои бадеӣ истифода шуда, матлаб пурра тасвир мегардад.

**2. Таснифоти эссе**

Вобаста ба мазмун жанри эссе ба шаклҳои зерин ҷудо мешавад:

- эссеи фалсафӣ
- эссеи адабӣ
- эссеи таърихӣ
- эссеи бадеӣ
- эссеи бадеӣ-публисистӣ ва ғайра.

**3. Талабот ба эссе**

Талаботи умумӣ ба жанри эссе аз инҳо иборатанд:

1. Ҳаҷми хурд. Ҳаҷми эссе набояд аз 2-5 саҳифа зиёд бошад.

2. Мавзуи мушаххас ва шарҳу тавзеҳи он. Мавзуи эссе мушаххас буда, наметавонад аз якчанд мавзуъ ва идеяву андешаҳои зиёд иборат бошад. Он доир ба як паҳлуи мавзуъ ифрози фикру андешаро тақозо мекунад.

3. Таркиби озод. Эссе шеваи озоди нигоришро пазируфта, дар шакли нақлӣ, таҳлилӣ навишта мешавад. Муаллиф сабки муносиб интихоб карда, назари хешро возеҳу равшан ифроз менамояд.

4. Ягонагии маъноӣ. Эссе таркиби озод дошта, муҳокимаҳои муаллифро пурра ифода менамояд.

**4. Қоидаи навиштани эссе**

- Аз қоидаҳои маъмулии расмӣ танҳо гузоштани сарлавҳа мумкин аст.
- Сохтори дохилии эссе озод аст. Он шакли хурди кори хаттӣ меошад.

5. Риоя нагардидани талабот ҳангоми навиштани эссе

Вақти навиштани эссе маҳдуд буда, мусанниф бояд кӯшиш намояд, ки дар вақти ҷудошуда корро ба анҷом расонад.

А. Дуруст насанҷидан

Пас аз навиштани эссе онро бодиққат хонед, то боварӣ ҳосил намоед, ки дар он ифодаҳои номафҳум ба кор нарафтааст.

Б. Сарсухани дилгиркунанда. Кофӣ набудани ҷузъиёт. Сарсухан бояд дароз набошад ва якчанд сархатро дар бар гирад. Мақсади муаллиф бояд дар он возеҳ ифода ёбад.

В. Ифодаҳои дароз. Дар жанри эссе баёни ҷумлаҳои сертаркиба ҷоиз нест. Ифодаву ҷумлаҳо бояд дар эссе кӯтоҳ бошанд ва мақсадро возеҳ ифода намоянд.

Г. Бори эссе набояд вазнин бошад. Ҳангоми навиштани эссе калимаҳоро аз луғатномаҳо истифода набаред. Истифодаи нодурусти баъзе калимаҳо таваҷҷуҳи муаллифро коҳиш дода, аҳаммияти эссеро заиф мекунад.

6. Худсанҷишии эссе. Ҳангоми навиштани эссе санҷиши варианти аввали он муҳим мебошад. Ҳангоми сиёҳнавис кардан вазифаи асосии шумо баёни пайдарҳами андешаҳоятон мебошад. Пас аз навиштани варианти аввал онро як бор аз назар гузаронида, сипас ба таълифи варианти ниҳоии он оғоз намоед.

**Адабиёт:**

1. https://www.maorif.tj
2. Дастур доир ба тарзи таълифи Эссе, Душанбе: Маориф-2018.
3. С. Аминов, Забони тоҷикӣ, китоби дарси барои синфи 8 мактаби таҳсилоти умумӣ, “Собириён” Душанбе 2007.

**Зафар САЙИДЗОДА,
Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия,
доктори илмҳои таърих**



# ҲИФЗУ ГИРОМИДОШТИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВАЗИФАИ ҶОНИИ ҲАР ЯК СОҲИБВАТАН АСТ

Шароити истиқлоли милливу давлатӣ ва равандҳои умдаи густариш ва такомули шахсият, ҳамчун инсони худшинос, тақозо мекунанд, ки мактабу донишгоҳ дар маркази ҷаҳду талош бахри расидан ба ҳадафҳои бузург дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт қарор гиранд. Тарбият кардани шахсиятҳо ва мусаллат сохтани онҳо барои ҳифз ва густариши ҳарчи бештари Ваҳдати миллӣ бидуни ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ ғайримумкин аст. Агар инсон чандин забон донад, вале дар сухан гуфтан ба забони модарӣ қодир набошад, ӯро наметавон шахси пешрафта номид. Дар ин нигошта перомуни ҷойгоҳи забон, баъзе мушкилоти ҷойдошта ва бузургу муқаддас будани забони тоҷикӣ мулоҳиза, пешниҳод ва андешаҳо дар бахшҳои алоҳида баён гардидаанд.

### Неру бахшидан ба раванди табдили забони адабии тоҷикӣ ба забони умумимиллӣ

Нерумандтарин забон ҳамон забон аст, ки сохтори забони меъёр бо сохтори гӯишу лаҳҷаҳои гӯяндагонаш фарқи хеле кам дошта бошад.

Имрӯз забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсат, қонунгузорӣ, коргузорӣ, муоширати байни сокинони кишвар, забони илму фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма дар истифодаи васеъ қарор дорад ва ба ин забон санадҳои ҳуқуқӣ, созишномаҳо ва қарордодҳои муҳимми байналмилалӣ таҳия мегарданд, дар минбарҳои бузург ва муътабари ҷаҳонӣ забони давлатӣ танинандоз аст ва дар сатҳи ҷаҳонӣ беш аз пеш маъруфият касб менамояд, ҳамаи ин моро водор месозад, ки ба забони худ арҷ гузорем ва барои рушду такомули он ба таври ҳамагонӣ талош варзем. Кӯшиш намоем, забони модарии худро ба забони фарогир, яъне, ба забоне, ки на фақат дар саҳифаи китобҳову рӯзномаҳо менависему аз минбарҳо ва дар телевизион гап мезанем, балки дар ҳаёти одӣ ва бо наздикону дӯстону ҳамсоягону ҳамватанон бо он суҳбат мекунем, табдил диҳем.

Чунин ба назар мерасад, ки гӯё мо як фурсати мусоидеро мунтазирем, то ин ки ба сухан гуфтан бо забони меъёр оғоз кунем, дар сурате ки ин фурсат кайҳост, ки оғоз шудааст. Мо бояд дар ҷомеа чунин муҳите барпо кунем, ки ҳар фард пеши худ вазифа гузорад: ӯ бояд на танҳо забони давлатиро хуб донад, балки онро дар гуфтор бо ҳама кас ва дар ҳама ҷо ба кор гирад.

Ба манзури ҷиддӣ намудани талаботи забондонии онҳое, ки довталаби масъулиятҳои роҳбарӣ ва намояндагӣ дар парлумони кишвар ва мақомоти намояндагӣ дар маҳалҳо мешаванд, бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як зумра санадҳои марбут меъёрҳое дохил карда шуданд, ки донистани хуби забони давлатиро ба таври ҳатмӣ тақозо мекунанд.

### Меъёр ва ҳусни баён

Шевову равон ва дурусту беғалат сухан гуфтан мавзуи ҳамешагӣ дар ҳар забон аст, вале дар забони мо ин масъала аҳаммияти бунёдӣ дорад, зеро зебоӣ, латифӣ, ширинӣ хоси забони тоҷикӣ мебошанд. Забони тоҷикӣ бо вожагони зебову савти дилнишин ва баҳамомезии мавзуни калимаҳо гӯши шунавандаро менавозад ва ҳамчун нағмаҳои парандагони хушхон қалбу рухи инсонро фараҳманд мегардонад.

Зоти забони тоҷикӣ ширин аст ва дар

ҳамбастагӣ бо савтиёти гуворо ва маънову мафҳумҳои баланд, зинату зевари ҳунариву бадеӣ некутарин ва баландтарин мақому ҷойгоҳро дар ҷамъи забонҳои дунё соҳиб гаштааст. Бисёре аз шаркшиносони номдори ҷаҳон забони тоҷикии форсиро медонанд. Ва ҳангоме ки аз онҳо мепурсанд, ки чаро забони моро омӯхтаанд, посух медиҳанд, ки осори навишташуда ба забони тоҷикии форсӣ ганҷинае аз илму донишу маърифат аст, аз ин рӯ, мехоҳанд худашон, бе миёнарав, ба ин ганҷи гаронбаҳо даст ёбанд.

Дар Бангладеш дар маросими таваллуди навзодон мардуми ин кишвар ашъори Мавлоноро ба забони асл аз ёд мехонанд, ҳарчанд ки забони тоҷикиро хуб намедоданд. Ё ин ки Суруди миллии Покистон ба забони тоҷикӣ аст ва бисёре аз бузургони илму адаб ва сиёсати ин мамлакат ба забони тоҷикии форсӣ ошноӣ доранд.

Мо, ки меросдори азамати таърихии ин забони тавоно ва шево ҳастем, бояд аз соҳиби чунин забони оламгир будан бинозем, талош кунем, ки бар тавоноиву шевоияш биафзоем, бо ишқу дилдодагӣ ба поку беолоиш нигоҳ доштани ин ганҷинаи гаронбаҳо худро масъул шуморем. Аммо набояд ин ҳама изҳори муҳаббату садоқат ба забони миллиамон ҷанбаи эъломӣ дошта бошад, балки бо тарзи гуфтори дуруст, бо риоя намудани қоидаҳои имло ва бо корбурди санъати каломи бадеӣ собит намоем, ки мо ворисони сазовори ниёгонамон ҳастем.

Мутаассифона, имрӯзҳо дар васоити ахбори омма, ки конуни омӯзиши забон бояд бошанд, гоҳе корҳое рух менамоянд, ки ба забони расмии кишвар осеб мерасонанд. Забони баъзе рӯзномаву маҷаллаҳо бо калимаҳову истилоҳоти ғалату душворфаҳмашон ба талаботи забони меъёр ҷавобгӯ нест. Дар маводи чопкардаи аксари рӯзномаҳо, ҳатто, қоидаҳои қабулшудаи имло риоя намешаванд. Чунин муносибат ба қоидаҳои имло, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ гардидааст, саҳлангорию бемасъулиятии муаллифон ва роҳбарони чунин нашрияҳо дар амри риоя намудани Қонуни забон мебошад.

Мусаллам аст, ки ҳар қаламкаш дар доираи донишу малакааш эҷод мекунад, вале ин маънои онро надорад, ки ҳар кас худсарона ва бе риояи сабки хоси забони тоҷикӣ чизҳое нависад, ки барои доираи васеи хонандагон умуман фаҳмо набошад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик аз рисолати касбии рӯзноманигорон сухан ронда, аз ҷумла, чунин гуфтаанд: «Бо забони содаву оммафаҳм ва салису равон расонидани иттилоот ва матолиби таҳлилӣ яке аз вазифаҳои асосии матбуот ва умуман, аҳли қалам мебошад. Аҳли қалам ва рӯзноманигорон худашон бояд дар масъалаи риояи қонун дар бораи забон, тозагии он ва рушди забони ширин ва шоиронаву шевои тоҷикӣ намунаи ибрати дигарон бошанд. Ба андешаи ман, ин яке аз рисолатҳои касбӣ ва қарзи шаҳрвандии рӯзноманигорон маҳсуб мешавад».

Ин панди устодонаву ҳакимонаи Сарвари давлат барои ҳамаи аҳли қалам ва хусусан, барои рӯзноманигорон бояд сабақи бузург ва дар фаъолияти ҳаррӯзаашон чароғи роҳнамо бошад.

**Компютерӣ кардани забони тоҷикӣ**

Компютерӣ кардани забони тоҷикиро Роҳбари давлат яке аз омилҳои нерубахш ба раванди густариши забони тоҷикӣ медонад. Ин раванд, пеш аз ҳама, маънои ба вуҷуд овардани фазои ягона ва ба низом даровардани коргузории расмии идораҳо ва муассисаҳои давлатиро дар асоси истифодаи василаҳои техникӣ дорад. Барои ба вуҷуд овардани низоме, ки ба талаботи даврони истиқлол ва рушду тавсеаи забони давлатӣ мусоидат намояд, дар марҳалаи аввал бояд ба ҳалли ду масъала кӯшиш намоем: ба ҳамаи компютерҳо насб кардани сафҳакалиди (клавиатураи) тоҷикӣ ва таъмини компютерҳо бо вироишгари матнҳои тоҷикӣ.

Дар шароите, ки компютер як унсури ҷудонопазири воситаҳои зиндагии мост, мебояд тамоми истифодабарандагони воситаҳои технологияҳои иттилоотии кишвар дар компютерҳо барномаи ягонаи тоҷикӣ насб кунанд, зеро имрӯзҳо сафҳакалиди тоҷикӣ ва вироишгари матнҳои тоҷикӣ аз ҷониби

олимони тоҷик ба вуҷуд оварда шудаанд. Вироишгари матнҳо, ки ба таври худкор имлои калимаҳоро баррасӣ ва дар мавриди ташхиси хатое дар вожаҳо шакли дурусти онҳоро пешниҳод менамояд, ба коҳиш ёфтани ғалатҳои имлоӣ кумак хоҳад кард ва дар роҳи покизагии забони давлатӣ мусоидат хоҳад намуд.

### Дурусту беғалат нигоштани лавҳаҳо ва овезаҳо

Яке аз мушкилот дар иҷрои муқаррароти Қонуни забон ба масъалаи эълону реклама, лавҳаю овезаҳо, номгузории муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонӣ марбут аст. Дар баъзе мавридҳо навиштаҷоти ороиши берунӣ ва дигар лавҳаю овезаҳо бар хилофи Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия мешавад, ки ин як навъ қонуншиканӣ мебошад.

Имрӯзҳо дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахт ва шаҳру ноҳияҳо номҳои фаровони хориҷӣ, ки ба қонунгузории мо мухолифат доранд, ба мушоҳида мерасанд. Номгузорӣ ба забонҳои хориҷӣ беэҳтиромӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, Истиқлоли давлатӣ ва худшиносии миллӣ мебошад. Дар баъзе лавҳаву овезаҳо қоидаҳои одитарини имлои забони тоҷикӣ риоя намешаванд ва пур аз ғалат мебошанд. Ҳатто дар лавҳаҳое бо дуруди наврӯзӣ ғалатҳои имлоӣ ба чашм мехӯранд.

Матни норавону пурғалати овеза ва шиорҳо беэҳтиромиро ба забони модарӣ ба миён меоварад. Ин падидаи номатлубро на фақат дар шаҳру ноҳияҳо, балки дар пойтахт низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Бино бар ин, агар ҳаллу фасли оқилонаву равшангаронаи ин масъала, аз як сӯ, вазифаи ороишгарону рассомону тарҳрезон бошад, аз сӯйи дигар, вазифаи роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мебошад.

### Сифати тарҷумаи филмҳои истеҳсоли хориҷӣ ба забони тоҷикиро беҳбуд бояд бахшид

Сифати тарҷумаи филмҳои хориҷӣ боз як мавзуи печида аст. Аксари филмҳои хориҷие, ки дар солҳои охир ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд, бо калимаҳову таркибҳои номуносиб ва таҳтуллафзӣ баргардоншуда ба одитарин талаботи касбӣ посухгӯ нестанд.

Дар шароите, ки бисёре аз ҳамватанони мо ба тамошои ин филмҳо марок доранд, пахши чунин филмҳо бо лаҳни номуносиб муҷиби паст фаромадани завқи бадеӣ ва коста гардидани малакаи забондонии мардум мегардад.

Дар бораи тарҷумони хуб назарҳову ақидаҳои зиёде баён шудаанд. Дар нигоҳи аввал ба назар мерасад, ки тарҷумони хуб бояд ду забонро фаро гирифта бошад. Аммо барои тарҷумони хуб будан, илова бар ду забонро донистан, аз баъзе маҳоратҳо ва вижагиҳои дигар низ бархӯрдор будан лозим аст. Истеъдоди нависандагии тарҷумон бояд дар ҳудуди истеъдоди муаллифи асари тарҷумашаванда бошад. Агар касе натавонад як асари хубу хонданӣ нависад, аз эҳтимол дур нест, ки тавоноии тарҷумаи як асари хубу хонданиро низ надорад. Тарҷумони хуб бояд, мисли ҳунарпешаи хуб, ба калимаҳо ҳаёту ҳаракат бахшад ва муҳимтар аз ҳама, ҳатман бояд нависанда бошад. Мутаассифона, аксари тарҷумонҳои ин гуна филмҳо касоне мебошанд, ки аз ҳунари нависандагӣ хабаре надоранд.

Вижагиҳои тарҷумони хубро коршиносон чунин тафсир намудаанд:

**– муҳтавои матн ва ҳадафи нависандаро ба хубӣ дарк кунад;**

**– аз дониши васеъ дар матни аслӣ бархӯрдор бошад;**

**– аз тарҷумаи лафз ба лафз, ки ҳам ба мафҳуми матни аслӣ ва ҳам ба зебоии он зарба ворид мекунад, парҳез намояд;**

**– бо шаклҳои гуфтории роиҷ ва маъмул дар ду забон хуб ошно бошад ва ба таври муносиб ба кор гирад;**

**– аз тариқи интихобу тартиби муносиби калимаҳо таъсири ҳамаҷониба ва лаҳни матни аслиро ба тарҷума интиқол диҳад.**

Умед аст, ки ин масъала ҳалли худро пайдо менамояд ва тамошобинон на фақат аз муҳтавои филмҳо, балки аз гуфтори ширину шевои тоҷикона эҳсоси лаззат мекунанд.

**Эҷоди асарҳои баландмазмун ва баландғоя**

Имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи ҳар қаламкаш тарғиби арзишҳои олии фарҳанги миллӣ, ки забон унсури асосии он аст, мебошад. Адибон, ки дар ҳамаи давру замон дар сафи пеши созандагӣ, эҳёи арзишҳои милливу инсонӣ ва густариши донишу маърифат қарор доштанд, имрӯз низ бояд бо офаридани асарҳои пурмазмуну баландғояашон насли ҷавонро ба ватандӯстӣ, гиромидошти забони модарӣ, илмомӯзӣ ва умуман, инсони комил шудан ҳидоят намоянд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти ин ки Истиқлоли миллӣ ба аҳли сухан шароити озоди эҷодиро фароҳам овардааст, бо мурочиат ба адибон гуфтааст: «Имрӯз майдони сухан барои аҳли эҷод фарох аст. Шумо асарҳои баландғоя эҷод намоед, онҳо, албатта, бо дастгирии Ҳукумат нашр хоҳанд шуд. Эҷоди асарҳои пурмазмун ва таблиғкунандаи арзишҳои волои милливу умумибашарӣ барои тарбияи кӯдакону наврасон хеле муҳим мебошад».

Ҳамчуноне ки дар саҳифаҳои боло гуфта шуд, адабиёт, пеш аз ҳама, маъно ва ҳикмат аст, – маъно ва ҳикмате, ки дар қолаби сухани дилчасп, нақли ҷолиб ва бо истифода аз санъатҳои баланди бадеӣ, ташбеҳу истораву таносуби калом офарида шудааст. Яъне, китобҳои бадеӣ фақат баёни қиссаву ривоят ва зодаи қалампардозиҳо ва хаёлбофиҳои нависандагон нестанд. Нависандагон мекӯшанд, то дар қолаби каломи дилписанд достони ҳақиқатҳои талхи рӯзгоронро бозгӯянд ва парда аз бедодгариҳо, палидиҳо, ситамгариҳо, номуродиҳо ва нобасомониҳои боварнакарданӣ бардоранд. Онҳо – гоҳе аз забони худ ва гоҳе аз забони қаҳрамонони асарҳояшон андарз мегӯянд ва ба хонанда роҳи хушбахтӣ ва саодатро нишон медиҳанд. Дар романҳову достонҳо некиву бадӣ, дӯстиву душманӣ, вафову хиёнат, меҳрубониву хушунат ва дигар масъалаҳо дар канори ҳам қарор дода мешаванд, то хонанда беҳтар ва бештар биомӯзад.

Рӯиҳамрафта адабиёт бо ҳама нақши бузурги иҷтимоиаш, пеш аз ҳама, сарчашмаи омӯзиши гуфтори адабӣ мебошад. Китоби хуб он китоб аст, ки мазмунҳои баланд бо забони зебову шево ва суфтаву равон баён шуда бошанд. Китоби хуб на танҳо саргармкунанда аст, балки ҷанбаҳои омӯзишӣ низ дорад ва ба хонанда донистаниҳои тозае медиҳад. Ҳамчуноне Сарвари давлат таъкид намудаанд: «Хонандаи мо имрӯз зиёдтар ба асарҳое ниёз дорад, ки дастовардҳои даврони истиқлолият, кору пайкори қаҳрамонони сохтмонҳои бузурги кишварамонро бо ҳақиқатнигорӣ ва завқи баланди бадеӣ инъикос менамоянд.

...Китобҳое бояд ба нашр расонд, ки рисолати таърихии миллатро рӯшан намоянд, неруи зеҳниро бедор кунанд, моро ба донишандӯзию ҷаҳоншиносӣ бихонанд, оташи муҳаббатро ба Ватан, обу хоки поки он, рамзҳои муқаддаси миллӣ дар дили мардум барафрӯзанд. Ба андешидан водор созанд, ки мо кистем, аз куҷоем ва дар пайи чистем, моро бедории милливу фарҳангӣ ва ҳушёрии сиёсӣ бахшанд, то бидонем, дӯст ва душмани мо кист, чӣ касе ба сарзамини мо аз дари дӯстӣ даромада, чӣ касе бо ғаразҳо ва ҳадафҳои нопок. Он гоҳ метавон гуфт, ки мо вазифаи муқаддаси худро дар назди миллату Ватан анҷом додаем».

Навиштани китобе бо чунин вижагиҳо кори саҳл нест, аммо ҳар як адиб, чун қалам барои эҷод мебардорад, пеши худ биандешад, ки ӯ барои тарбияи завқи бадеии ҳамватанони хеш масъулият дорад.

**Чопи китоби олимон ва адибони гузашта**

Мо бояд мероси гаронбаҳои ниёгонамонро, ки ганҷинаи бузурги маънавӣ мебошад, барои тарбияи мардум дар рухи худогоҳию ватандӯстӣ истифода намоем. Осори илмӣ, адабӣ ва фалсафии бузургони миллати мо осори куҳнашудаи гузашта нест, балки он имрӯз ҳам чун сарчашмаи ҳалли мушкилоти ҷомеаи муосир хизмат карда метавонад. Ин мероси пурбаҳои адабӣ барои кишвари соҳибистиқлолу ҳуқуқбунёди мо хеле зарур мебошад, зеро бунёди ҷомеаи нав инсони худшиносу худогоҳ ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баландро тақозо менамояд ва хушбахтона, осори адабии ниёгони мо саршори андешаҳои волои ахлоқиву башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси

ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардум нақши бузург мебозад. Аз соли 2004-ум инҷониб ҳамасола аз Хазинаи эҳтиётии Президенти мамлакат барои табъу нашр маблағ ҷудо мешавад. Дар натиҷа, ҳар сол аз тариқи муассисаҳои табъу нашрм ҷумҳурӣ даҳҳо номгӯй китобҳои адибони гузашта ба табъ расида, дастраси ихлосмандони каломи ноб мегарданд.

**Забони мо мояи ифтихори мо, тоҷикон аст**

Ҳар халқу миллате ба ҳамон андозае, ки марзҳои зиндагии моддӣ ва андешаи маънавии худро густариш медиҳад, забони худро тавонотар ва умри онро дарозтар менамояд, зеро ҳамон гуна, ки ошкор аст ва таърихи инсоният нишон медиҳад, забон падидаест, ки монанд ба мавҷудоти зинда аст, – рӯзе ба дунё меояд, замоне ба ҳаёти худ идома медиҳад ва чун неруи зиндагиашро аз даст дод, умраш ба охир мерасад. Тӯли умри ҳар забон вобаста ба неруи ҳаётӣ ва қувваи офаринишу созандагии соҳибони забон аст.

Аҳли забонро метавон ба сокинони шаҳре монанд кард, ки меъморони он забон сохтаанд ва ин меъморон шоирон, нависандагон, олимон, мутафаккирон мебошанд. Меъморони асили забони тоҷикӣ низ ҳазорон сол пеш калима ба калима ин забонро ҳамчун меъморони моҳир канори ҳам чида, бақои ин забонро барои садсолаҳо муайян сохтанд.

Акнун вазифаи мо – сокинони шаҳри забони тоҷикӣ – аст, ки ин мероси гаронқадрро, ки гузаштагони некномамон аз худ ёдгор гузоштаанд, посдорӣ ва ҳифз кунем.

Равшан аст, ки аҳли ин шаҳр – шаҳри забони тоҷикӣ – дар асри бисту якум бо ниёзҳо ва мушкилҳои хосе рӯбарӯянд, вале онҳо набояд аз ин мушкилиҳо ҳаросанд, балки ҷидду ҷаҳд намоянд ва нагузоранд, ки ин мероси гаронбаҳои расида аз ниёгонашон вайрон шавад. Барои ҳифзи он пайкор кунанд, ки ин забони ширину шево барои наслҳои ояндаи тоҷик хидмат кунад ва ҳамчуноне ки мо, имрӯзиён, забони Рӯдакиро мефаҳмем, баъд аз ҳазор солояндагон забони моро фаҳманд.

Забони тоҷикӣ забонест, ки андеша, ҳувият ва халқияти моро шакл додааст ва зарифтарину зеботарин ҷанбаҳояш ба хусусияти миллии мо табдил гаштаанд.

Забони тоҷикӣ унсури ваҳдатбахш, рамзи ягонагӣ ва ваҳдати миллии мост.

Забони тоҷикӣ забони илм, адабиёт, калом, мантиқ, фалсафа аст. Агар ба китобҳои таърихӣ назар андозем, мебинем, ки ин забон дар ҳама замон ва дар тамоми риштаҳои илм қудрати баён доштааст.

Забони тоҷикӣ забонест, ки дар тӯли таърих асолаташро нигоҳ доштаву сурудаҳои Рӯдакӣ – падари шеъри форсӣ – баъд аз ёздаҳ садсола ҳанӯз ҳам барои мо фаҳмоянд:

**Ҳар кӣ н-омухт аз гузашти рӯзгор,**
**Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.**

Имрӯз ҳар як мактабхони тоҷик забони ашъори Рӯдакӣ, достонҳои «Шоҳнома» ва рубоиёти Хайёмро ба хубӣ мефаҳмад.

Осори Шекспирро, ки чаҳорсад сол пеш суруда шудааст, англисзабонон, бидуни ба забони имрӯз баргардонидан, намефаҳманд. Пас, месазад, ки ба ин забони ниёкону модари худ бифахрем ва онро чун номаи миллати худ ҳифз кунем.

Дар бисёре аз биноҳои даврони ҳукмронии муғул дар Ҳиндустон ашъори тоҷикӣ бар рӯйи катибаҳои мармарин ҳаккокӣ гардидааст. Дар сароҳо ва кохҳои ҳукуматдорони турки усмонӣ катибаҳо ба забони тоҷикӣ ва бо хати заррин нигошта шудаанд. Он гоҳ барои мо гунохе набахшиданӣ аст, ки дар гаҳвораи забони тоҷикӣ ин забони азизро густариш надиҳем. Агар замоне Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол ва садҳо ниёгони бузургамон бо осори оламгирашон забони тоҷикиро аз нав зинда карданд ва онро шуҳраи офоқ намуданд, чаро мо имрӯз барои нигоҳ доштани забони падаронамон кӯшиш накунем?

Мо бояд, ҳарчи дар тавон дорем, аз вожаҳои тоҷикӣ баҳра барем ва тоҷикона сухан гӯем, зеро миллати мо тоҷик ва забонамон тоҷикӣ аст.

Забони мо мояи ифтихори мо, тоҷикон аст. Моро ба ин забон мешиносанд.

**Р. Дониёров,**
**профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**М. Дониёрова,**
**дотсенти Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

# ДАР ҲИФЗИ ТАБИАТИ НОТАКРОРИ ВАТАН МЕКӮШИД



Мақоми илм ва зиёиён дар пешрафт ва рушди устувори ҷомеа хеле баланд аст. Ҳиссаи олимон, хосса, муҳаққиқони табиатшинос дар рушду инкишофи илми тоҷик назаррас мебошад. Яке аз онҳое, ки дар ин ҷода хизмати шоиста ва беназир намудааст, табиатшиноси намоёни тоҷик, олим ва ташаббускори беҳамтои илм, муҳаққиқи варзида академик Муҳаммадқул Нарзиқулов мебошад. Имсол ба мавлуди олими варзида, Арбоби хизматнишондодаи илм, энтомологи дорои шуҳрати ҷаҳонӣ, педагог ва мураббии соҳибмаҳорат, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино, марди хоксору наҷиб, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Нарзиқулов Муҳаммадқул 110 сол пур шуд.

Мавсуф зодаи шаҳри Самарқанд буда, пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон дохил мешавад. Пас аз бо дипломи аъло хатм намудани донишгоҳ ӯ барои идомаи фаъолият дар кафедраи зоологияи Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон ҷалб гардида, ҳамзамон, корҳои пажуҳишии худро аз рӯйи мавзуи илмиаш шуруъ менамояд. Оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои амалӣ гардидани нақшаҳои илмии олими ҷавон халал ворид намуд ва ӯ барои дифои Ватан раҳсипор гардид. Дар муҳорибаҳои шадиди назди Сталинград сахт захмӣ шуда, дар госпитали ҳарбӣ ҷарроҳӣ гузаронид ва пас аз шифоёбӣ ба донишгоҳи худ баргашт. Дар ин ҷо Муҳаммадқул Нарзиқулов баҳри барқарорсозии фаъолияти кафедраҳои факултаи биологияи донишгоҳ фаъолона ширкат варзида, ҳамзамон, таҳти роҳбарии профессори машҳур Н.З. Туркевич корҳои пажуҳиширо идома бахшид ва дар яке аз ҷаласаҳои навбатии Шурои илмии Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон рисолаи илмии худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ бомуваффақият дифоъ намуд.

Соли 1946 бо даъвати филиали Тоҷикистонии Академияи илмии ИҶШС Муҳаммадқул Нарзиқулов барои идомаи фаъолият ба пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе меояд ва фаъолияти минбаъдаи илмию таълимӣ ва ҷамъиятии олим бо Тоҷикистон иртиботи ҳамешагӣ пайдо намуд. Бо тавсияи президенти аввалини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва академики АИ ИҶШС, ташаббускори илм дар Тоҷикистон Павловский Евгений Никанорович соли 1947 М. Нарзиқулов директори Институти зоология ва паразитологияи Академияи илмҳо таъйин гардид. Солҳои минбаъда дар Институти зоология ва паразитология самтҳои асосии тадқиқоти оламы ҳайвоноти Тоҷикистон, аз содатаринҳо сар карда, то ҳайвоноти сутунмуҳрадор муайян гардиданд. Хусусан, омӯзиши намудҳои ҳашароте, ки аҳаммияти бештар дар хоҷагии халқ доштанд, ба роҳ монда шуд. Бо ҳамин мақсад, сол то сол шуъбаҳои илмии энтомология, паразитология, ихтиология ва гидробиология, ҳайвоноти муҳрадор ва лабораторияҳои омӯзиши агробиосенозҳои пахта, боғҳо, коркарди усулҳои биологии мубориза бо зараррасонҳо ташкил ва таъсис меёфтанд. Институти зоология ва паразитология ба махзани воқеии омода намудани мутахассисони соҳаи зоология табдил гардида, таҳти роҳбарии академик Нарзиқулов М. мактаби энтомологҳо таъсис ёфт. Бояд зикр намуд, ки фаъолияти институт таҳти

назорати ҳамешагӣ ва ғамхориву таваҷҷуҳи доимии сарвари Институти зоологияи Академияи илмҳои ИҶШС олими шинохта, академик Е.Н. Павловский қарор дошт. Ӯ дар шахсияти ин олими тоҷик ташаббускори илми биологияи Тоҷикистонро дида, Нарзиқуловро яке аз шогирдони беҳтарини худ меҳисобид. Аз ин лиҳоз, академик Павловский Е.Н. ба кишвари мо пайваста сафарҳо менамуд ва табиист, ки чунин ташриф овардани ҳо ба рушди тадқиқоти биологӣ дар минтақа мусоидат менамуд.

Нарзиқулов М. таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти таълимиашро бо маҳорати том пайваста намуда буд. Ӯ дар муддати солҳо вазифаи мудири кафедраи биологияи Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва сарварии кафедраи зоологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ба уҳда дошта, ҳар сол ба донишҷӯёни Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон доир ба ҳимояи растаниҳо курсҳои махсусро таълим медод. Ҳамчун педагог ва мураббии бомаҳорат ӯ ба эҳтиром ва муҳаббати самимии олимону донишҷӯёни ин муассисаҳои пешсафи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ сазовор гардида буд.

Соли 1956 Нарзиқулов М. рисолаи илмиашро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои биологӣ дар шаҳри Ленинград бомуваффақият дифоъ намуда, пештар аз ин якдилона ба аъзо-корреспондентии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон интихоб гардида буд. Бо дарназардошти фаъолияти пурмаҳсулу тӯлонии педагогияш дар омода намудани кадрҳои соҳаи биология ба ӯ унвон ва дипломи профессорро низ супориданд. Дар тӯли фаъолияти пурмаҳсули зиёда аз 40-солаи роҳбарияш дар вазифаи директори Институти зоология ва паразитологияи Академияи илмҳо олим дар рушд ва такомули илми зоология саҳми босазо гузоштааст. Дар ин солҳо бевосита таҳти роҳбарии ӯ натанҳо олимони ҷавони Тоҷикистон, балки Русия, Украина, Молдавия, Назди Балтика, Қазоқистон, Қафқоз, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд.

М. Нарзиқулов бо олимони намоёни Чехословакия, Полша, Голландия, Ирландия, Ҳиндустон, Покистон ва дигар давлатҳо низ ҳамкории густурда дошта, дар ҳаммуаллифӣ бо олимони ин кишварҳо таълифоти судманде ба анҷом расонидааст. Ҳамчунин, бо маърӯзаву гузоришҳои илмии худ дар форуму симпозиумҳои байналмилалӣ ва конференсияҳои бонуфуз борҳо бароманд намудааст.

Ба қалами академик зиёда аз 600 таълифоти илмӣ мансуб буда, дар байни онҳо китобу монографияҳои бузургҳаҷм, китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмиву оммавӣ ва васоити мухталифи илмӣ мавҷуданд. Ӯ муҳаррири бисёре аз маводи илмие мебошад, ки аз ҷониби кормандони институт ба нашр расидаанд. Таҳти роҳбарии ӯ аз ҷониби олимони Институти зоология ва паразитологияи ба номи академик Павловский Е.Н. китоби бисёрҷилдаи «Фаунаи Тоҷикистон», ки ба синфҳо ва бахшҳои олами ҳайвоноти ҷумҳурии мо бахшида шудаанд, таҳия ва нашр гардидаанд. Дар ин силсилакитобҳо маълумоти муфассал оид ба таснифот ва таҳаввулоти биологӣ, экология, зоогеография, аҳаммияти хоҷагидорӣ ва роҳу усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо ва бемориҳои ҳайвонту наботот оварда шудаанд. Муҳаммадқул Нарзиқулов муаллифи се нашри силсилаи «Ширинчаҳои Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои ҳамсарҳади Осиёи Миёна» мебошад, ки ду нашри он дар ҳаммуаллифӣ бо шогирдонаш - номзадони илмҳои биологӣ Ш. Умаров ва М. Дониёрова таҳия шудаанд.

Соли 1967 барои саҳми бузург дар рушди илми биологияи Тоҷикистон ва омода намудани мутахассисон Нарзиқулов М. ба узвияти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон интихоб мешавад. Минбаъд дар вазифаи директори Институти зоология ва академик-котиби шуъбаи илмҳои биология, саркотиби илмии раёсати АМИТ хидмати шоиста карда, дар пешравии илми тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Академик М.Нарзиқулов ҳамеша бо мактабҳои олии ҷумҳурӣ ҳамкорӣ намуда, дар ташкили раванди тадқиқот, таълими илмҳои табиатшиносӣ, тайёр кардани ҳазорҳо кадрҳои баландихтисос хидмати шоиста дорад. Ӯ тайи солҳои зиёд вазифаи раиси Шурои диссертатсиониро оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ дар академияи мазкур ба уҳда дошт ва пайваста ба таълими аспирантон, унвонҷӯён эътибори махсус зоҳир намуда, садҳо олими ҷавони соҳибунвонро ба камол расонидааст.

Академик М. Нарзиқулов солҳои тӯлонӣ сармуҳаррири маҷаллаи “Ахбори АИ Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои биология)”, узви ҳайати асосии таҳририяи Энсиклопедияи советии тоҷик, узви фаъоли Шурои таҳририяи табъу нашри раёсати АИ Тоҷикистон махсуб меёфт. Олими нуктасанҷ мақолаву рисола ва китобҳое, ки барои чоп пешниҳод мешуданд, бо масъулияти баланд,

## ОЛИМИ ТАБИАТШИНОС

ҷиддияти тамом ва дақиққорона таҳлилу таҳрир менамуд. Ҳар як тадқиқоти худи академик М.Нарзиқулов дар илм ҳодисаи намоён, падидаи беназир ба шумор мерафт.

Академик Нарзиқуловро барои хондани лексияҳо доир ба масъалаҳои мубрами илми биология, экология, таболули таҷрибаи усули интегратсионии мубориза бар зидди зараррасонҳои пахтазор, боғҳои мева, растаниҳои шифобахш, гиёҳҳо ба донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ даъват менамуданд. Дар он солҳо Академияи илмҳои Тоҷикистон ҳамчун яке аз беҳтарин сохторҳои зеҳнӣ дар ИҶШС ном баровард, ки баҳри ноил гардидан ба ин шарафи бузург хизматҳои мондагори олимони тоҷик, ки заҳматписандиро дар хидмати холисонаю фидокорона ба Ватан ва наслҳои оянда ҳадафи асосӣ ва аслии худ қарор дода буданд, бениҳоят бузург аст. Хидматҳои академик М. Нарзиқулов ҳамчун яке аз ташкилкунандагон ва роҳбарони нахустини Ҷамъияти ҳифзи табиати ҷумҳурӣ дар ҳифзи табиати нотакрори кишвари мо ва дигар манотиқи Осиёи Марказӣ басо бузург аст. Бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи М. Нарзиқулов "Китоби сурх"-и Тоҷикистон нашр гардид, ки дар он 162 намуди олами ҳайвонот ва 226 намуди наботот дохил гардидаанд. Ҳадаф аз нашри "Китоби сурх" пешгирии камшавии босуръати намудҳои набототу ҳайвонот, андешидани тадбирҳо баҳри ҳифзу эҳёи намудҳои нодир ва таҳдид ба нобудшавӣ доштаву аз байн рафтаистодаи олами флора ва фауна ба ҳисоб мерафт. Ғайр аз ин, нашри ин китоби арзишманд дар тарбияи экологии ҷавонон ва ташвиқи маданияти экологӣ дар байни аҳолии кишвар нақши муҳим дорад.

Дар охири солҳои 1960-ум олимон ва мутахассисони хадамоти ҳифзи растаниҳо дар садади таҳаввулоти ногузиру амиқи таҷрибаи мавҷудаи ҳифзи ҳосил аз зараррасонҳо – канаҳо ва ҳашарот қарор доштанд. Пеш аз ҳама, сухан дар мавриди ба низом даровардани истифодаи воситаҳои химиявӣ бар зидди зараррасонҳои пахта ва боғҳо мерафт. Коркарди ин муаммои басо муҳимро академик М. Нарзиқулов сарварӣ кард. Солҳои 1968 то 1980 дар Тоҷикистон дар ҳифзи интегратсионии пахта, ҳамчун низоми нисбатан пурра ҷавобгӯ ба манфиатҳои беҳдошти ҳосилнокӣ, ҳифзи муҳити атроф аз заҳролудшавӣ бо пестисидҳо (заҳрхимикатҳо), дар иртибот ба ин ҳифзи саломатии аҳолӣ марҳилаи гузариш ба амал пайваст. Самаранокӣ ва боэътимодии ин низоми ҳифзи пахта аз зараррасонҳо бо корбурди миқдори камтарини моддаҳои химиявӣ, фаъолсозии амалиёти популятсияҳои табиии энтомофагҳо, идоракунӣ ва танзими навънокии намудҳои зараровар дар агробиосеноз аз ҷониби кулли мутахассисони соҳаи хоҷагии қишлоқ эътироф гардида, дар аксари манотиқи пахтакори Осиёи Марказӣ татбиқ гардиданд. Дар натиҷа, ҳаҷм ва давраҳои коркарди химиявӣ маҳдуд карда шуда, зарурати истифодаи авиатсияи хоҷагии қишлоқ аз байн рафт. Ин тадбирҳо тозагии тамоми сохторҳои муҳит ва табиати атрофро таъмин намуда, боис гардиданд, ки хоҷагиҳо аз ҳисоби сарфаи маблағҳои барои мубориза бар зидди зараррасонҳо сарфшаванда ва фурӯши маҳсулоти ҳифзшуда даромади зиёд гиранд. Муҳим он аст, ки татбиқи ин усулҳо дар амалия боиси беҳдошти солимии вазъи экологӣ, бавуҷудоии шароити мусоид баҳри баландбардории ҳосилнокии меҳнат, ташаккули мафкура ва фарҳанги экологӣ байни роҳбарияти хоҷагиҳои пахтакори ҷумҳурӣ гардиданд.

Барои коркард ва татбиқи бомуваффақи усулҳои ҳифзи интегратсионии пахтазор бо истифодаи унсурҳои муборизаи биологӣ академик Нарзиқулов М. ва шогирдони ӯ ба мукофоти олитарин дар соҳаи илм ва техника - Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино сарфароз гардиданд.

Муҳаммадқул Нарзиқулов инсони дорои ҷозибаи нодир ва бениҳоят хоксор буд. Ӯ холисона ба илм хидмат намуд, ҳатто, дар рӯзҳои бемориаш аз болои масоили илмӣ кор мекард, мақолаҳо менавишт ва таассуф аз он мебурд, ки ҳанӯз нақшаҳо ва маромҳои амалинашудаи зиёде дорад. Шоистаи зикр аст, ки номбурда дар радифи дигар ходимони барҷастаи илми кишвар дар шумори 20 нафар машҳуртарин чеҳраҳои илми Тоҷикистон дар асри XX шомил гардидааст. Мо хеле сарфароз ва хушбахтем, ки бо чунин инсони фозил, олими соҳибмаърифат, некбин ва хоксор М. Нарзиқулов, ки ҳамеша дар дилу дидаҳои мо симои мунаввараш нақш баставу хотироти некаш дар ёдҳо маъво гирифтааст, зистем, ҳамдаму ҳамсуҳбат ва ҳамкор будем.

Бовarmанд ҳастем, ки зиндагиномаи ин олими саршиноси тоҷик ва ин чеҳраи маъруфи илми табиатшиносӣ барои насли ҷавони кишвар, барои пажуҳишгарони навроҳ ҳамчун раҳнамо хидмат хоҳад кард ва эҷоду коркардҳои илмии ин шахсияти фарзонаи илму маорифи кишвар барои рушди илми тоҷик дар даврони мо низ хидмати арзишманд хоҳад намуд.

## САЙҚАЛИ ЗЕҲН

**Мураттиб: Ҳотами ҲОМИД**

## ЧАЙНВОРДИ “ХАРИТА”

### Аз чап ба рост:

4. Қаҳрамони повести «Ривояти суғдӣ». 5. Воситаи ороиш. 7. Муаллифи «Ал – Қонун». 8. Тамғаи мошини хориҷӣ. 9. Тими футболи Испания. 10. Исми маъмулии мардона. 13. Дарё дар Россия. 16. Асари И. Тургенев. 17. Ҷинсият. 18. «Хоб *** - и сабук аст» (Сино). 19. Пойтахти ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ. 22. Асари Ф. Муҳаммадиев. 23. Меваи субтротикӣ.

### Аз боло ба поён:

1. Мутафаккири шинохтаи олмонии асри 19. 2. Навъи харбуза. 3. Олими физики фаронсавии асримиёнагӣ. 5. Як навъи бухории миллӣ. 6. Қаҳрамони афсонаҳои халқӣ. 9. «Чу *** падар бошаду ман писар» (Фирдавсӣ). 11. Мухаммаси Сайидо. 12. Мафҳуми физикӣ. 14. Собиқ вазири фарҳанги Тоҷикистон. 15. Асбоби аёнӣ дар фанҳои таърих ва география.18. Андешаи чигил. 20. Жанри адабиёт. 21. Қувваҳои мусаллаҳ.




## ҶАВОБҲОИ ЧАЙНВОРДИ “РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ”

1. Истиқлол, 2. Лоиқ, 3. Қурутоб, 4. ”Борбад”, 5. Дутор, 6. Равған, 7. ”Навобод”, 8. Дарвоз, 9. Зебуннисо, 10. Ош, 11. Шоҳтемур, 12. Раббонӣ, 13. Изҳорот, 14. Таҳдид, 15. Девзира, 16. Ашт, 17. "Тоҷикон", 18. Наср, 19. Рангинкамон, 20. Ношир, 21 .”Ромсар”, 22. Рудоба, 23. Аҳриман, 24. "Наво", 25. Омор, 26. Раёсат, 27. ”Тобистон”, 28. Нақб, 29. Башар, 30. Русто, 31. Озод, 32. Дусад, 33. Далв, 34. ”Вафо”, 35. ”Озар”, 36. ”Рахш”, 37. Шоҳмансур, 38. ”Равшан”, 39. Нишон, 40. Норӣ, 41. Ид, 42. Дахр, 43. ”Радиф”, 44. Фарғона, 45. ”Ахбор”.

# МУНДАРИЧА


**ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ**

А. ЗАРИФӢ. Низоми таълими дуалӣ - замина барои рушди сармояи зеҳнӣ..................1

**ТАШАББУСҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО**

М. ҶАВҲАРӢ, Н. ҚУРБОН. Нақши Тоҷикистон дар форумҳои ҷаҳонии об..............5

**ИДЕОЛОГИЯ**

МАВЛОНАЗАРОВ С.С. Таъмини амнияти иттилоотӣ – муҳимтарин рукни муқовимат бо экстремизм ва терроризм........................................................................................10

**ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ**

М. САФАРОВ. Тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати рафъи ҷиноятҳои киберӣ............................12

**ХУДРО БИШНОС**

С. ШОДИЕВА. Ҷамъи қатраҳои об дарёро ба вуҷуд меорад.........................................15

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

Д. БОБОХОНОВА. Давраи ҳассосу нозук барои волидон – фарзанд ба синфи якум меравад..........................................................................................................16

**ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР**

Ф. САФАРОВ. Ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасони имкониятҳояшон маҳдуд таваҷҷуҳи хосса медиҳем.........................................................................................18

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

Р. ОДИНАЕВ, А. МИРЗОЕВ. Омодагии математикии донишҷӯён ба Озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат"........................................................................20

**ТАТБИҚИ БАРНОМА**

А. ЗУМРАТОВ. Тоҷикистон - хазинаи бебаҳои элементҳои химиявӣ.........................26

**МЕТОДИКА**

Ҳ. СОҲИБЗОДА. Зиёву нур резад бар Ватан, хуршеди истиқлол..............................29

**КАШШОФИ АСРОРИ КАЙҲОН**

Л. ҲОҶИЕВА, Р. БАҲРОМЗОД. Абдурраҳмони Сӯфӣ ва дастовардҳои астрономии ӯ...33

**ҲИКМАТ ВА РАВОНШИНОСӢ**

М. ТОШПӮЛОДОВ. Барои шоду масрур зиндагӣ кардан талош кунем......................37

**РОҲНАМО БА ОМӮЗГОРОНИ МАТЕМАТИКА**

Б. ҚАЮМОВ. Хусусиятҳои ташкили кори мустақилона ва роҳҳои ҳалли мушкилот дар раванди дарс........................................................................................40

**ПАЖУҲИШ**

Ф. ҲОШИМӢ. Ҷанбаҳои ҳунарии маснавии “Пандномаи Анӯшервон”......................43

**ПУРСИШ-ПОСУХ**

Ҳ. АЗИЗОВ. Эссе чист ва онро чӣ тавр бояд навишт?..................................................47

**ЗАБОНШИНОСӢ**

З. САЙИДЗОДА. Ҳифзу гиромидошти забони модарӣ вазифаи ҷонии ҳар як соҳибватан аст........................................................................................................54

**ОЛИМИ ТАБИАТШИНОС**

Р. Дониёров, М. Дониёрова. Дар ҳифзи табиати нотакрори Ватан мекӯшид..................59

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИД. Чайнворди “Харита”.........................................................................62

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»**

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**М. АТОЗОДА,** муҳаррир
**Қосимхуҷа НАЗАРОВ,** тарроҳ.
**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи матолиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6420 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifai.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**